**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 322:347.167.1 (575.3)**
**ТКБ: 66.3:86.38(2тоҷик)**
**И-73**

**Исмоилзода Маъруф Искандар**

# СИЁСИШАВИИ ДИН ВА ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИМИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИНКИШОФИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОНӢ: ТАҲЛИЛИ ИҶТИМОӢ-ФАЛСАФӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа

аз рӯи ихтисоси: 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ

Роҳбари илмӣ:

доктори илмҳои фалсафа,

профессор Маҳмадизода Н.Д.

**ДАНҒАРА – 2023**

# МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО**……………………………………… 3

**МУҚАДДИМА**……………………………………………………… 4

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ**.................................................. 12

**БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ СИЁСИШАВИИ ДИН ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР**……………………………………………….. 19

1.1. Истилоҳ, моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи сиёсишавии дин……………………………………………………………….. 19

1.2. Сабабҳо ва заминаҳои сиёсишавии дин дар ҷомеаи муосир…………………………………………………… 41

1.3. Таъсири омилҳои хориҷӣ ба раванди сиёсишавии дин дар марҳилаи кунунии инкишофи ҷомеаи муосир………….. 65

**БОБИ 2. СИЁСИШАВИИ ДИН ВА ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИММИ ОН ДАР МАРҲИЛАИ ИМРӮЗАИ ИНКИШОФИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН**…………… 92

2.1. Омилҳои иҷтимоӣ-сиёсии сиёсишавии дин дар ҷомеаи Тоҷикистон……………………………………………… 92

2.2. Сиёсишавии дин ҳамчун омили пайдоиши гурӯҳҳои динӣ-экстремистӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон……………… 112

2.3. Сиёсишавии дин ҳамчун таҳдид ба суботи ҷомеаи Тоҷикистон..………………………………………………. 129

**Хулоса**……………………………………………………………… 146

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда**……………………………………. 152

**Интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия**…………….. 168

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

**ИШ** – Иттиҳоди Шӯравӣ

**ИА** – Иттиҳоди Аврупо

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**КОМ** – Комиссияи оштии миллӣ

**ВАО** – Васоити ахбори омма

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ТЭТ ҲНИ** – Ташкилоти экстремистию террористии Ҳизби наҳзати исломӣ

**ҶМШСТ** – Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ҶШСТ** - Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Масъалаи омӯзиши ҳодисаҳо ва падидаҳои мухталифи ҳаёти сиёсии ҷомеа мураккаб буда, таҳлили воқеӣ ва баҳои объективиро талаб дорад. Онҳо аз ҳар ҷиҳат пурпечутобанд. Аҳамияти онҳо дар зарурати омӯзиш, мубрамӣ ва мураккабии онҳост. Яке аз ин гуна масъалаҳо, ки дар шароити муосири инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ мубрам ва зарурӣ эътироф мешавад, сиёсишавии дин ва хосиятҳои асосии он мебошад.

Инкишофи давлатҳо дар шакли давлати дунявӣ ва ифодаёбии ҳокимият дар шакли низоми демократӣ омӯзиши масъалаҳо ва равандҳои ба онҳо таҳдидоварро муҳим гардонидааст. Дар ҷомеа ва давлатҳои муосир, ки либералӣ ва демократӣ таъриф мешаванд, ҳама гуна равандҳои сиёсии монеъшавандаи рушди онҳо бояд аз ҷиҳати илмӣ дақиқ баррасӣ карда шаванд.

Масъалаи сиёсишавии дин баҳси рӯзмарраест, ки дер боз диққати олимон, таҳлилгарони соҳаҳои гуногуни донишҳоро ба худ ҷалб намудааст. Доираи илмӣ ва академикӣ ба масъалаи мазкур бевосита таваҷҷуҳ менамоянд. Онҳо пайвастагиҳои ин ду падидаи ҷамъиятиро аз диди илмӣ баррасӣ намуда, ҳанӯз аз марҳилаҳои пешин яке тобеи дигар шудан ва истифода бурдани яке аз онҳо аз ҷониби барандагони дигараш бо мақсадҳои гуногун, мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Сиёсишавӣ раванди афзоиши таъсири сиёсат ба дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Сиёсат ва дин ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Таъсири дин ба рушди сиёсии ҷомеа назаррас аст. Сиёсишавии дин, аз нигоҳи омӯзишҳои назариявӣ ҳамчун ҷараён ва кӯшиши яке аз муҳимтарин падидаҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ, идеологӣ ва эътиқодӣ ва барандагони субъектони динӣ, қудратҳо баҳри динигардонии тамоми муносибатҳо, дар давоми таърихи сиёсии башар ба вуқуъ пайвастааст. Сиёсигардонии динро метавон роҳи махсуси субъектҳои мухталиф ба хотири тақвияти иродаи сиёсии онҳо тавсиф кард.

Дин ва сиёсат ҳамеша бо ҳам иртиботи зич доштанд. Аз ин рӯ, навовариҳо ва тағйиротҳои диниро берун аз манзараи сиёсии ҷомеа дарк кардан ғайриимкон аст ва арзёбии рӯйдодҳои сиёсӣ бе назардошти таъсири дин ба ҷараёни онҳо низ номумкин мебошад. Сиёсигардонии дин ва динигардонии сиёсат яке аз тамоюлҳои асосии муносибатҳои мутақобилаи сиёсат ва дин дар олами муосир аст. Сиёсигардонии дин аксаран дар шаклҳои мухталиф зуҳур пайдо мекунад. Он як навъ майлон ва дараҷаи рӯоварии ходимони динӣ ва иттиҳодияҳои динӣ дар фаъолияти сиёсӣ, раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа, ташаккули дараҷаи маънавиёт ва шуури сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Динигардонии сиёсат бошад ҳолатеро мефаҳмонад, ки сиёсатмадорон омилҳо ва унсурҳои диниро дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷомеа ба назар мегиаранд. Метавон ҳолати мазкурро як тарафи тамоюли релятивизми инкишофи ҷомеа дар раванди инкишофи ҷомеа донист. Сиёсигардонии дин ва динигардонии сиёсат дар тӯли таърих омезиш меёфтанд. Имрӯз дар шароити ҷаҳони дунявӣ, ҳамкории дин ва сиёсат на танҳо қатъ нашудааст, балки шаклҳои нав пайдо карда истодааст.

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI тамоюли сиёсишавии дин бештар хоси дини ислом гардид. Дини ислом ба як омили ҷиддии таъсиргузор ба равандҳои сиёсӣ ҳам дар дохили кишварҳои алоҳида ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ табдил ёфтааст. Дар баробари ин, сиёсӣ шудани дини ислом дар ҷаҳон ташаннуҷи иҷтимоию сиёсиро ба вуҷуд меорад. "Эҳёи Ислом" ё "Эҳёи исломӣ" дар солҳои 1960 оғоз шуд. Асри XX, пас аз пошхӯрии системаи ҷаҳонии мустамликадорӣ шоҳиди мавҷи васеи тамоюли сиёсишавии дин гардид. Бар асари пошхӯрии низоми дуқутбӣ ва бадном кардани идеяи коммунистӣ ҳамчун идеологияи ҷаҳонӣ ба раванди сиёсӣ шудани ислом такони нав бахшид.

Муайян намудани сабабҳо, заминаҳо ва омилҳои сиёсишавии дин кори саҳл нест. Ҳолати мазкур аз гуногунии сабаб, замина ва омилҳо вобаста мебошад. Аз шумули сабабҳо ва омилҳои ба вуҷуд омадани сиёсишавии дин ҳамчун тамоюли динӣ – сиёсии замони муосир равандҳои иҷтимоию

иқтисодии ҷомеа ҳамчун омили таъсиргузор ва аксаран шиддатзо ҳисобида мешавад. Дар ростои муайянкуниҳои сабабҳо ва омилҳои сиёсишавии дин, сабабҳои дигари он аз равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷаҳонӣ вобаста мебошад. Махсусан, дар ин раванд ҷаҳонишавӣ низ таъсири амиқ мерасонад. Сабабҳои сиёсӣ шудани дин ва радикализатсияи онро дар сатҳҳои гуногун: ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва дар сатҳи давлатҳои алоҳида баррасӣ кардан лозим аст.

Сиёсишавии дин дар шароите, ки буҳрони умумиҷаҳонӣ ва мушкилоти ҷомеаҳои миллӣ эътироф мегардад, барои Тоҷикистон низ бетаъсир намемонад. Ин тамоюлот ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳ ва шаклҳои гуногун таъсир мерасонад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои сиёсишавии дин паҳн гардидани идеологияи иртиҷоӣ ва тундагароёнаи диндорон ва руҳониён, таблиғи ғояҳои экстремистию террористии «исломизм» мебошад. Арзишҳои ғоявию идеологии мазкур аз ҷониби як қатор ниҳодҳои сиёсӣ, созмону ташкилотҳои иртиҷоӣ ва тундгаро, иттиҳодияҳо ва созмонҳои экстремистии дорои характери динӣ тарғибу ташвиқ мегарданд. Онҳо ҳадафҳои сиёсӣ ва қудратӣ доранд, ки асосаш бо роҳи ғайриосоишта ва таҳдиду барангехтани моҷарои сиёсӣ ташкил намудани шакли ҳокимияти давлатии теократиро доранд. Бо назардошти хавфу хатари сиёсишавии дин ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқи ин масъала хеле мубрам мебошад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуъ.** Сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити муосир диққати сиёсатшиносон, файласуфон, ҳуқуқшиносон ва таърихшиносонро ба худ ҷалб намудааст. Сиёсишавии дин ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи муосир ва давлатҳои дунявӣ, сиёсишавии дин ҳамчун таҳдид ба амнияти миллии давлатҳои муосир, сиёсишавии дин омили асосии зуҳури ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ ва иртиҷоӣ дар корҳои илмию таҳқиқотии олимону таҳлилгарони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар таҳқиқоти мазкур сарашмаҳои илмӣ ва адабиёте, ки истифода

гардидааст, инчунин, муҳаққиқоне, ки масъалаи сиёсишавии дин ва хосияти асосии онро дар шароити муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд, ба якчанд гурӯҳ ҷудо карда шудаанд.

**Ба гурӯҳи якум** сарчашмаҳои илмие дохил мешаванд, ки дар шакли луғатҳои тафсирӣ таҳия шудаанд ва мафҳумҳои «сиёсат», «дин», «сиёсишавӣ», «сиёсишавии дин», «динишавии сиёсат»-ро ба таври гуногун шарҳу тавзеҳ додаанд. Чунончӣ дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ шарҳи мафҳумҳои «сиёсат» ва «дин» ҳамчун падида ба таври махсус ишора карда шудааст[1]. Дар донишномаҳои фалсафии русӣ мафҳумҳои «сиёсат», «дин», «сиёсишавӣ», «сиёсишавии дин» ва «динишавии сиёсат» аз нигоҳи фалсафӣ мушаххас гардидаанд[2]. Дар донишномаҳои сиёсии олимони ватанӣ атрофи муайяннамоиҳои мафҳумӣ ва маъноии категорияҳои «сиёсат», «дин», «сиёсишавӣ», «сиёсишавии дин», «динишавии сиёсат» андешаҳои худро баён намудаанд[3].

**Гурӯҳи дуюмро** таҳқиқоти олимони ватание ташкил медиҳанд, ки дар корҳои диссертатсионии худ паҳлуҳои гуногуни раванди сиёсишавии динро таҳлилу баррасӣ намудаанд. Чунин таҳқиқотро дар рисолаҳои илмии Н.Д. Маҳмадиев[4], А.И. Муминов[5], Н.Д. Назиров[6], Н.С. Раҷабов[7] дидан мумкин аст. Ғайр аз ин, дар асарҳои илмию таҳқиқотии Д.Назиров, А.И. Искандаров,

---

[1] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1 [Матн]. – Душанбе, 2008. – С.453.

[2] Новая философская энциклопедия: в 4-х томах. Т.3. [Текст] / Под ред. В.С. Степина. – М.: Мысль, 2010. – С.436; Философский энциклопедический словарь [Текст] / Под ред. Л.Ф. Ильичева, П.Н. Федосеева, С.М. Ковалева, В.Г. Панова. – М.: Советская Энциклопедия, 1983. – С.576.

[3] Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди 2 [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Эр-граф, 2015; Муҳммад А.Н. Донишномаи мухтасари сиёсӣ [Матн] / А.Н. Муҳаммад. – Душанбе: Эр-граф, 2016.

[4] Махмадиев, Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане: дис. … канд. филос. наук [текст] / Н.Д. Махмадиев. – Душанбе, 2013. – 168 с.

[5] Муминов, А.И. Религиозный экстремизм в контексте социальных изменений: дис. … д-ра филос. наук [текст] / А.И. Муминов. – Душанбе, 2017. – 294 с.

[6] Назиров, Н.Д. Проблемы политического ислама и конфликты в государствах Центральной Азии: дис. … канд. полит. наук [текст] / Н.Д. Назиров. – Душанбе, 2017. – 156 с.

[7] Раджабов, Н.С. Исламофобия в Западной Европе и ее влияние на политические процессы в Центральной Азии: дис. … канд. полит. наук [текст] / Н.С. Раджабов. – Душанбе, 2016. – 146 с.

Н.Д. Маҳмадиев, Р.Ҷ. Ҳайдаров ва чанде дигарон низ хусусиятҳои сиёсишавии дин дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шудаанд.[1]

**Ба гурӯҳи сеюми** сарчашмаҳо ва адабиёти истифодагардида асарҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо ҷанбаҳои назариявию методологии омӯзиши сиёсишавии дин, мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи сиёсишавии дин ошкор гардида, таҳлилҳои ҳамаҷониба анҷом дода шудаанд. Доираи илмӣ ва академикии илмҳои иҷтимоию фалсафӣ ба масъалаи мазкур бевосита таваҷҷуҳ менамоянд. Онҳо пайвастагиҳои ин ду падидаи ҷамъиятиро аз диди илмӣ баррасӣ намуда, ҳанӯз аз марҳилаҳои пешин яке тобеи дигар шудан ва истифода бурдани яке аз онҳо аз ҷониби барандагони дигараш бо мақсадҳои гуногун омӯхта шудаанд. Дар амалияи ҷамъиятӣ аз гузашти таърих то замони муосир пайвастагии дин ва сиёсат, баҳамтаъсиррасониву тобеъгардонии якдигарии онҳо бисёр мушоҳида мешавад. Дар назарияи илмӣ бошад чунин баҳамтаъсиррасонӣ, вобастагӣ ва истифодабарии мақсадноки якдигарии ин ду падида ишора гардидааст. Дар ин самт Э. Дюркгейм Э.Б. Малиновский, П.А Сорокин, А. Тойнби, В.Ф. Халипов, Е.В. Халипова, М.В. Данилов, С.М. Нунуев, Б. Тиби, Д. Мартин, С.А. Семедов, П. Наррис, Р. Инглехерт, А.В. Митрофанова, И. Восторгов, А.Л. Вишневский, И.А. Илин, Е.Г. Аванесова, С. Хантингтон, М.С. Зинченко, М. Юргенмайер, А.В. Переяшкин, А.А.

---

[1] Назиров, Д. Проблемы терроризма и религиозного экстремизма в условиях глобализации. Ч.1. [Текст] / Д. Назиров. – Душанбе, Ирфон, 2009. – 209 с; Назиров, Д. Проблемы терроризма и религиозного экстремизма в условиях глобализации. Ч. 2. [Текст] / Д. Назиров. – Душанбе, Ирфон, 2009. - 328 с.; Искандаров А.И. Джихадисты и их экстремистская деятельность в Центральной Азии [Текст] / А.И. Искандаров, И.А. Сафранчук // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2018. – № 4. – С.112-118.; Искандаров А.И. Безопасность в Центральной Азии как ключевой аспект региональной интеграции [Текст] / А.И. Искандаров // Вестник дипломатической академии министерства иностранных дел Кыргызской республики им. Казы Дикамбаева. – 2016. – № 6. – С. 33-39.; Махмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане [Текст] / Н.Д.Махмадиев. – Душанбе, 2013 – 167 с.; Ҳамон муаллиф: Омилҳои иҷтимоии экстремизми динӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон. Монография [Матн] / Н.Д.Махмадиев. - Душанбе, 2019 - 240 с.; Хайдаров Р.Дж. Цифровизация общества как ключевой фактор обеспечения кибербезопасности государств в период глобализации [Текст] / Р.Дж. Хайдаров // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАНТ. – 2022. – № 1. – С. 98-103.; Хайдаров Р.Дж. Религиозно-экстремистские группировки как инструмент достижения геополитических целей запада в Центральной Азии [Текст] / Р.Дж. Хайдаров // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАНТ. – 2022. – № 2. – С. 128-133.

Ярликапов, Ю. Хабермас ва дигарон дар омӯзиши масъалаҳои номбаргардида саҳми зиёд гузоштаанд[1].

**Гурӯҳи чорумро** сарчашмаҳо, адабиёт ва асарҳои илмию таҳқиқотии олимоне ташкил медиҳанд, ки ба таври махсус масъалаҳои муҳим ва мубрами сиёсишавии динро ҳамчун раванди сиёсӣ баррасӣ намуда, сабабҳо ва заминаҳои асосии онро мавриди таҳлил, омӯзиш ва хулосабарорӣ қарор додаанд. Дар ин замина асарҳои илмию таҳқиқотии Б. Тиби, А.Н. Царевский, Г.М. Куприянова, Л.И. Григорева, С.А. Семедов, Ш. Ёвкочев, В.И. Шеремет, Л.В. Зеленин, В.Н. Савелев, Ш. Илясов, А.В. Митрофанова, И. Звягельская, З.И. Левин, Ж. Кепел, Р.Г. Ланда, М. Санаи, Ҷ.Л. Еспозито, С.И. Градировский, Г. Ҷемал , Б. Люис ва дигарон арзиши зиёди назариявию

---

[1] Дюркгейм Э. Элементарные формы религиозной жизни [Текст] / Э. Дюркгейм // Классики мирового религиоведения: антология. Т.2. – М., 1998. – С.178-230; Малиновский Б. Магия. Наука. Религия [Текст] / Пер. с англ. – М., 1998. – С.168-170; Сорокин П.А. Человек. Цивилизация. Общество [Текст] / П.А. Сорокин. – М., 1992. – С.427-504; Тойнби А. Постижение истории [Текст] / Пер. с англ. – М.: Прогресс, 1990. – 676 с.; Халипов, В.Ф. Власть. Политика. Государственная служба: Словарь [Текст] / В.Ф. Халипов, Е.В. Халипова. – М.: Луч, 1996. – 271 с.; Данилов, М.В. Явление «политизации» в современном обществе: постановка исследовательской проблемы [Текст] / М.В. Данилов // Известия Саратовского университета. Новая серия: Социология. Политология. – 2009. – Т.9. –№1. – С.92-96; Нунуев, С.М. Политизация религии в соврименном России (теоретико-категориальный анализ) [Текст] / С.М. Нунуев // Общество: политика, экономика, право. –2016. –№8. –С.14-19.; Tibi, B. The Challenge of Fundamentalism. Political Islam and the New World Disorder. - Berkeley, 2002. – P. 37; Martin D. The Evangelical Upsurge and its Political Implications // The Desecularization of the World. Resurgent Religion and World Politics / ed. by P.L. Berger. Washington, 1999. P. 37–50; Семедов, С.А. Ислам в политике: идеология и практика [Текст] / С.А. Семедов. – М.: Экон-информ, 2009. – 320 с.; Norris P., Inglehart R. Sacred and Secular. Religion and Politics Worldwide. - New York, 2011. – P.12; Митрофанова, А.В. Политические религии в современном мире: православие в международных отношениях [Текст] / А.В. Митрофанова // Обозреватель – Observer. – 2004. – №12. – С.96-110; Восторгов, И. Христианство и социализм [Текст] / И. Восторгов. – М., 1997. – 256 с.; Вишневский, А.Л. Религия как социально-политический институт у Э Дюркгейма и Г. Спенсера [Текст] / А.Л. Вишневский // Вестник МГУ. Серия 12: Политические науки. – 1999. –№4. – С.63; Аванесова, Е.Г. Взаимодействие религии и политики как философская проблема [Текст] / Е.Г. Аванесова. – Томск, 2010. – С.74-77; Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / Пер. с англ. – М.: АСТ, 2003. – 567 с.; Зинченко, М.С. Политизация ислама как фактор соврименного политического процесса (на материалах Северного Кавказа) [Текст]: Автореф. дис. … канд. полит. наук: 23.00.02. – Краснодар, 2010. – 25 с.; Juergensmeyer M. Sacrifi ce and Cosmic War // Violence and the Sacred in the Modern World; ed. by Juergensmeyer. - London: Frank Cass, 1992. - P. 112-128; Переяшкин, А.В. Политизация религии: сущность, механизмы, переспективы [Электронный ресурс]. – URL: https://pgu.ru/editions/un_reading/detail.php?SECTION_ID=386&ELEMENT_ID=13276 (дата обращения: 20.02.2021 г.); Ярлыкапов, А.А. Ислам и конфликт на Кавказе: направления, течения, религиозно-политические взгляды [Текст] / А.А. Ярлыкапов // Этничность и религия в современных конфликтах. – М., 2012. – С.607-629; Хабермас, Ю. Религия, право и политика. Политическая справедливость в мультикультурном Мир-Обществе [Текст] / Ю. Хабермас // Полис. Политические исследования. – 2010. – №2. – С.7-21.

методологӣ доранд[1]. Аз назари муҳақиқони дар боло номбаргардида заминаҳо ва сабабҳои ба амал омадани сиёсишавии дин гуногун мебошад. Омӯзиши адабиёти илмӣ нишон дод, ки ба сиёсишавии дин дар давлатҳои алоҳида ҳам омилҳои дохилӣ ва ҳам хориҷӣ (ҷаҳоншавӣ ва фаъол шудани созмонҳои исломии байналмилалӣ) таъсир гузошт.

**Гурӯҳи панҷумро** корҳои илмию таҳқиқотии олимоне, ки оиди масъалаи таъсири омилҳои хориҷӣ ба раванди сиёсишавии дин бахшида шудааст, ташкил медиҳад. Дар ин гурӯҳи сарчашмаҳо асарҳои илмию таҳқиқотии В.И. Шеремет, Л.В. Зеленин, В. Н. Савелев, О. Рай, Э. Геллнер, С. Қутб, И. Б. Орлов, С. А. Семедов, А. В. Митрофанова, И. В. Журавлев, Г. В. Гегел, К. Николай, Л. И. Медведко ва дигарон шомил мешаванд, ки дар рафти гузаронидани таҳқиқоти мазкур мавриди омӯзиш, таҳлил ва хулосагирӣ қарор дода шудаанд[2].

---

[1] Тиби, Б. Является ли ислам политической религией? [Текст] / Б. Тиби // Возможность межрелигиозного плюрализма в условиях цивилизационного конфликта. Неприкосновенный запас. – 2002. – №6 (26). –С.76-89.; Царевский, А.Н. Религиозные организации в современном политическом процессе: на примере протестантских организаций США [Текст]: Автореф. дис. … канд. полит. наук: 23.00.02. – Нижний Новгород, 2013. – 25 с.; Куприянова, Г.М. Взаимодействие религиозной и политической сфер общества: история и соврименность [Текст] / Г.М. Куприянова // Весник БДУ. Серия 3. – 2011. – № 2. – С.57-60; Григорьева, Л.И. Религии Нового века и современное государство (социально-философский очерк) [Текст] / Л.И. Григорьева. – Красноярск, 2002. – 285 с.; Семедов, С.А. Причины политизации ислама в современном мире [Текст] / С.А. Семедов // Государство, религия, церковь в России и за рубежом. – 2009. – №3. – С.230-239.; Ёвкочев, Ш. Ислам и политика [Текст] / Ш. Ёвкочев. –Ташкент: ТашГИВ, 2010. – 116 с.; Шеремет, В.И. Ислам и христианская Европа: экскурс в развитие взаимных представлений [Текст] / В.И. Шеремет, Л.В. Зеленин // Вестник РАЕН. – 2006. – №2. – Т.6. – С.21; Савельев, В.Н. Международный терроризм в системе глобальных отношений: религиозный аспект [Текст] / В.Н. Савельев // Религиозный экстремизм и фундаментализм: справочное издание. – М., 2008. – С.26; Ильясов, Ш. Антиисламизм – преступление против человечности [Текст] / Ш. Ильясов. – М., 2007. – С.45; Митрофанова, А.В. Политизация «православного мира» [Текст] / А.В. Митрофанова. – М., 2004. – С. 42; Звягельская, И. Религиозный фактор в палестино-израильском конфликте [Текст] / И. Звягельская // Религия и конфликт. – М., 2007. –С.155-169; Левин, З.И. Хранители Слова и блюстители Духа Откровения [Текст] / З.И. Левин // Фундаментализм. – М., 2003. – С.6; Кепель, Ж. Джихад: экспансия и закат исламизма [Текст] / Пер. с франц. – М.: Ладомир, 2004. – 466 с.; Ланда, Р.Г. Причины и факторы радикализации ислама [Текст] / Р.Г. Ланда // Ислам на современном Востоке. – М., 2004. – С.193-194; Санаи, М. Политическая мысль в исламском обществе [Текст] / М. Санаи // Иран: ислам и власть. – М., 2001. – С.6-7; Esposito J.L. The Islamic Threat. – N.Y.: Oxford, 1992. – P. 23; Градировский, С.И. Ислам и политика в поисках формы [Текст] / С.И. Градировский // Ислам в России: взгляд из регионов. – М., 2007. – С.10-34; Джемаль, Г. Манифест нового Интернационала [Текст] / Г. Джемаль. – М., 2003. – 187 с.; Льюис, Б. Что не так? Путь Запада и Ближнего Востока: прогресс и традиционализм [Текст] / Б. Льюис. – М.: Олимп, 2003. –224 с.

[2] Шеремет, В.И. Ислам и христианская Европа: экскурс в развитие взаимных представлений [Текст] / В.И. Шеремет, Л.В. Зеленин // Вестник РАЕН. – 2006. – №2. – Т.6. – С.21-38; Савельев,

Дар баробари ин дар тадқиқоти мазкур барои баррасии масъалаҳои гуногуни сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити муосир дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳими он дар раванди ба даст овардани истиқлолият, омилҳои сиёсию таърихии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, пайдоиши ҳизбу ҳаракатҳои динӣ ва ташаккули экстремизми динӣ дар Тоҷикистон, сиёсишавии дин ҳамчун таҳдид ба амнияти миллии Тоҷикистони муосир сарчашмаҳои зиёди мухталиф, адабиёти илмӣ, осори олимон ва муҳаққиқони ватанӣ истифода гардидаанд. Дар баррасӣ ва анҷом додани тадқиқоти мазкур сомонаҳои интернетӣ ва захираҳои электронӣ низ истифода карда шудаанд. Инчунин дар раванди таҳқиқи масъалаи мазкур як қатор сарчашмаҳои дигар, ба монанди санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ низ истифода бурда шудаанд.

Дар маҷмӯъ, омӯзиши масъалаи сиёсишавии дин ва хосиятҳои асосии он дар замони муосир дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаҳои аввали таҳлили худ қарор дорад ва барои ташаккули донишҳо дар бораи ин раванд, муайян намудани паҳлуҳои мухталифи он, таъсири манфии он ба инкишофи ҷомеаи миллӣ, дунявӣ, демократӣ ва ягонаи тоҷикистонӣ заҳматҳои беандоза лозим меояд.

**Робита бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи иҷроиши мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро гардидааст.

---

В.Н. Международный терроризм в системе глобальных отношений: религиозный аспект [Текст] / В.Н. Савельев // Религиозный экстремизм и фундаментализм: справочное издание. – М., 2008. – С.26-49; Раджабов, Н.С. Исламофобия в Западной Европе и ее влияние на политические процессы в Центральной Азии [Текст]: дис. … канд. полит. наук: 23.00.04. –Душанбе, 2016. – 160 с.; Roy O. Genealogia de l`islamisme.Islam: Muslims and Modern State. – London, 1996. – P.62-63; Gellner E. Religion and the Profane // News Letter. 1997. July–October; Орлов, И.Б. Глобализация и/или исламизация? [Текст] / И.Б. Орлов // Мусульманский опыт миростроительства: базовые цели и ценности,формы познанияи социокультурной организации. –М., 2007. – С.73-98; Гегель Г.В. Философия истории. Соч. Т. 8. – М., 1935. – С. 339; Николай К. Политизация ислама и столкновение цивилизаций [Текст] / К. Николай // «Обозреватель – Observer». – М., 2007. –№2. – С.111; Медведко, Л.И. Россия, Запад, Ислам: «Столкновение цвилизаций»? [Текст] / Л.И. Медведко. – М.: Кучково поле, 2003. – 512 с.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқотро** омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҳаматарафаи сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити муосири инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Барои амалӣ намудани мақсади таҳқиқот ҳалли **вазифаҳои** зерин муҳиманд:

- дар заминаи омӯзиш ва таҳлили консепсияҳои илмӣ ва назарияҳои сиёсӣ нишон додани моҳият ва хусусиятҳои муҳимми сиёсишавии дин; ошкорнамоии илмӣ ва консептуалии мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи сиёсишавии дин ҳамчун раванди иҷтимоӣ;
- муайяннамоии сабабҳо ва заминаҳои ба амал омадани сиёсишавии дин дар ҷомеаи мутамаддини дунявӣ ва секулярӣ;
- мушаххасгардонӣ ва муайяннамоии таъсири омилҳои хориҷӣ ба раванди сиёсишавии дин дар ин ва ё он ҳудуди геополитикӣ;
- ошкорнамоии масъалаҳои асосии сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳимми он дар раванди ба даст овардани истиқлолият;
- омӯзиш ва ошкор намудани омилҳои сиёсию таърихии сиёсишавии дин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳлили масъалаи пайдоиши ҳизбу ҳаракатҳои динӣ ва ташаккули экстремизми динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- омӯзиши ҳаматарафаи сиёсишавии дин ҳамчун таҳдид ба амнияти миллии мамлакат.

**Объекти таҳқиқотро** масъалаҳои гуногуни сиёсишавии дин ва хусусиятҳои мухталифи зуҳуроти он дар шароити муосир ташкил менамояд.

**Предмети таҳқиқот** – хусусиятҳои ташаккулёбии сиёсишавии дин ва ва таъсири манфии он дар шароити Тоҷикистони муосир ва давлатдории он.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** сарчашмаҳои илмӣ ва осори олимони хориҷию ватанӣ ташкил медиҳанд. Вобаста ба мавзуи таҳқиқот асарҳои илмии Н.Д. Маҳмадиев, А.И. Муминов, Н.Д. Назиров, Н.С. Раҷабов, Э. Дюркгейм Э.Б. Малиновский, П.А Сорокин, А. Тойнби, В.Ф. Халипов,

Е.В. Халипова, М.В. Данилов, С.М. Нунуев, Б. Тиби, Д. Мартин, С.А. Семедов, П. Наррис, Р. Инглехерт, А.В. Митрофанова, И. Восторгов, А.Л. Вишневский, И.А. Илин, Е.Г. Аванесова, С. Хантингтон, М.С. Зинченко, М. Юргенмайер, А.В. Переяшкин, А.А. Ярликапов, Р.Г. Ланда, Ҷ.Л. Еспозито омӯхта шуда, дар он заминаҳо ва сабабҳои ба амал омадани сиёсишавии дин ва хусусиятҳои сиёсишавии дин дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқот методҳои илмии таҳлили муқоисавӣ, умумиятдиҳӣ, меъёри таърихият, методи диалектикӣ, институтсионалӣ ва синергетикӣ истифода бурда шудаанд. Методҳои мазкур имконият доданд, ки сабабҳои тавсеа ёфтани миқёси сиёсишавии дин дар шароити муосир ва хавфу хатари он ба давлатдории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шавад.

**Навгонии илмии тадқиқоти диссертатсиониро** вазъи коркарди илмии мавзуъ муайян намуда, ба он асос меёбад, ки дар он бори аввал дар илмҳои фалсафии ватанӣ масъалаи раванди сиёсишавии дин ҳамчун раванди сиёсии манфӣ дар инкишофи ҷомеаҳои миллӣ аз ҷумла ҷомеаи миллии тоҷикистонӣ, хусусиятҳои муҳими он дар шароити муосир дар шакли васеъ ва бо фарогирии як кори тадқиқотии илмӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, хусусиятҳои муҳимми ин раванд нишон дода шудааст. Бандҳои алоҳидаи навгонии илмиро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

– дар заминаи таҳлилу таҳқиқи адабиёти илмӣ моҳият, хусусиятҳои муҳими сиёсишавии дин нишон дода шудааст;
– сабабҳо ва заминаҳои ташаккулёбии сиёсишавии дин дар шароити муосир нишон дода шудаанд;
– дар заминаи омӯзиши омилҳои таъсиррасон ба сиёсишавии дин таъсири омилҳои хориҷӣ ба зуҳури ин падида таҳқиқ гардидааст;
– раванди пайдоиш ва рушду инкишофи сиёсишавии дин ҳам дар маҷмуъ ва ҳам дар шароити Тоҷикистон баррасӣ гардида, марҳилаҳои асосии

ташаккулёбии он бо назардошти омилҳои сиёсӣ ва қонуниятҳои таърихӣ нишон дода шудаанд;

- шаклгирии ҳизбу ҳаракатҳои радикалӣ, хусусияти террористиву экстремистидошта дар заминаи авҷ гирифтани раванди сиёсишавии дин дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, хусусиятҳои муҳимми онҳо муайян карда шудаанд;
- омилҳои таъсиррасон дар пайдоиш ва ҷоннок гардидани ин раванд таҳлилу баррасӣ гардида, дурнамои рушди принсипи ҳифзи манфиатҳои миллӣ, амнияти миллӣ ва суботи сартосарии ҷомеаи тоҷикистонӣ нишон дода шудааст.

**Нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Сиёсишавии дин, аз нигоҳи омӯзишҳои назариявӣ ҳамчун ҷараён ва кӯшиши яке аз муҳимтарин падидаҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ, идеологӣ ва эътиқодӣ – дин ва барандагони субъектони динӣ, қудратҳо баҳри динигардонии тамоми муносибатҳо, дар давоми таърихи сиёсии башар ба вуқуъ пайвастааст. Сиёсишавии дин аз дараҷаи баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасони ву истифодабарии ду падида – сиёсат ва дин вобастагии калон дорад. Сиёсишавии дин равандест, ки дар тамоми динҳои ҷаҳон фундаментализми динии ақидаҳои гуногунро ба вуҷуд меорад. Ишораҳое низ вуҷуд дорад, ки динҳо моҳиятан сиёсӣ нестанд, балки дар замони мо дар тамоми ҷаҳон фаъолона сиёсӣ карда мешавад. Лекин дар дунёи имрӯза шояд ягон дини дигаре ба ин қадар таваҷҷуҳро ба худ ҷалб накунад ва боиси баҳсҳои зиёд ба мисли Ислом нагардад. Дар баробари ин, густариши рӯзафзуни Ислом боиси нигаронии давлатҳо, сиёсатмадорон ва мардуми оддӣ мегардад.

2. Омилҳои дигаре, ки дар зери таъсири он сиёсишавии дин ба амал меояд, фаъолияти неруҳои тундгаро мебошад, ки мақсадашон ташкил намудани давлат ва сохтори теократии ҷомеа аст. Чунин неруҳои динию сиёсӣ, мутаассифона, аз ҷониби давлатҳои гуногун ҷонибдорӣ карда мешаванд. Ба ибораи дигар, дастгирӣ намудани фаъолияти неруҳои динии

тундгаро ҳамчун воситаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ дониста мешавад. Сиёсишавии дин дар ин баробар заминаҳои гуногуни шаклгирӣ ва бавуҷудоиро соҳиб мебошад. Заминаҳои асосии сиёсишавии динро чунин метавон тавсиф намуд: заминаҳои объективӣ, заминаҳои субъективӣ, заминаҳои сиёсӣ, заминаҳои иқтисодӣ, заминаҳои идеологӣ. Сиёсишавии дин дар замони муосир бо ҳамон сабабҳое ба вуҷуд омад, ки ин раванд як қатор вижагиҳо дорад. Сиёсишавии дин дар давлатҳои алоҳида ҳам омилҳои дохилӣ ва ҳам хориҷӣ (ҷаҳоншавӣ ва фаъол шудани созмонҳои исломии байналмилалӣ) таъсир гузошт.

3. Омилҳои хориҷӣ ва ё худ сабабҳои берунии сиёсишавии дин дар ин раванд бештар таъсир расонанд. Онҳо аз туъсиррасонии давлатҳои абарқудрат ва манфиатдор оғоз гардида, то шаклгирии фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои динии радикалӣ, созмонҳои муташаккили ҷиноии динӣ, татбиқӣ равандҳои сиёсии минтақавию байниминтақавӣ ва глобалӣ, ба монанди либераликунонӣ, демократикунонӣ, секуляризатсияи ҳаёти ҷамъиятӣ дар қолабҳои ғарбӣ ва амрикоӣ, татбиқи равандҳои модернизатсионии махсуснагардонидашуда, раванди глобализатсионӣ, шаклгирии моҷароҳои дохилидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалии динӣ, воқеият пайдо намудани раванди бархурди тамаддунҳоро дар бар мегиранд.

4. Замони муосир масъалаҳои мурракаби инкишофро дар назди давлатҳо ва ҷомеаҳои миллӣ ба пеш мегузорад. Ҳалли онҳо имкониятро барои рушди устувори минбаъдаи давлат фароҳам меоварад ва мурракабӣ, ҳал накардани бухронҳои инкишоф хоҳ нохоҳ омили аз байн рафтани ягонавӣ, устуворӣ ва рушди мутаносиби давлатҳо мегарданд. Чунин тавсифи мурракабии раванди рушди давлат дар шароити муосир хоси Тоҷикистон низ мебошад. Сиёсишавии дин дар шароите, ки бухрони умумиҷаҳонӣ ва мушкилоти ҷомеаҳои миллӣ эътироф мегардад, барои Тоҷикистон низ бетаъсир намемонад. Дар сатҳ ва шаклҳои гуногун таъсир мерасонад.

5. Ташаккули ҳизбу ҳаракатҳои динии экстремистӣ масъалаи бухронӣ ва мушкилоти ҳар ҷомеа дар замони ҳозир аст. Чунин мураккабӣ

хоси Тоҷикистон ва ҷомеаи тоҷикистонӣ низ аст. Барои муайян намудани пайдоиши ҳизбу ҳаракатҳои динӣ ва ташаккули экстремизми динӣ дар ҳудудҳои Тоҷикистони имруза ҳолатҳои мушаххасеро ба назар гирифтан зарурияти ҳатмӣ дорад. Аз ҷумлаи: аҳамияти геополитикии Тоҷикистон, аҳамияти геотамаддунӣ ва геоконфессионалӣ, заминаҳо ва ё ҳолатҳои таърихӣ.

6. Масъалаи таъмини амният, суботи сиёсӣ, истиқлолият, манфиатҳои миллӣ, тартиботи конститутсионию ҷамъиятӣ ва низоми мутаносиби муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодиву сиёсӣ ва маданӣ дар ташкил ва фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ба эътибор гирифта мешавад. онҳо масъалаҳои муҳими сиёсӣ ва мондани давлату миллат мебошанд. Ҳар навъ дахолат ва зиди чунин иҳолат фаъолият ва амал кардани ҳизбу ҳаракатҳои диниву сиёсӣ фаъолияти расмиаш қатъ ва мавҷудяташ хлтима дода мешавад. чунин муносибат дар аксари давлатҳо ва кишварҳои дунявӣ ва ҳатта кишварҳои низоми ҳокимияти теократӣ дошта низ чунин меъёрро ба эътибор мегиранд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва омӯзиши равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, дар он нисбат ба рушди ҷомеаи мутамаддин ва равану ҳодисаҳои сиёсии ҷомеаи миллии Тоҷикистон он хулосаҳои илман асоснокшуда баён гардидаанд. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар шароити Тоҷикистон барои омӯзиши минбаъдаи равандҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ, масъалаҳои гуногуни таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ заминаи илмию назариявӣ ба шумор меравад. Инчунин, дар асоси таҳлилу таҳқиқи консепсияҳои илмӣ зарурати ташаккулдиҳии низоми махсуси таъмини амният ва суботи ҷомеа нишон дода шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот барои муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши дигаргуниҳои сифатӣ ва равандҳои сиёсии замони муосир машғуланд, аҳамияти илмию назариявӣ доранд. Хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи

барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди давлати миллӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини амнияти миллӣ истифода намудан мумкин аст, Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот ва маводи диссертатсияро дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, сотсиология, диншиносӣ, амнияти давлатӣ, амнияти динӣ, ҷомеашиносӣ ва монанди инҳо метавон истифода бурд. Тавсияҳои амалии муаллиф метавонанд дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ низ истифода бурда шаванд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯйи дарёфти дараҷаи илмӣ** дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ - Соҳаи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси илмии 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки хулосаҳои муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва назарияҳои сиёсӣ таҳия гардидаанд. Инчунин муаллиф дар асоси таҳлили равандҳои сиёсии замони муосир муҳиммият ва зарурияти омӯзиши сиёсишавии дин ва ошкор намудани тарафҳои гуногуни онро барои ҷомеаи тоҷикистонӣ асоснок намуда, хулосаҳои худро дар заминаи истифодаи методҳои илмии таҳия кардааст. Хулосаҳои таҳқиқот натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллиф мебошанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳтавои асосии диссертатсия дар як дастури ёрирасони таълимӣ, мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои гирди ҷумҳуриявӣ

инъикос гардидаанд. Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара муҳокима гардидааст.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

# БОБИ I. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ СИЁСИШАВИИ ДИН ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

## 1.1. Истилоҳ, моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи сиёсишавии дин

Омӯзиши масъалаи инкишофи ҷомеаи муосир осон ба назар намерасад. Падидаву ҳодисаҳо, раванду воқеаҳои мухолифатомезу пурпечутоб ба мураккабии он сабаб мегарданд. Миқёси таҳқиқоти илмӣ ва самтҳои гуногуни он бо назардошти пайдоиш ва мубрамияти масъалаҳои мухталифи сиёсишавии дин васеъ шуда истодааст. Дар доираи илмҳои ҷомеашиносии муосир яке аз масъалаҳои актуалӣ ва муҳим, ки ҳам ҷанбаи назариявию методологӣ ва ҳам ҷанбаи сиёсию амалии аҳамиятнокро соҳиб аст, сиёсишавии дин ба ҳисоб меравад.

Масъалаи сиёсишавии дин баҳси рӯзмарраест, ки дер боз диққати олимон, таҳлилгарони соҳаҳои гуногуни донишҳоро ба худ ҷалб намудааст. Доираи илмӣ ва академикии илмҳои муосир ба масъалаи мазкур бевосита таваҷҷуҳ менамоянд. Онҳо пайвастагиҳои ин ду падидаи ҷамъиятиро аз диди илмӣ баррасӣ намуда, ҳанӯз аз марҳилаҳои пешин яке тобеи дигар шудан ва истифода бурдани яке аз онҳо аз ҷониби дигараш бо мақсадҳои гуногун баррасӣ мегардад.

Дар амалияи ҷамъиятӣ – сиёсӣ аз гузашти таърих то замони муосир пайвастагии дин ва сиёсат, баҳамтаъсиррасониву тобеъгардонии якдигарии онҳо бисёр мушоҳида мешавад. Дар назарияи сиёсӣ бошад чунин баҳамтаъсиррасонӣ, вобастагӣ ва истифодабарии мақсадноки якдигарии ин ду падида ишора гардидааст.

Дар таҳқиқоти илмию академӣ муайян кардани масъала ва дарки категорияҳои асосӣ вобаста ба тарзи муносибати илмӣ-фалсафӣ оғоз мегардад. Аз ҳамин хотир дар навбати аввал зарур дониста мешавад, ки моҳияти мафҳумҳои «дин», «сиёсат» ва «сиёсишавӣ» дарк карда шаванд.

Мафҳуми дин дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ калимаи решаи арабидошта буда, ба маънои эътиқод ба мавҷудияти қувваи фавқуттабиаи идоракунии олам, кеш, мазҳаб, тариқ, роҳ, ойин ва маслак ишора гардидааст[1].

Шакли русии он «религия» аз калимаи лотинии «religio» гирифта шуда, маъноҳои «тақво, парастиш, муқаддасот»[2]-ро ифода мекунад. Дар шакли дигар ин мафҳум аз калимаи лотинии «religare» гирифта шуда, маънои «пайвастан, пайваст кардан»[3]-ро ифода мекунад. Одатан, ҳадди аққал ду тафсири динро фарқ кардан мумкин аст. Якум, дин як диди махсуси ҷаҳонбинӣ аст, ки бо эътиқоди марбут ба мавҷудияти Худо асос ёфтааст. Сониян, дин ҳамчун соҳаи ҳаёти маънавии ҷомеа ва як низоми муайяни институтҳои иҷтимоӣ аст, ки фаъолона нуфузи худро дар ҷомеа меҷӯяд. Ҳадди дақиқ ва дараҷаи таъсиррасонии дин ба сиёсат номуайян аст.

Аз як тараф, дин ҳамчун парчами ҳаракатҳои васеи озодихоҳӣ ва демократӣ хидмат мекунад (масалан, гандизм, бо сиёсати зӯроварӣ дар Ҳиндустон). Аз тарафи дигар, дин асоси зиддиятҳо ва низоъҳои печида дар аксари давлатҳои ҷаҳон мебошад. Аксар вақт такони зиддиятҳо на аз мазҳабҳои суннатӣ, балки аз шаклҳои гуногуни бадахлоқонаи «сиёсӣ» -и онҳо (масалан, динигароии радикалӣ) бармеоянд. Мақоми махсус пайдо намудани омӯзиши дин ҳамчун падида ва зуҳуроти ҷамъиятӣ – иҷтимоии таъсиррасон ба сиёсат ва равандҳои иҷтимоӣ аз чунин аҳамияти таъсиррасонии он ба фаъолияти одамон ва шаклгирии муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Таъсири мутақобилаи равандҳои иҷтимоӣ ва конфессионалӣ (динӣ) ба тамоми ҷомеаҳо дар ҳама марҳилаҳои рушд хос аст. Сиёсишавии дин як раванди доимист, аммо он дар замони инқилобҳо ва ислоҳот фаъол мешавад, вақте ҷомеа ниёзи хоси қонунӣ кардани институтҳо, субъектҳо, амалияҳо, арзишҳо ва самтҳои нави сиёсиро касб мекунад. Дар баробари ин дараҷа ва динамикаи сиёсӣ шудани дин дар ҳар як низоми

---

[1] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [Матн]. Иборат аз ду ҷилд. Ҷ.1. –Душанбе, 2008. –С.453.

[2] Новая философская энциклопедия [Текст]: в 4 т. Т.3. / под ред. В.С. Степина. – М.: Мысль, 2010. – С.436

[3] Философский энциклопедический словарь [Текст] / под ред. Л. Ф Ильичева, П. Н. Федосеева, С. М. Ковалева, В. Г. Панова. – М.: Советская Энциклопедия, 1983. – С.576.

иҷтимоӣ дар ҳар як марҳилаи мушаххаси рушди таърихӣ мувозинат, «вазн» ва омезиши хос дорад.

Дин як ниҳоди мураккаби иҷтимоӣ буда, на танҳо ҷанбаи маънавӣ (иҷтимоию фарҳангӣ), балки ҷанбаи сиёсӣ низ дорад. Ба ақидаи Э.Дюркгейм, дин як системаи таркибии эътиқод ва расму оинҳои марбут ба падидаҳои муқаддас буда, ҳар як шахсеро, ки аз паси онҳо пайравӣ мекунад, дар як ҷамъият муттаҳид менамояд. Дин ба ин маъно як принсипи меъёрие мебошад, ки одамонро ба ҳам меорад. Э.Дюркгейм дар ҷанбаи ҷомеашиносӣ дихотомияи муқаддас ва дунявӣ, иҷтимоӣ ва фардро ошкор кардааст. Ҷомеа, ба ақидаи ӯ, динро худаш эҷод мекунад[1].

Антрополог Б.Малиновский чунин мешуморид, ки дин, пеш аз ҳама, мақоми интситутсионалии низоми фарҳангии ҷомеаро соҳиб мебошад. Дин барои бартараф намудани зиддиятҳои байни манфиатҳои одамон ва воқеият хизмат мекунад. Вазифаи асосии дин таҳкими муносибатҳои арзишиву меъёрӣ мебошад[2].

Дар доираи функсионализми сохторӣ дин ҳамчун омили ба эътидол овардан ё нооpом сохтани ҷомеа мавриди омӯзиш қарор мегирад. П.А. Сорокин динро ҳамчун фаъолияте муайян кардааст, ки меъёрҳои устуворро ҳамчун танзимгари рафтори иҷтимоӣ таҳия мекунад. Ба андешаи ӯ, дин тавлидкунандаи «маъноҳои аввал» аст, ки онҳо ҳамчун «майдони қувва» амал мекунанд, тамоми фарҳангро ташкил медиҳанд ва дар рамзҳои он ифода меёбанд. Ифодаи дин конфессия мебошад, ки системаи арзишҳо, рамзҳо, ақидаҳо, нақшҳо ва вазифаҳои иҷтимоӣ, сохтору институтҳоро дар бар мегирад[3].

Дар назарияи тамаддунҳои А.Тойнби дин ҳамчун ҳукмронии низоми иҷтимоӣ-фарҳангӣ маънидод шуда, ба тамаддунҳо принсипҳои ҷаҳонбинии тамаддуниро медиҳад, диндорони мазҳаби муайянро муттаҳид месозад ва

---

[1] Дюркгейм, Э. Элементарные формы религиозной жизни [Текст] / Э. Дюргейм // Классики мирового религиоведения: антология. – М., 1998. – Т.2. – С.178-230.
[2] Малиновский, Б. Магия. Наука. Религия [Текст] / Б. Малиновский. – М., 1998. – С.168-174.
[3] Сорокин, П.А. Человек. Цивилизация. Общество [Текст] / П.А. Сорокин. – М., 1992. – С.427-504.

онҳоро аз бединҳо ҷудо мекунад. Дин аз ҷиҳати иҷтимоӣ шартӣ шуда, ташаккул меёбад, инкишоф меёбад ва аз ҷиҳати сиёсӣ ҳамчун вокуниши ҷомеа ба чолишҳо зуҳур мекунад[1]. Ин нуқтаи назар дар асари С.Хантингтон ифода ёфтааст, ки тибқи он дин унсури ташкилоти сиёсии ҷомеа ва аслиҳаи идеологӣ дар бархӯрди тамаддунҳо муаррифӣ мегардад.

Динро метавон ҳамчун ҷаҳонбинӣ, инчунин рафтори шахсоне муайян кард, ки бо эътиқод ба мавҷудияти Худо, ҳисси вобастагӣ ва вазифаи одамон нисбат ба қувваи ғайриоддӣ муайян карда мешавад ва сазовори эҳтиром аст. Дин ҳамчун ҷаҳонбинӣ, рафтор ва расму ойинҳои мувофиқи он буда, эътиқод ба мавҷудияти "муқаддасот" ва ибтидоест, ки берун аз "ҷаҳон" ва дастнорас аст. Дин маҷмӯи эътиқодҳо, муассисаҳо ва расму оинҳоест, ки тавассути онҳо ҷомеаи одамон он чизеро, ки барои худ муқаддас мешуморад, дастгирӣ мекунанд.

Вазифаҳои иҷтимоии дин шарҳ медиҳанд, ки чаро сиёсӣ кардани динҳо дар ҷаҳони муосир имконпазир ва муваффақ аст. Функсияи мафкуравӣ ба диндор дар бораи чаҳон, оид ба масъалаҳои аз ҷиҳати мавҷудияти муҳими ҳаёт: дар бораи Худо, ҷомеа, маънои ҳаёт ва марг, ахлоқ, нангу номус ва ғ. системаи назари яклухтро медиҳад. Ҳувияти мазҳабӣ ҳисси мансубият ба ҷомеаи "худӣ" ва ягона принсипҳои дурусти он, эҳсоси амният ва ифтихор аз эътиқоди худро ба вуҷуд меорад. Функсияи ҷубронкунанда барои бартараф кардани бегонагии шахс аз ҳокимият ва ҷомеа, тасаллӣ додани нокомиҳои зиндагӣ мусоидат мекунад. Функсияи коммуникативӣ забони ягонаи рамзҳо ва мафҳумҳоро дар дохили ҷомеаи динӣ таъмин менамояд, ки онро муттаҳид мекунад ва ба пурзӯр шудани таъсири он ба тамоми ҷомеа мусоидат менамояд. Функсияи танзимкунандаи дин ахлоқро муқаррар мекунад ва дар як қатор эътиқодҳо (ислом, яҳудӣ) ва меъёрҳои ҳуқуқии ҷомеа арзишҳои иҷтимоӣ ва рафтори сиёсиро ба вуҷуд меорад.

Вазифаҳои сиёсии дин аз он иборат аст, ки дин ҷомеаро муттаҳид ва устувор мегардонад, маҷмӯи намунаҳои ахлоқию фарҳангӣ, инчунин

---

[1] Тойнби, А. Постижение истории [Текст] / Пер. с англ. – М., 1990. – С.543.

арзишҳои анъанавӣ, самтҳо ва муносибатҳои рафторро дубора тавлид мекунад. Дин ба ҳамгироии одамон тавассути ҷорӣ кардани меъёрҳо ва дастурҳои худ ҳамчун маҷмӯи рафтори маъмулӣ мусоидат мекунад. Сиёсигардонӣ хоси ҳама системаҳои динӣ аст.

Андешаҳо дар бораи мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои сиёсат бисёранд. Баҳодиҳии назариявӣ ва консептуалии сиёсат ҳанӯз ба замонҳои бостон рафта мерасад. Таҷзияи донишҳо ва назарияҳову таърифҳо моҳияти сиёсатро ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ иҷтимоӣ ошкор мекунад. Дар ин ҷо кушиш мегардад, ки ҳам таъриф ва маънидодкунии сиёсат ва ҳам алоқамандии он бо дин пешниҳод гардад. Сиёсат соҳаи муносибатҳои ҷамъиятист. Аз ҳамин хотир бо дигар падидаҳову ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба дин дар баҳамтаъсиррасонии воқеӣ қарор дорад. Сиёсат навъи махсуси фаъолияти одамон, умумиятҳои иҷтимоӣ, неруҳои сиёсист ва аз ин ҷост, ки бо дигар самти фаъолияти ҳаётии инсон таъсир мерасонад ва ё бо таъсири онҳо рӯ ба рӯ мешавад. Сиёсат навъи махсуси фаъолияти мақомоти идоракунист. Ба хотири танзими муносибатҳо сиёсат дар шакли фаъолияти меъёриву институтсионалӣ ба низоми иҷтимоӣ ва маънавию динии ҷомеа таъсир расонида, аз онҳо таъсир мепазирад. Сиёсат сатҳи муносибатҳои ҳокимиятиест, ки дигар неруҳо новобаста ба мавқегирӣ ва асосҳои ғоявию идеологиашон мехоҳанд ба он таъсир расонида, барандаи он гарданд. Сиёсат бавуҷудоварандаи инкишофи мавзун, мутаносиб ва ягонагӣ дар ҷомеа аст. Он неруҳоро ба ҳам меорад, тамини ягонагӣ ва дурнамои рушди ҷомеаро ба душ дорад. Чунин хосияти сиёсат бе таъсиррасонӣ ба дигар соҳаҳои ҷамъиятӣ ва институтҳои соҳавию ғоявию идеологӣ воқеӣ намегардад.

Аз ин рӯ, ба назар гирифтани ҷанбаҳои мусбат ва манфии омили динӣ дар равандҳои сиёсии муосир муҳим аст. Бо вуҷуди баҳсу мунозираҳои зиёд метавон гуфт, ки сиёсат доираи муносибатҳои шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ нисбати ҳокимияти давлатӣ ва сохти давлатӣ мебошад.

Гузашта аз ин, дар сиёсат ҳамеша ҳадафҳои гурӯҳӣ мавҷуданд. Ҳамзамон, сиёсатҳое, ки ихтилофотро ҳал мекунанд, метавонанд ба

пайдоиши низоъҳо низ мусоидат кунанд. Ин табиати дуалистӣ, зиддияти он аст, ки онро ба дин наздик мекунад.

Таъсири мутақобилаи дин ва сиёсат доимо тағйир меёбад. Дин ба шуури сиёсии одамон таъсир мерасонад, зеро тасаввуроти инсонӣ дар бораи ҳақиқат ва адолат бо ақидаҳои динӣ робитаи зич доранд ва ин дар тӯли таърихи тамаддуни башарӣ дар муайян кардани шаклҳои ҳокимияти сиёсӣ нақши назаррас дорад. Воруди дин ба соҳаи сиёсат ва зуҳури ҷузъи сиёсӣ дар дин чунин падидаеро ба мисли сиёсишавии дин ба вуҷуд меорад.

Сиёсишавӣ аз калимаи англисии «politicization» тарҷума шуда, чунин маъно дорад: 1) зиёд шудани таваҷҷӯҳ ба иштирок дар сиёсати гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида; 2) афзоиши аҳамияти соҳаи сиёсат нисбат ба дигар соҳаҳо; 3. тағйирот дар шуур ва рафтори шахсони алоҳида ва гурӯҳҳо, ки дар натиҷаи таъсири бартаридоштаи сиёсат ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти онҳо ба амал меоянд[1].

Дар луғати В.Ф. Халипов ва Е.В. Халипова сиёсишавӣ инҳо ҳисобида мешаванд: 1) ҷалби табақаҳои васеи аҳолӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ, ки дар шароити демократикунонии ҷомеа ба вуҷуд меоянд; 2) ҳамбастагӣ, воридшавии ҳама масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ ба сиёсат[2].

Ҳар гуна мушкилоти иҷтимоӣ сиёсӣ мешавад, агар ҳалли он бо қудрати сиёсӣ алоқаманд бошад. Сиёсишавии падидаҳои иҷтимоӣ, бешубҳа, бо қудрати сиёсӣ алоқаманд аст. Ҳама мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар соҳаи сиёсат иҷозат дода шудааст. Аммо ҳатто қудрати сиёсӣ бояд марзҳои худро дошта бошад, ки барои пешгирии зиддиятҳо ва низоъҳо дар ҷомеа ҳаққи берун рафтан аз он надорад. Ҳангоми берун рафтан аз хатти худ сиёсишавӣ метавонад ба фаъолияти муътадили ҷомеа зарар расонад. Ҷалби фаъоли одамон ба сиёсат набояд ба муборизаи шадиди сиёсӣ мубаддал шавад. Инчунин қайд кардан муҳим аст, ки сиёсишавӣ махсусан дар шароити

[1] Политизация // Большой толковый социологический словарь терминов [Электронный ресурс]. – URL: http://www.onlinedics.ru/slovar/soc/p/politizatsija.html (дата обращения: 31.10.2020 г.)
[2] Халипов, В.Ф. Власть. Политика. Государственная служба: Словарь [Текст] / В.Ф. Халипов, Е.В. Халипова. – М.: Луч, 1996. – С.144.

бӯҳронҳои иҷтимоӣ ва тағйирёбии системаи сиёсии ҷомеа шадидтар мешавад. Падидаҳои иҷтимоӣ, ки табиати ғайрисиёсӣ доранд, ногаҳон дар бархӯрдҳои сиёсӣ қарор мегиранд.

Доир ба дарки пурраи мафҳуми «сиёсишавӣ» метавонем аз луғатҳои тарҷумонӣ ва донишномаҳои гуногуни сиёсӣ истифода барем. Онро метвон ба мафҳуми русии «политизация» ва англисии «politicization» баробармаъно донист.

Мафҳуми «политизация» дар забони тоҷикӣ ба маънои «сиёсишавӣ» ва «сиёсигардонӣ» омадааст. Гуфтан бамаврид аст, ки ҳарду мафҳум маънои мафҳуми «политизация» - ро метавонанд диҳанд. Г.Н. Зокиров ибораи русии «политизация религии» ва англисии «politicization of religion» - ро на ба ибораи «сиёсишавии дин», балки онҳоро ба ибораи тоҷикии «сиёсигардонии дин» баробармаъно донистааст. Ӯ сиёсигардонии динро яке аз тамоюлҳои асосии муносибатҳои байниҳамдигарии сиёсат ва дин дар олами муосир маънидод кардааст[1].

Ба андешаи М.В. Данилов, сиёсишавӣ «раванди мақоми сиёсӣ гирифтани мушкилот ва падидаҳост», ки ғайрисиёсӣ мебошанд; он маънои аз соҳаи дигари иҷтимоӣ ба сиёсӣ гузаштани мушкилотро дорад[2]. Муҳаққиқ се сабаби асосии сиёсатшавиро муайян мекунад: имконнопазирии ҳалли масъалаи нав бо роҳҳои анъанавӣ (ғайрисиёсӣ); аҳамияти баланди иҷтимоии проблема; бо мақсади фоида расондан ба субъектҳои сиёсат сиёсикунонии «сунъӣ».

Дар илмҳои иҷтимоию фалсафӣ дар бораи сабабҳои сиёсӣ шудани дин нуқтаҳои ба ҳам зид баён карда мешаванд. Бархе аз муаллифон бар ин назаранд, ки истифодаи дин ва ҷузъҳои он ҳамчун манобеи таъсир барои ба қудрат расидан ва назорати афкори ҷамъиятиро пайгирӣ мекунад. Таҳлилгарони дигар бар ин назаранд, ки сабабҳои сиёсӣ шудан дар худи

---

[1] Зокиров, Г.Н. Донишномаи сиёсӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров. Иборат аз 3 ҷилд. Ҷ.3. – Душанбе: «Андалеб» – Р, 2015. – С.140.

[2] Данилов, М.В. Явление «политизации» в современном обществе: постановка исследовательской проблемы [Текст] / М.В. Данилов // Известия Саратовского университета. Новая серия: Социология. Политология. – 2009. – Т.9. –№1. –С.92-96.

низомҳои динӣ реша мегиранд. Саъю кушиши онҳо ба назорати қатъӣ аз болои рафтори диндорон, инчунин хусусиятҳои конкретии таърихии сохти динию институтсионалӣ ба он сабабгор мешаванд.

Ҷ.Ҳейнс ҷонибдори нуктаи назари аввал буда, сиёсӣ шудани динро «истифодаи эътиқодҳои динӣ барои расидан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ» меномад[1]. Б.Тиби дини сиёсиро «сафарбар намудани дин ба мақсадҳои сиёсӣ», яъне барои сафед кардани амалҳои сиёсӣ ё муттаҳидсозии шахсиятҳо таъриф мекунад[2]. Д.Мартин, аз ҷумла, исломи сиёсиро «сафарбар намудани ҳувияти динӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои хусусии сиёсати давлатӣ»[3] медонад.

Баръакс, тарафдорони тавзеҳоти "дохилӣ" барои сиёсӣ шудани дин ба мавҷудияти имманентии ҷузъи сиёсӣ дар ҳар дин таъкид мекунанд. Омилҳои берунӣ нақши кутоҳмуддатро мебозанд. Онҳо танҳо барои зоҳир намудани иқтидори сиёсии конфессияи муайян ёрӣ мерасонанд. Ба гуфтаи С. Семедов, сиёсикунонии дин раванди зуҳуроти ҷузъи сиёсии худи дин аст, на аз ҷониби субъектҳои берун аз он ба мақсадҳои сиёсӣ истифода бурдани дин[4].

Сиёсат ва дин ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Ба ақидаи П.Норрис ва Р.Инглхарт, маҳз дин ва сиёсат ҳамчун асосҳои маънисози шахсияти иҷтимоию фарҳангии одамон ва иттиҳодияҳои онҳо амал мекунанд. Дин ва сиёсат ҳар яке дар системаи идеология рафтори сиёсӣ ва тарзи тафаккури ба худ хосро ба низом меоранд[5].

Таъсири дин ба рушди сиёсии ҷомеа назаррас аст. М. М. Мчедлова дуруст қайд мекунад, ки бисёр масъалаҳои сиёсӣ танҳо баъд аз ғанӣ шудани мазмуни динӣ ва муроҷиатҳои динӣ дар фазои сиёсӣ ҳамовозии умум пайдо мекунанд. Дар натиҷа равандҳои ба ҳам алоқаманди сиёсикунонии дин ва

---

[1] Нунуев, С.М. Политизация религии в соврименном России (теоретико-категориальный анализ) [Текст] / С.М. Нунуев // Общество: политика, экономика, право. –2016. –№8. –С.14-19.;
[2] Tibi B. The Challenge of Fundamentalism. Political Islam and the New World Disorder. - Berkeley, 2002. – P. 37.
[3] Martin D. The Evangelical Upsurge and its Political Implications // The Desecularization of the World. Resurgent Religion and World Politics / ed. by P.L. Berger. Washington, 1999. P. 37–50.
[4] Семедов, С.А. Ислам в политике: идеология и практика [Текст] / С.А. Семедов. – М., 2009. –С.56.
[5] Norris P., Inglehart R. Sacred and Secular. Religion and Politics Worldwide. - New York, 2011. – P. 12.

конфессионализатсияи сиёсат ба амал меоянд. Дин таъсири худро ҳамчун яке аз ҷузъҳои асосии низоми тамаддунӣ ва анъанаҳои иҷтимоӣ, заминаи ҷаҳонбинии дарки проблемаҳои сиёсии «заминӣ» пурқувват менамояд.

Дар як қатор мавридҳо дин ва сиёсат дар заминаи баҳсу мунозираи барномавӣ ва амали сиёсӣ ташаккул меёбад. Чунин системаҳои идеологиро «динҳои сиёсӣ» меноманд. Ин истилоҳро Э.Фегелин дар Олмони фашистӣ нисбат ба идеологияҳои тоталитарӣ, ки бо низомҳои динӣ мувофиқат намекунанд ва мушкилоти сиёсиро ҳал карда, ҳақиқати мутлақи принсипҳои онҳоро даъво мекунанд, ворид карда буд. Дар илми муосир таърифи дини сиёсиро А.В. Митрофанова пешниҳод намудааст. Вай ин падидаро ҳамчун "як шакли махсуси дине, ки амали сиёсиро сафед мекунад ё ҳамчун шакли махсуси идеологияе, ки амали сиёсиро тавассути даъват ба қувваҳои дигар асоснок мекунад», муаррифӣ кардааст[1]. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ ҷараёнҳои сиёсии мазҳабӣ бо догмаҳои содда, ки ба сафарбарии сиёсии ҷонибдорон нигаронида шудаанд, густариш меёбанд.

Дин табиатан консервативист. Фаъолияти ниҳодҳои он, баҳодиҳии фаъолони равандҳои сиёсӣ (ҷамоаҳои динӣ, нухбагони онҳо, пешвоён ва иштирокчиёни оддӣ) дар асоси анъанаҳое сурат мегирад, ки касро доимӣ ба қарору амал ташвиқ мекунад. Динамизм, зуд посух додан ба дигаргуниҳо, қатъиян аз нав дида баромадани афкор ва мавқеи иштироккунандагони он хоси сиёсат аст. Талаботи сиёсат аксар вақт бо самтҳои консервативӣ, ки созмонҳои динӣ ҷонибдорӣ мекунанд, бархӯрд мекунанд. Ташкилотҳои динӣ ва роҳбарони онҳо аксар вақт вазифаҳои сиёсиро иҷро мекунанд. Дин нисбат ба ҷомеаи дунявӣ ҳам потенсиали устуворкунанда ва ҳам харобкунанда дорад.

Сиёсишавии дин ҳамчун ҷараён ва кӯшиши субъектони динӣ ва қудратҳо бахри динигардонии тамоми муносибатҳо дар давоми таърихи сиёсии башар ба вуқуъ пайвастааст. Дар таҳлили масъала наметавонем

---

[1] Митрофанова, А.В. Политические религии в современном мире: православие в международных отношениях [Текст] / А.В. Митрофанова // Обозреватель – Observer. – 2004. – №12. –С.96-110.

«сиёсишавии дин» ва «сиёсигардонии дин» - ро, ки ифодаи маънои «политизация религии» ва ё «politicization of religion» ҳастанд, аз нигоҳи амалӣ ҳаммаъно донем. Сиёсишавӣ бештар мафҳум ва мавзӯи баҳси назариявӣ ба ҳисоб меравад. Онро ҳамчун раванди тадриҷӣ ва объективӣ метавон шарҳ дод. Дар баҳсҳои назариявӣ сиёсишавии динро ба таври объективӣ баҳо дода, онро асоси инкишофи муносибатҳо ва равандҳои сиёсӣ дар давраи муайяни таърихӣ медонанд. Сиёсигардонӣ бештар маънои сиёсиро ба худ мегирад, яъне онро ҳамчун як тарҳ маънидод карда, як сиёсати барномарезишудаи субъектони динӣ ва барои тақвияти ҳокимияти худ дар шакли эътирофи он ба сифати ҳокимияти ягона ва ивазнашвандаи хосияти илоҳидошта амалӣ мегардад. Сиёсигардонии динро низ метавон роҳи махсуси олами диндорон ба хотири тақвияти иродаи сиёсии онҳо тавсиф кард.

Дин ва сиёсат ҳамеша бо ҳам иртиботи зич доштанд. Аз ин рӯ, навовариҳо ва тағйиротҳои диниро берун аз манзараи сиёсии ҷомеа дарк кардан ғайриимкон аст ва арзёбии рӯйдодҳои сиёсӣ бе назардошти таъсири дин ба ҷараёни онҳо низ ғайриимкон аст. Сиёсигардонии дин ва динигардонии сиёсат яке аз тамоюлҳои асосии муносибатҳои мутақобилаи сиёсат ва дин дар олами муосир мебошад. Сиёсигардонии дин аксаран дар шаклҳои мухталиф зуҳур пайдо мекунад. Он як навъ майлон ва дараҷаи руоварии ходимони динӣ ва иттиҳодияҳои динӣ дар фаъолияти сиёсӣ, раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа, ташаккули дараҷаи маънавиёт, шуури сиёсӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад. Динигардонии сиёсат бошад ҳолатеро мефаҳмонад, ки сиёсатмадорон омилҳо ва унсурҳои диниро дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷомеа ба назар мегиранд. Сиёсигардонии дин ва динигардонии сиёсат дар тӯли таърих бо ҳам омезиш меёфтанд. Имрӯз, дар шароити дунявӣ, ҳамкории дин ва сиёсат на танҳо қатъ нашудааст, балки шаклҳои нав пайдо карда истодааст. Яке аз онҳо босуръат

сиёсӣ кардани худи дин аст. Ин раванд ҳатто он мазҳабҳои диниеро, ки қаблан "аз сиёсат канорагирӣ мекарданд", фаро гирифтааст[1].

Масъалаҳои ҳамкории дин ва сиёсат доимо дар маркази диққати ҳам фалсафа ва ҳам илмҳои гуманитарӣ мебошанд (таърих, сотсиология, сиёсатшиносӣ). Таҳқиқоти васеи фалсафии робитаҳои динӣ-сиёсӣ, чун қоида, барои муайян ва асоснок кардани муносибати "дуруст" -и дин ва сиёсат равона карда шудаанд. Яъне, чунин муносибатҳо натиҷаи суботи иҷтимоӣ ё давлатӣ, ҳалли мушкилоти сершумори иҷтимоӣ мебошад. "Дурустӣ" -и равобити динӣ-сиёсӣ ва таъини нақши дин ва сиёсат дар ҷомеа бо табиати дин ва табиати сиёсат алоқаманд аст.

Вобаста ба масъалаи сиёсишавии дин, ки дар заминаи баҳамтаъсиррасонии дин ба сиёсат ва ворид гардидани дин ва дндорон дар саҳнаи сиёсат ба амал меояд, андешаҳои донишманди тоҷик А.Н. Маҳмадов хеле ҷолиб мебошанд. Ба андешаи ӯ, «дар дин меъёрҳои ахлоқие низ вуҷуд доранд, ки қисме аз онҳо мусбат ва қисми дигаре манфӣ мебошанд. Аз ҷумла адолат ва зулм. Дин тарғибгари адолат буда, маҳкумкунандаи зулм мебошад. Маҳз ин ду амал динро вориди саҳнаи сиёсат месозанд. Динро аз раванди ҳаёт дар канор гузоштан имконнопазир аст. Зеро дар он ҷомеае, ки зулму истисмор авҷ мегирад, дин ҳамчун тарғибгари адолати иҷтимоӣ вориди сиёсат мегардад. Аз ин хотир дар раванди таърих неруҳои мухталифи сиёсӣ барои расидан ба ҳадафҳои хеш динро ҳамчун яроқи идеологӣ дар бисёр мавридҳо истифода намудаанд»[2].

Дар таҳлили ҳаматарафаи масъалаи сиёсишавии дин ва барои омӯзиши муносибатҳои байниҳамдигарии сиёсат ва дин мушаххас гардонидани муносибатҳои методологӣ аҳамияти барҷастаро касб менамояд. Барои таҳлили таъсири сиёсат ба дин ва баръакс, дин ба сиёсат, инчунин, фаҳмидани падидаи сиёсисозии дин истифодаи равишҳои гуногуни илмӣ муҳим аст.

---

[1] Восторгов, И. Христианство и социализм [Текст] / И. Восторгов. – М., 1997. – С.175.
[2] Маҳмадов, А.Н. Сиёсатшиносӣ [Матн] / А.Н. Маҳмадов. – Душанбе: Ирфон, 2010. – С.288.

Ба андешаи Т. Парсонс ва Р. Мертон, дин ва сиёсат ҳамчун унсурҳои сохтории ҷомеа баррасӣ карда мешаванд[1]. Ин равиш ба мо имкон медиҳад, ки унсурҳои сохтории динро муайян кунем, тағйироти сифатии минбаъдаи онҳоро вобаста ба равандҳои сиёсии воқеии дар ҷомеа рухдода ва вазифаҳое, ки дар назди он истодаанд, ташхис созем.

Муносибати геополитикӣ диққати муҳаққиқонро ба вазифаи сафарбаркунии дин, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсии минтақавӣ ва байналмилалӣ равона шудааст, ҷалб мекунад[2].

Дар доираи муносибати таърихӣ нақши таълимоти ташаккулёбии дин дар равандҳои сиёсӣ дар заминаи рушди таърихии ҷомеа муайян карда мешавад[3].

Дар байни назарияҳое, ки раванди сиёсишавии динро аз ин ё он мавқеъ шарҳ медиҳад, назарияи С. Хантингтон оид ба бархӯрди тамаддунҳо ва назарияи модернизатсия мавқеи махсусро ишғол мекунад.

Тибқи гуфтаи сиёсатшиноси амрикоӣ С. Хантингтон, дин одамонро ба андозаи бештар аз қавмият ҷудо мекунад. Муҳаққиқ дар асари худ "Бархӯрди тамаддунҳо" менависад: "Одам метавонад нисф фаронсавӣ ва нисф араб бошад ... аммо наметавонад нисф мусулмон ва нисф католик бошад, яъне нисфи католик ва нисфи мусулмон будан хеле мушкилтар аст"[4]. Ин аз он сабаб ба амал омадааст, ки "аз ҳама унсури муҳимтарине, ки тамаддунро муайян мекунанд, дин аст"[5]. Дар замони муосир, ба андешаи ӯ, "эҳёи дин дар аксар қисматҳои ҷаҳон ин ... фарқиятҳоро афзоиш медиҳад»[6].

---

[1] Аванесова, Е.Г. Взаимодействие религии и политики как философская проблема [Текст] / Е.Г. Аванесова. – Томск, 2010. – С.74-77.

[2] Илларионов, Г.А. Геополитическая теория взаимодействия культуры и религии [Текст] / Г.А. Илларионов // Мировое культурно-языковое и политическое пространство: взгляд через столетия. – М., 2010. – Т. 1. – С. 227-231.

[3] Аванесова, Е.Г. Взаимодействие религии и политики как философская проблема [Текст] / Е.Г. Аванесова. – Томск, 2010. – С.11.

[4] Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций? [Текст] / С. Хантингтон // Полис. – 1994. – № 1. – С.36.

[5] Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / Пер. с англ. – М.: АСТ, 2003. – С.15-25.

[6] Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций? [Текст] / С. Хантингтон // Полис. – 1994. – № 1. – С.25.

Аммо, ба назари мо, назарияи С.Хантингтон то андозае ба асоснок кардани стратегияи ҷаҳонишавии ИМА равона шудааст. Маълум аст, ки сиёсатшиноси амрикоӣ афзоиши босуръати аҳолии кишварҳои мусулмоннишин, афзоиши иқтидори иқтисодии ҷаҳони арабро мебинад ва ин тамоюли инкишофи тамаддуниро манбаи мунокишаҳои мусаллаҳона медонад. Албатта, ҳеҷ кадоми ин ба манфиати миллии Амрико нест. Дарвоқеъ, як зиддияти тамаддунҳо бар сари ҷаҳон таҳмил мешавад, аммо дарк кардани оқибатҳои чунин "бархӯрд" муҳим аст. Ин ҷо саравввал, муколамаи созандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дуввум, муколамаи байни динҳо, сеюм, ҳамкории давлат ва муассисаҳои динӣ бениҳоят зарур аст. Дар ин раванд баъзе мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ метавонанд ба соҳаи сиёсат гузаранд.

Сиёсишавии дин як раванди оддии "эҳё"-и дин нест, онро бештар аз он ҳолате, ки тасаввур мегардад, фаҳмидан мумкин аст. Сиёсишавии дин истифода кардани дин барои ҳадафҳои сиёсӣ нест. Дар ин сурат сухан танҳо дар бораи раванди истифодаи рӯҳониён дар сиёсат меравад. Сиёсишавии дин кӯшиши ба арсаи сиёсӣ интиқол додани дин, ба воситаи он бедор намудани диндорон нисбат ба мушкилоти идеологии аксаран ҳалношудаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маънавӣ мебошад.[1]

Моҳияти сиёсишавии дин дар он аст, ки ҳодисаҳои «рӯи замин» ҳамчун маҷмуи ҳодисаҳои дорои характери муқаддаси умумибашарӣ ҳисоб карда мешаванд. Аз ин рӯ, расидан ба мақсади ҳаракати динӣ-сиёсӣ аз ҷониби қудратҳои пешбари ҷаҳон иҷозат дода мешавад ва арзиши мутлақ дорад. Донишманди маъруфи сиёсии Амрико Марк Юргенсмайер дар бораи ҷангҳои динӣ чунин менависад: “Амалҳои динии имрӯза на танҳо падидаҳои сиёсие мебошанд, ки бо ёрии дин асоснок карда мешаванд».[2]

---

[1] Зинченко, М.С. Политизация ислама как фактор соврименного политического процесса (на материалах Северного Кавказа) [Текст]: Автореф. дис. … канд. полит. наук: 23.00.02. – Краснодар, 2010. – С.3.
[2] Juergensmeyer, M. Sacrifi ce and Cosmic War // Violence and the Sacred in the Modern World; ed. by Juergensmeyer. - London: Frank Cass, 1992. - P. 112-128.

Сиёсишавии дин аз дараҷаи баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасониву истифодабарии ду падида – сиёсат ва дин вобастагии калон дорад. Омезиши дин ва сиёсат бо сабабҳо ва ҳолатҳои зерин сурат мегирад:[1]

1. Дин яке аз намудҳои системаи идеологӣ буда, аллакай ба ҳаёти сиёсии он дохил шудааст.

2. Вобаста ба манфиат ва амали рӯҳониён, вақте ки ба хотири ҳадафи муайян зарурати ба назар гирифтани меъёрҳои динию ахлоқӣ дар амали мушаххаси иҷтимоӣ ё қарори сиёсӣ асоснок мешавад.

3. Ниятҳои ғаразноки сиёсатмадорон барои истифода аз дин дар муборизаи сиёсии худ.

4. Рӯй овардан ба дин барои таҳкими рӯҳияи эътироз ва дифоъ аз манофеъ, ормон ва умеди худ.

Дар марҳилаи ҳозира мубоҳисаҳо оид ба муносибати дин ва сиёсат, чун қоида, хеле зиёд аст. Чуноне ки М. Нунуев иброз медорад, дараҷаи коркарди назариявии сиёсишавии дин бо ҷанбаҳо ва хосиятҳои дар амалияи сиёсӣ ба вуҷуд омадани он нобаробар аст. Агар дар осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ то имрӯз риштаи асоснокии амиқи назариявии падидаи сиёсатшавиро пай бурдан мумкин бошад, пас олим таъкид мекунад, ки «омилҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоию фарҳангии сиёсишавии дин, хусусиятҳои муқоисавии ин раванд хеле кам омӯхта шудааст. Ин ҳолати илм боиси баҳодиҳиҳои баҳснок мегардад»[2].

Қариб дар тамоми давраҳои таърихӣ дин на танҳо ба соҳаи маънавии ҷомеа, балки ба ташкили давлат, ҳокимият, ба сиёсат, ба ҳам пайвастани қувваҳои сиёсӣ ва муносибати диндорон, ба ақидаҳои сиёсии онҳо бевосита таъсири ҷиддӣ расонидааст. Бешубҳа, таъсир ва нуфузи дин дар масъалаҳои сиёсӣ аз давру замон, аз тамаддун ба тамаддун тағйир ёфт, на танҳо сатҳи

---

[1] Переяшкин, А.В. Политизация религии: сущность, механизмы, переспективы [Электронный ресурс]. – URL: https://pgu.ru/editions/un_reading/detail.php?SECTION_ID=386&ELEMENT_ID=13276 (дата обращения: 20.02.2021 г.);

[2] Нунуев, М. Политизация религии в современной России (теоретико-категориальный анализ) [Текст] / М. Нунуев // Общество: политика, экономика, право. – 2016. – № 8. – С.14-19.

диндорӣ, нерӯ ва нуфузи дин тафовут дошт, балки то чӣ андоза сиёсат ва эътиқод ба ҳам наздик буд ва муҳимтар аз ҳама, дар фазои ҳамдигар дахолат мекарданд.

Бисёрвазифавӣ, дараҷаи баланди таъсир ба ҷомеа, хусусияти хоси сиёсӣ, аломатҳои тоталитаризм дар танзими ҳар як паҳлӯи ҳаёти диндор - ҳамаи ин нишонаҳо барои ҳар як динҳои бузургтарини имрӯза хосанд. Дар ин росто сиёсатшиносон ва сиёсатмадорон ҳамеша дар таълимоти худ на танҳо ҳамсафар, балки рақиби ҷиддиро низ дидаанд. Аз ҷумла, маҳз ҳамин ҷузъиёти муҳимтарини тарзи иҷтимоии ҳастии инсонӣ ба талошҳои нерӯҳои сиёсӣ на танҳо бо дин рақобат кардан, балки онро ҳамчун василаи расидан ба ҳадафҳои мушаххас, ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба тафаккур истифода бурдан таъсир расонид. Руҳониён ва бо роҳи таълимоти динӣ дар шуури омма муносибатҳои зарурири ташаккул медиҳанд.

Ин аст, ки падидаи сиёсисозии дин аз ҷиҳати таърихӣ асоснок буда, худ ба худ на танҳо ҳамчун падидаи сиёсӣ, балки ҳамчун мавзуи таҳқиқ, таҳлил ва дарки мавқеҳои гуногун ҷолиби диққат аст.

Дар шароити мушаххаси таърихӣ сиёсӣ кардани дин, ки аз солҳои 1970-ум то ҳол афзоиш ёфтааст, то имрӯз натиҷаи бӯҳрони модели дунявии низоми сиёсӣ, пеш аз ҳама дар кишварҳои ғарбӣ буд. Суст шудани равобити иҷтимоӣ ва ҳамрайъӣ, буҳрони боварӣ ва деидеологизатсия, тахриби манотиқи дарозмуддати этникиву конфессионалӣ бар асари муҳоҷирати ҷаҳонӣ - ҳамагӣ зуҳуроти буҳрони тамаддуни дунявии Ғарб аст, ки ба таҳкими тамоюли эҳёи дин мусоидат кардааст.

Дар ин шароит дин як омили муҳими ғоявию ташкилии бозгашт ба анъанаи тамаддунии як ҷомеаи мушаххас, «мағзи» ҳувияти сиёсӣ, асоснокии мубориза барои истиқлолият ва асолат мегардад. Дар шароити буҳрони давлатҳои миллӣ, таназзули ахлоқ ва аз байн рафтани дастурҳои эътирофшуда нисбат ба субъектҳои сиёсии дунявӣ бартариҳои муайян мегиранд. Ташкилотҳои динӣ, бар хилофи ҳизбҳо ва иттиҳодияҳои сиёсӣ, дорои таълимоти устувор ва тарҳи институтсионалӣ мебошанд. Онҳо

мақсадҳои аз ҷиҳати маънавӣ муайяншуда ба миён мегузоранд, ки дар афкори ҷамъиятӣ талаб карда мешаванд. Дар навбати худ, давлатҳои дунявӣ, нухбагон ва роҳбарони онҳо баъзан аз нуфузи конфессияҳо ба манфиатҳои прагматикӣ барои баланд бардоштани қонунияти худ истифода мебаранд.

Дарки назариявии «бозгашти дин ба сиёсат» дар муқоиса бо равандҳои воқеии сиёсӣ дертар пайдо мешавад. Ҳамагӣ 15 сол пас аз инқилоби исломии Эрон С. Хантингтон гуфтааст: «Дар ҷаҳони муосир дин қувваи асосӣ, шояд муҳимтарин қувваи ҳавасманд ва сафарбаркунандаи сиёсии одамон гардад...»[1]. Ҳантингтон мафҳуми «бархӯрди тамаддунҳо»-ро маҳз бо бархӯрди арзишҳои динӣ ва мафҳуми ташкили тартиботи сиёсӣ алоқаманд кардааст. Ж.Казанова ҷомеаи дунявии Ғарбро пайваста танқид мекард. Ба ақидаи ӯ, бо вуҷуди ниҳодҳои демократӣ ва таблиғи таҳаммул, чунин ҷомеа нисбат ба динҳо тоталитарӣ, реаксионӣ, бунёдгароӣ ва зиддимодернистӣ, таъсиргузори манфии муосир аст». Аммо дар замони ҷаҳонишавӣ динҳо аз назорати дунявӣ раҳо ёфтаанд. Ж. Казанова ишора ба шоҳиди «зиддимахсусгардонӣ» - и дин дар ҷаҳони муосир аст. Анъанаҳои динӣ дар саросари ҷаҳон аз қабули нақши маргиналӣ ва хусусӣ худдорӣ мекунанд.

Сиёсишавии дин як алгоритми пай дар пай муайяншуда дорад. Барои шарҳ додани он ба асари В. Ачкасов дар бораи сафарбаркунии этносиёсӣ муроҷиат намудан аҳамияти калон дорад[2]. Сафарбаркунӣ, ба андешаи В. Ачкасов, равандест, ки дар он гурӯҳе дар мубориза бо гурӯҳҳои дигар ё бо давлат барои қудрат ва нуфузи сиёсӣ урфу одатҳо, арзишҳо, афсонаҳо ва рамзҳоро бо ҳадафҳои сиёсӣ сӯистифода мекунад. Дар робита ба дин, эътиқод, догмаҳо ва расму оинҳои он, ниҳодҳо ва расму оинҳо барои гирдиҳамоии як гурӯҳи динӣ, барои ба даст овардани ҳувияти умумӣ ва мақоми сиёсӣ ба сифати манба табдил меёбанд.

---

[1] Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / Пер. с англ. – М.: АСТ, 2003. – С.29.
[2] Ачкасов, В.А. Этнополитическая мобилизация: попытка концептуализации понятия [Текст] / В.А. Ачкасов // Вестник Санкт-Петербургского университета. Серия 6. Политология. Международные отношения. – 2014. – №3. – С.81-89.

Сафарбаркунии сиёсии дин дар шабеҳи сафарбаркунии этносиёсӣ се марҳилаи афзоишёбандаро аз сар мегузаронад: сафарбаркунии ҳувият; сиёсисозии анъанаҳо; мубориза бевосита барои хокимият. Дар марҳилаи аввал аломатҳои асосии тақсимоти ҷамъият ба «мо» ва «онҳо» муайян карда мешаванд, онҳо такроршаванда буда, ҳамчун меъёр барои диндорон маъқул мешаванд. Ҷомеаи динӣ, дурусттараш элитаҳои он дар заминаи консепсияи «худӣ» ва симои «бегонаҳо» ташаккул меёбад. Дар марҳилаи дуюм элитаҳо барномаҳо ва шиорҳои сиёсиро таҳия намуда, базаи захиравии ташкилотҳои худро зиёд мекунанд. Дар марҳилаи сеюм низои байни конфессияҳо ба амал меояд, ки онро майлу хоҳиши элитаи конфессионалӣ барои ба даст овардан ва истифода бурдани ҳокимият, «ташкил» кардани ҷамъият аз руи қонунҳои эътиқоди худ бармеангезад. Албатта, сафарбаркунии сиёсии дин танзимшаванда аст. Он метавонад дар марҳилаи якум ё дуюм қатъ карда шавад.

Сиёсишавии дин ҳамчун фаъолияти умумии иштирокчиёни муносибатҳои динӣ-сиёсӣ мебошад, ки иштироки фаъолони диниро дар институтҳои сиёсӣ, фаъолияти сиёсӣ ва таҷдиди фаъолияти диниро таъмин менамояд. Сиёсишавии дин аз рӯи чунин меъёрҳо, аз қабили таркиби иштирокчиён ва тарзи муносибатҳои онҳо ҷудо карда мешавад. Сиёсигардонии дин дараҷаи таъсири институтҳои динӣ ва ҳувияти динӣ ба сиёсат, модели муносибатҳои давлат ва субъектҳои сиёсати дунявӣ бо ниҳодҳои динӣ ва ташкилотҳои онҳо, дараҷа ва шаклҳои идеологии сиёсисозии худи иттиҳодияҳои диниро тавсиф мекунад.

Дар охири асри XX назарияи модернизатсия хеле мубрам гардида истодааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ модернизатсия на танҳо кишварҳои ғарбӣ, балки тамоми ҷаҳон, аз ҷумла давлатҳои исломиро фаро мегирад. Аз як тараф, навсозӣ таъсири динро ба равандҳои сиёсӣ коҳиш медиҳад ва ин боиси дунявигардонии ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ мегардад. Аз тарафи дигар, таъсири модернизатсия, демократизатсия ва принсипи озодии виҷдон боиси баланд шудани сатҳи диндорӣ дар ҷаҳон мешавад. Вокуниш ба «ғарбишавӣ»

- и тамоми муносибатҳо вуҷуд дорад. Ғарбгароӣ боиси пайдоиши ҳизбҳои гуногуни исломӣ мешавад. Баъзе ҳизбу ҳаракатҳои динӣ муносибати худро ба тамаддуни Ғарб ба таври ифротгароӣ оғоз мекунанд. Оҳиста-оҳиста анъанаҳои динӣ бо шиорҳои динӣ иваз карда шуда, сиёсӣ карда мешавад.

Ҳангоми омӯзиши муносибати дин ва сиёсат, омезиши методологияи сиёсӣ ва фалсафӣ ба назар мерасад. Ба тариқи дигар, таҳлили сиёсишавии дин дар чунин соҳаҳои илмии ба ҳам алоқаманд, ба монанди антропологияи сиёсӣ, теологияи сиёсӣ ва фалсафаи сиёсӣ имконпазир аст. Ин тадқиқотҳо бевосита ба зарурати андозагирии сиёсии дин ишора мекунанд.

Вазъи сиёсии муосир мунтазам як намуди буриши (ва аксар вақт тасодуфи воқеӣ ё тахайюлии) соҳаҳои сиёсӣ ва динии фаъолияти ҷамъиятиро нишон медиҳад. Ҳар яке аз ин соҳаҳо таваҷҷуҳи амалӣ ва назариявиро нисбат ба худ ҷалб мекунанд, ки ин аз ҷумла бо устувории ҳамзистии онҳо дар таърихи сиёсии инсонӣ шарҳ дода мешавад. Сиёсат унсури ивазнашавандаи системаи худтанзимкунии ҷамъиятӣ мебошад.

Барои тавсиф ва таҳлили мушкилоти робитаи дин ва сиёсат истилоҳоте пайдо шудаанд, ки онҳо дар доираҳои илмӣ аксар вақт мавриди баҳс қарор мегирад. Дар адабиёти илмӣ чунин мафҳумҳо, аз қабили «сиёсишавии дин», «дини сиёсӣ», «ислому сиёсӣ», «православи сиёсӣ» васеъ паҳн шудаанд. Ҳеҷ кас ба он эътироз намекунад, ки дин ҳамеша бо сиёсат робитаи наздик дошт. Шуури динӣ ба доираи васеи ғояҳо (эътиқод, рамзҳо) дохил карда шудааст ва аз ин соҳа хориҷ кардани арзишҳои диние, ки дар он ба андозаи дигар амал мекунад, ғайриимкон аст. Аммо сиёсишавии дин аз «эҳёи дин» васеътар аст.

Дар баҳсҳои илмӣ ва академӣ асосан ду ибора, ки ҳамчун масъалаи актуалӣ эътироф мегарданд, баррасӣ мешавад. Якум, «сиёсишавии дин» ва дигар бошад, «динишавии сиёсат». Моҳияти ҳар ду падида дар ифодаёбии ҳокимият ва шаклу махсусияти зуҳур пайдо намудани он таҷассум мегардад. Агар, ҳокимият ҳокимияти динӣ набуда, элитаи ҳукмрон динро ба мақсади расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва идоракунию таъсиррасонӣ истифода кунанд «сиёсишавии дин» дар инҷо маълум мегардад. Ҳокимият хосияти теократӣ

дораду диндорон ба сифати элитаи сиёсӣ баромад намуда, сиёсатро ҳамчун механизми ба мақсади расидани ҳадафҳо ва бо истифода аз восита ва захираҳои ҳокимияти сиёсӣ татбиқи консепсияи сиёсии динро ба роҳ мемонанд ва он метавонад ҳамчун тамоюли «динигардонии сиёсат» зуҳур пайдо кунад.

Дараҷаи таҳияи мавзуъ дар муқоиса бо ҷанбаҳои он нобаробар аст. Асосгузорони назарияи сиёсисозии дин олимони хориҷӣ Ю.Хабермас, С.Хантингтон, Ҷ. Ҳейнс, М.М. Мчедлова, И.В. Кудряшова ва чанде дигарон мебошанд. Омилҳои иҷтимоию фарҳангии сиёсисозии дин, хусусиятҳои муқоисавии ин раванд, ки нисбат ба православӣ, ислом ва дигар эътиқодоти ҷаҳони муосир татбиқ мешаванд, хеле камтар омӯхта шудаанд. Ин ҳолати илм боиси баҳоҳои баҳснок ва илман асоснокнагардида мешавад. Аз як тараф, аз ҷиҳати назариявӣ, арзёбии ислом ҳамчун як низоми идеологӣ ва тафсирҳои радикалии он ба ҳам наздик мешаванд. Аз тарафи дигар, А.А. Ярликапов мехоҳад исбот кунад, ки авҷ гирифтани муноқишаи сиёсӣ дар минтақаҳои гуногуни олам бо таҳрифи экстремистии ислом ҳеҷ иртибот надорад[1].

Мафҳуми динигардонии сиёсат ба якчанд падидаҳои гетерогенӣ, ки дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ба амал меоянд, ишора мекунад. Дар ин самт ду мисоли ин равандҳо муҳокима карда мешаванд. Якум, афзоиши фундаментализми исломӣ, ки ба маънои сиёсӣ ва давлатӣ мебошад. Дуюм падидаҳои нав дар ҳаёти динии ҷаҳони Ғарб. Назарияи интихоби оқилона дар илмҳои диншиносӣ ва мафҳуми капитализми маърифатӣ ҳамон воқеиятро тавсиф мекунанд. Идеологияи сиёсӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти кишварҳои мутараққии муосирро фаро гирифта, онҳоро ба лаҳзаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ табдил медиҳад. Як қисми равандҳои бо забони иқтисодиёти сиёсӣ тавсифшуда аз ҷониби ташкилотҳои динӣ ҳамчун манфиатҳои сиёсӣ муаррифӣ мегарданд (ҳадди аққал дар сатҳи "сиёсати ҷамъиятӣ").

---

[1] Ярлыкапов, А.А. Ислам и конфликт на Кавказе: направления, течения, религиозно-политические взгляды [Текст] / А.А. Ярлыкапов // Этничность и религия в современных конфликтах. – М., 2012. – С.607-629.

Аз як тараф, онҳо василаи расидан ба ҳадафҳои муайяни сиёсӣ мегарданд, аз тарафи дигар, падидаҳои иҷтимоӣ ба объектҳои таъсири иттиҳодияҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ ва ҳатто давлат табдил меёбанд. Аксар вақт, объектҳои таъсиррасони ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ мебошанд, ки аз дастгирии молиявӣ ва идеологии қудратҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ манфиатдоранд ва ба вайрон кардани пояҳои давлати номатлуб машғул мебошанд. Масалан, ташкилоти исломии "Ихвон-ул-муслимин" дар охири солҳои 20-ум бо маблағгузории "Ширкати генералии канали Суэц" -и Бритониё таъсис дода шуд. Ҳамчун созмоне, ки мебоист ба Британиёи Кабир дар мустамликаи кишварҳои араб кумак мекард. Вай инчунин дар соли 1930 аввалин масҷиди Ихвонулмуслиминро дар Исмоилия (минтақаи канали Суэц) сохт. Чунин созмонҳои радикалӣ аз арзишҳои динӣ истифода бурда, мундариҷаи аслии онҳоро таҳриф ва мардумро ба иштибоҳ меандозанд. Дар ин ҳолат, дин воситаи сиёсии расидан ба ҳадафҳои ғаразнок мегардад.

Тибқи ақидаҳои мутафаккири олмонӣ Карл Шмитт, мушаххасоти сиёсишавии динро бо муайян кардани мушкилоти асосие, ки сиёсат ҳал мекунад, шарҳ дод. Эстетика масъалаи муносибати зебоиҳо ва зишт, ахлоқӣ - некӣ ва бадӣ, иқтисодӣ - фоидаовар ва зараровар, дин - муқаддас ва гунаҳкорро ҳал мекунад[1].

Формулаи К. Шмитт имкон медиҳад, муайян карда шавад, ки муносибатҳои муайян кай сиёсӣ мешаванд ва мувофиқан, ба доираи таваҷҷуҳи сиёсатшинос меафтанд. Дин дар ин ҳолат сиёсӣ мешавад, вақте ки тарафдоронаш пайравони дини дигарро на ҳамчун ҳамсоя мешуморанд ё табдилдиҳандаҳои имконпазир, аммо ҳамчун душман эътироф менамоянд. Моҷаро ва бархӯрди байни конфессияҳо дар шакли ҷанги кушод ё танҳо муқовимати сиёсӣ оғоз меёбад. Аммо, ҷонибдорони як дин на ҳамеша ба намояндагони дини дигар душманананд.

---

[1] Шмитт, К. Понятие политического [Текст] / К. Шмитт // Вопросы социологии. – 1992. – №3. – С.37-67.

Сиёсишавии дин метавонад дар шаклҳои зерин зоҳир гардад:

- иштироки барандагони дин ва иттиҳодияҳои динӣ дар фаъолият ва равандҳои сиёсӣ;

- ташаккули ҳаракатҳо, ҳизбҳо, иттиҳодияҳо ва созмонҳои дигари сиёсие, ки дар пояҳои идеологияи динӣ шакл гирифтаанд;

- иштироки субъектони дин ва ходимон динӣ дар ҳалли масъалаҳои сиёсии муқовиматомез, махсусан моҷароҳои сиёсӣ ва ғ.

Дар асоси таҳлили моҳияти сиёсишавии дин як қатор хулоса баровардан мумкин аст:

Якум, сиёсишавии дин як шакли зуҳури ҷузъи сиёсӣ дар дин мебошад. Вақте ки мушкилоти ғайрисиёсӣ дар фазои сиёсӣ бо иштироки механизми ҳокимият ҳал карда мешаванд, "дини анъанавӣ" ба "дини сиёсӣ" мубаддал мешавад.

Дуввум, дини сиёсӣ ҳамчун як навъ омехтаи дин ва идеология аст. Яъне, ходимон ва барандагони идеология амалҳои сиёсии худро тавассути муроҷиат ба Худо сафед мекунанд.

Саввум, амалҳои сиёсие, ки дар раванди сиёсишавии дин амалӣ мешаванд, метавонанд ангезаҳои мусбат ва манфӣ дошта бошанд. Натиҷаҳои сиёсишавии дин аз самтҳои амали сиёсии фаъолони гуногуни сиёсӣ ва ғайрисиёсӣ вобастаанд.

Чаҳорум, дахолати аз ҳад зиёди дин ба сиёсат ва тақвияти ҷузъи сиёсӣ дар дин хусусияти ҷаҳони муосир мебошад.

Чунин ба назар мерасад, ки аз нуқтаи назари таҳқиқоти минбаъда мушкилоти муайян кардани заминаҳо ва омилҳое, ки ба пайдоиши низоъҳои динӣ ва сиёсӣ мусоидат мекунанд, ба сиёсигардонии дин баробар карда мешавад. Аз ҷумла, муқаррар кардани самти омилҳои сиёсишавии дин ва дараҷаи таъсири онҳо ба натиҷаи сиёсишавӣ муҳим аст.

Сиёсат ва дин соҳаҳои ба куллӣ фарққунандаи фаъолияти инсон нестанд. Пайванди байни дин ва сиёсат вуҷуд дошта, онҳоро муттаҳид мекунад ва ба пайдоиши хосиятҳои нави интегратсионӣ дар онҳо мусоидат

менамояд. Сиёсат ҳамчун ҷузъи дин сиёсати динӣ мебошад; дин ҷанбаи сиёсӣ дорад. Танҳо берун аз дин сиёсат ба "объект" -и мустақил мубаддал мешавад ва аз ин рӯ, табиати куллро ифода намекунад ва хосиятҳои мушаххасеро, ки он ҳамчун як ҷузъи том дошт, аз даст медиҳад[1].

Ҷамеаи баъдисекулярӣ сохтори имкониятҳои сиёсиро барои табдил додани дин ба омили муҳими идеологӣ ва ташкилӣ дар бозгашт ба анъанаҳои тамаддунии ин ё он ҷомеа, асли ҳувияти сиёсӣ, асосноккунии мубориза барои истиқлолият ва асолати худ фароҳам меорад. Дар шароити бӯҳрони давлатҳои миллӣ, таназзули ахлоқ ва аз даст додани дастурҳои аз ҷониби умум эътирофшуда, эътирофҳо нисбат ба фаъолони сиёсии дунявӣ бартариҳои муайян ба даст меоранд. Ташкилотҳои динӣ ба фарқ аз ҳизбҳо ва иттиҳодияҳои сиёсӣ доктринаҳои устувор ва тарроҳии институтсионалӣ доранд. Онҳо ҳадафҳои дарозмуддат ва аз ҷиҳати ахлоқӣ муайяншударо ба миён гузоштаанд, ки дар афкори умум талабот пайдо мекунанд.

Сафарбаркунии сиёсии дин аз се марҳила мегузарад: сохтан ва сафарбар кардани ҳувият, сиёсисозии анъанаҳо, муборизаи мустақим барои қудрат. Дар марҳилаи аввал аломатҳои асосии тақсимоти ҷомеа ба диндорон ва бегонагони динӣ муайян карда мешаванд, онҳо такроршаванда, стандартӣ, барои диндорон аз ҷониби умум қабулшуда мебошанд. Элитаҳо ва пешвоёни ҷомеаи динӣ симои мусбати "худ" ва тасвири симои манфии "бегонагон" -ро ташаккул медиҳанд. Дар марҳилаи дуввум элитаҳо барномаҳо ва шиорҳои сиёсиро таҳия мекунанд, заминаи захиравии ташкилотҳои худро зиёд менамоянд. Дар марҳилаи сеюм, муноқишаи байни конфессияҳо ба вуқуъ мепайвандад, ки аз хоҳиши элитаи конфессионалӣ барои ғасб кардан ва истифода бурдани қудрат, "мувофиқи қонунҳои эътиқоди худ" ҷомеаро таҳрик медиҳанд.

Дин ба ҷаҳонбинии сиёсии садҳо миллион одамон, ба шуур ва рафтори сиёсии онҳо таъсири назаррас мерасонад. Таъсири системаи арзишҳои динӣ

---

[1] Хабермас, Ю. Религия, право и политика. Политическая справедливость в мультикультурном Мир-Обществе [Текст] / Ю. Хабермас // Полис. Политические исследования. – 2010. – №2. – С.7-21.

ба қарорҳои қабулкардаи ҳокимияти давлатӣ низ мушоҳида мегардад. Аммо, равандҳои мушоҳидашуда дар сатҳи консепсияҳо дертар дарк карда мешаванд ва баъзан дастгоҳи категорияи илмӣ ба воқеият нокофӣ буда, назарияҳо ва баҳодиҳиҳои кӯҳна ё идеологикардашударо инъикос мекунад. Аз ин рӯ, дар айни замон, таҳлили назариявии сиёсисозии дин дар олами муосир муҳим аст.

Ҳамин тариқ, сиёсишавии дин яке аз равандҳо ва тамоюлҳои асосии муносибатҳои байниҳамдигарии сиёсат ва дин мебошад. Ифодаи васеи тамоюли мазкур ҳам дар сатҳи назария ва ҳам дар сатҳи амалияи сиёсӣ дар олами муосир ба чаш мерасад. Сиёсишавии дин бештар дар шаклҳо ва навҳои гуногун зуҳур пайдо мекунад, ки чунинанд: ба фаъолияти сиёсӣ рӯ овардани ходимони динӣ ва итиҳодияҳои динӣ; ташкили ҳаракат ва созмонҳои динӣ, ҳизбҳои сиёсии дар асосҳои динӣ фаъолияткунанда; иштироки элитаи динӣ дар ҳалли масъалаҳои муқовиматомез ва мураккаби ҷомеа, аз ҷумла аз байн бурдани зиддиятҳо ва моҷароҳои сиёсӣ ва дигар навъу шаклҳои онҳо. Дар равади сиёсишавии дин ба сифати субъектҳои динии сиёсат сарварони ҳаракатҳо ва неруҳои динӣ, сарварони мазҳабҳои динҳои гуногун, сарварони иттиҳодияҳои сиёсии динӣ, гурӯҳҳои этникиву динӣ, умумиятҳои иҷтимоиву динӣ, ҳокимиятҳои теократӣ ва ғайраҳо шинохта мешаванд.

## 1.2. Сабабҳо ва заминаҳои сиёсишавии дин дар ҷомеаи муосир

Дин ҳамеша омили муҳимми таъсиргузор ба тамоми соҳаҳои ҷомеа буд. Дараҷаи диндорӣ дар ҷаҳон паст намешавад, балки мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки дар марҳила ва шароити бӯҳронии инкишофи ҷомеаи дунявӣ аҳамияти дин меафзояд. Дар давраи пас аз шикасти низоми duқутбаи олам, «бояд баргашти муқаддасоти диниро эътироф кард»[1].

[1] Тиби, Б. Является ли ислам политической религией? Возможность межрелигиозного плюрализма в условиях цивилизационного конфликта [Текст] / Б. Тиби // Неприкосновенный запас. – 2002. – № 6 (26). –С.27.

Дин омили намоён ва таъсирбахши ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад. Суҳбат дар бораи таъсири он ба сиёсат, равандҳои сиёсӣ, сиёсати соҳавӣ ва сиёсати кабир, дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ маънои онро дорад, ки моҳиятан муҳокимаи самти махсуси муносибатҳои гуногуни шахс ва ҷомеа аст. Аз як тараф, дар ин ҷо саволҳое пайдо мешаванд, ки барои ҳар як шахс вобаста ба ҷаҳонбинии ӯ хусусан дин ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, сиёсӣ, дараҷаи эътиқоднокӣ зарур аст. Инсон ҳамчун субъекти сиёсат дар раванду ҳодисаҳои сиёсӣ ва дар муносибат бо сиёсатҳои мухталиф, дар баҳодиҳии сиёсат, объективӣ, самаранок ва боадолат будани сиёсат ба эътиқодоти мафкуравӣ, ки қисми онро дин ташкил медиҳад, такя мекунад. Аз тарафи дигар, хусусиятҳои сифатии як ҷомеаи муайян, низоми давлатӣ, қобилияти он дар таъмини ҳуқуқҳои демократии шаҳрвандон, истисно кардани ҳама гуна хушунат ногузир ошкор карда мешаванд. Дар ин ҳолат сухан дар бораи нишондиҳандаи муҳимтарини демократия ва инсондӯстии ҷомеа меравад. Бе назардошти омили динӣ фаҳмидани сабабҳои ниҳонии як қатор амалҳои сиёсӣ, ки имрӯз дар баъзе кишварҳо, минтақаҳо ва ҳатто дар сиёсати ҷаҳонӣ мушоҳида мешавад, душвор аст.

Алоқамандии ҳаёти динӣ ва иҷтимоию сиёсӣ яке аз мушкилиҳои муҳим дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ибодатгоҳҳо ё созмонҳои дигари динӣ, ки ба ҳимояи "ахлоқи олӣ" даъво доранд, дар фаъолияти худ ба таври доимӣ мехоҳанд як қисми вазифаҳои ба таври анъанавӣ хоси сохторҳои қудратиро (муайян кардани самтҳои муҳимтарини рушди ҷомеа, ҳадафҳои рушдро) ба даст оранд, инчунин тафсири рӯйдодҳои асосии дар кишвар рухдодаро мутобиқи мафҳумҳои имон, адолат ва эътиқод ташхис диҳанд[1].

Ба таври васеъ, омили динӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар гузашта ба таври васеъ зоҳир мешуд. Сиёсишавии дин дар таърихи башарият дар давоми асрҳои миёна бевосита вуҷуд дошт. Ифодаёбии ҳокимияти давлатӣ дар шакли теократия, боло бурдани арзишҳо ва меъёрҳои динӣ аз ҳар гуна

[1] Царевский, А.Н. Религиозные организации в современном политическом процессе: на примере протестантских организаций США [Текст]: Автореф. дис. … канд. полит. наук: 23.00.02 / А.Н. Царевский. – Нижний Новгород, 2013. – С.3.

арзишҳои дигари ҷамъиятӣ, шакл гирифтани тасавуроти одамон ва моҳияти қарори сиёсиро ташкил додани ғояҳо ва идеяҳои динӣ, дар асоси талаботи институти динӣ ва диндорон мазмун пайдо кардани сиёсат далели он шуда метавонад. Ҷунбиши зиддикатоликӣ дар Аврупо дар асри XVI таъсиррасонии динро ба сиёсат тағйир дод. Ислоҳоте, ки марҳилаи муҳим дар муборизаи буржуазии як қатор кишварҳои Аврупо бар зидди феодализм буд, ҳамаро ба мавҷи худ андохта буд.

Савол ба миён меояд, ки омилҳои аз сиёсат канор гузоштани (деполитизатсияи) дин ба сабабҳо ва омилҳои сиёсишавии дин мувофиқанд, ё дар тафовути бештаре қарор доранд. Аз тарафи дигар мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки омилҳо ва сабабҳову заминаҳои сиёсишавии дин низ ҳамон бархурди нарм ва сабук надоштани ҳукуматҳои дунявӣ ва ҳокимияти демократӣ ба ҷомеаҳои динӣ мебошад, ки баъдтар сиёсишавии дин дар шакли радикализми динӣ ва терроризму экстремизми динӣ зуҳур пайдо мекунад.

Ҳаракатҳои зиди ҳокимиятӣ ва зиддисохторӣ дар шароити муосир рӯз то рӯз афзун гардида, моҳияти онро баъзан ҳаракатҳои динӣ ва сепаратистиву ноороmкунандаи бо дин ва арзишҳои динӣ омезишёфта ташкил медиҳад.

Дар ин ҳаракатҳои тазоҳургароёна, нерӯҳо парчамҳоро бо шиорҳои динӣ баланд бардошта буданд, дар ҳоле ки бо талабҳои муайяни сиёсӣ баромад мекарданд. Дин як воситаи татбиқи ҳадафҳо ва консепсияҳои стратегии субъектони сиёсати фаоъл мегардид ва то ҳол ин гуна ба сифати восита истифода гардидани дин аз анъанаи сиёсӣ хориҷ нагардидааст[1].

Дин як шакли шуури ҷамъиятӣ мебошад. Дар давраҳои муайяни таърихӣ дар минтақаҳои гуногуни олам он ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ махсусияти сиёсӣ гирифтааст, ки дар байни омма васеъ паҳн шуда, баъзан он дар ҳама шаклҳои дигари шуури иҷтимоӣ ҳукмфармо аст. Аз ин рӯ, дар ҳама ҳолатҳо, вақте ки сухан дар бораи дин меравад, саволномаҳои каму беш

---

[1] Куприянова Г.М. Взаимодействие религиозной и политической сфер общества: история и соврименность [Текст] / Г.М. Куприянова // Весник БДУ. Серия 3. – 2011. – № 2. – С.57-60.

назаррасе муҳаққиқон ва олимонро ба ташвиш меорад, ки дин то куҷо ба сиёсат пайвастагӣ дорад ва он моҳиятан хосияти сиёсиро соҳиб аст ё хосияти сиёсӣ гирифтани дин вобаста ба талаботу манфиатҳои субъектони сиёсати соҳавӣ ва кабир мебошад, ки аз асосҳои ғоявию идеологӣ ва таълимоти бештар таъсирбахши динӣ истифода карда, динро ба саҳнаи мубориза ва набардҳои сиёсиву ҳокимиятӣ мекашанд ва аз он нурҳои сарди ҷомеаро ба вуҷуд меоваранд[1].

Вобаста будан бо мушкилоти қудрат ва сиёсат, дар навбати худ, вақте пайдо меагардад, ки сухан дар бораи манфиатҳои гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ, синфҳо ва миллатҳо меравад. Аз ин рӯ, сиёсат низ ногузир бо шакли шуури ҷамъиятие чун дин алоқаманд аст.

Хулоса баровардан мумкин аст, ки агар мавзуъҳои дин ва сиёсат, ташкилотҳои динӣ ва сиёсӣ моҳиятан яксон бошанд, пас ин падидаҳо ногузир бояд баррасӣ гарданд. Гузашта аз ин, моҳияти як қатор ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсиро дар баъзе минтақаҳои олам бе назардошти хусусиятҳои динии онҳо наметавон дарк кард. Ин аст алоқа бо синфҳои ҳукмрон, нобаробарии синфӣ, зулми иҷтимоӣ ва рушди ҳаракатҳои озодихоҳӣ. Чунин ҳолат заминаи асосии ташаккул ва пайдоиши ташкилотҳо, иттиҳодияҳо ва созмонҳову ҳаракатҳои динию сиёсӣ дар шароити муосири шаклгирии муносибатҳои сиёсӣ ва раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа мебошад. Ин аз он сабаб аст, ки дин заминаи васеи баҳампайвастани байни синфҳо ва гурӯҳҳоро дорад. Чун қоида, тарафдорони он ба гурӯҳҳои иҷтимоии муқобил ва нерӯҳои сиёсӣ мепайванданд.

Сиёсишавии дин хоси ин ва ё он дини муайян, хоси ин ва ё он марҳилаи муайян, хоси ин ва ё он ҷуғрофиёи муайян нест. Тамоюли мазкур хосияти универсалӣ дошта, метавонад дар ҳама маконҳо, дар ҳама замонҳо ва дар ҳама динҳо зуҳур пайдо намояд. Дар шароити муосир аксаран эҷод ва ба вуҷуд омадани чунин тамоюл сунъӣ ва субъективона ба назар мерасад. Ин

---

[1] Григорьева Л.И. Религии Нового века и современное государство (Социально-философский очерк) [Текст] / Л.И. Григорьева. – Красноярск, 2002. – С.44.

пеш аз ҳама ба ҳамаи динҳо дахл дорад. Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI тамоюли сиёсишавии дин бештар хоси дини ислом гардид. Дини ислом ба як омили ҷиддии таъсиргузор ба равандҳои сиёсӣ ҳам дар дохили кишварҳои алоҳида ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ табдил ёфтааст. Дар баробари ин, сиёсӣ шудани дини ислом дар ҷаҳон ташаннуҷи иҷтимоию сиёсиро ба вуҷуд меорад. "Эҳёи Ислом" ё "Эҳёи исломӣ" дар солҳои 1960 оғоз шуд. Асри XX, пас аз пошхӯрии системаи ҷаҳонии мустамликадорӣ шоҳиди мавҷи васеи тамоюли сиёсишавии дин гардид. Бар асари пошхӯрии низоми дуқутбӣ ва бадном кардани идеяи коммунистӣ ҳамчун идеологияи ҷаҳонӣ ба раванди сиёсӣ шудани дини ислом такони нав бахшид. Дини ислом аз сиёсат ба вуҷуд омадааст, ки дар тӯли таърихи 14-асраи худ имкон медиҳад, ки сатҳи баланди сиёсисозии ин таълимот нигоҳ дошта шуда, ба рушди равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеа таъсири рӯзафзун расонад. Аҳамияти сиёсию иҷтимоии дини ислом аз он иборат аст, ки он аз доираи догмаҳои муқаррарӣ берун баромада, падидаи мураккаби иҷтимоию фарҳангӣ мебошад[1].

Сиёсишавии дин равандест, ки дар тамоми динҳои ҷаҳон фундаментализми динии ақидаҳои гуногунро ба вуҷуд меорад. Ишораҳое низ вуҷуд дорад, ки динҳо моҳиятан сиёсӣ нестанд, балки дар замони имрӯза дар тамоми ҷаҳон фаъолона сиёсӣ карда мешаванд. Лекин дар замони муосир шояд ягон дини дигар ин қадар таваҷҷуҳро ба худ ҷалб накунад ва боиси баҳсҳои зиёд ба мисли дини ислом нагардад. Дар баробари ин, густариши рӯзафзуни Ислом боиси нигаронии давлатҳо, сиёсатмадорон ва мардуми оддӣ мегардад.

Ҳаракатҳои динию сиёсӣ дар шакл ва сатҳи мухталиф нисбати раванду ҳодисаҳо ва муносибатҳои бавуҷудмеомадаи ҳаёти сиёсӣ мавқеъ мегиранд. Муносибатҳои консервативӣ, иртиҷоӣ, пешқадам, либералӣ ва демократии ходимони динӣ ва иттиҳодияҳои динӣ сатҳи мухталифи муносибатҳои

---

[1] Семедов С.А. Причины политизации ислама в современном мире [Текст] / С.А. Семедов // Государство, религия, Церковь в России и за рубежом. – 2009. – Т.27. – № 3. – С. 230-239.

мутақобилаи байни унсурони ҷомеаро ташаккул медиҳанд. Беҳуда нест, ки дар минтақаҳои гуногун моҷароҳои сиёсӣ сар мезананд. «Ҳодисаву падидаҳои ҳаёти сиёсиро ходимони динӣ ба нафъи худ истифода мебаранд».[1]

Дар шароити муосири мазмун пайдо кардани сиёсати ҷаҳонӣ бештару пештар созмонҳои бузурги динӣ, ба монанди Шурои умумиҷаҳонии калисоҳо, Созмони конференсияи исломӣ, Бародарии умумиҷаҳонии будпарастон, Созмони умумиҷаҳонии сионистон ва ғайраҳо бештар таъсиргузор мегарданд. Онҳо кушиш мекунанд, ки ба сиёсати ҷаҳонӣ дар сатҳ ва дараҷаи муайян таъсир расонанд. Манфиату талаботҳои худашонро дар мундариҷаи қарорҳо ва барномаҳои умумиҷаҳонӣ ворид созанд. Субъектони динии сиёсат вазифаҳои мухталифро иҷро мекунанд. Онҳо дастурҳо ва низомномаҳои махсуси фаъолияти сиёсии худро омода месозанд. Консепсияҳои динию сиёсӣ, барномаҳо, қоидаҳои ҳуқуқи динӣ, принсипҳои асосии сохтори давлатӣ, роҳу воситаҳои мутобиқгардонии муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳои сиёсати бузургро таҳия ва танзим менамоянд. Вобаста ба мақоми иҷтимоиашон иттиҳодияҳои динӣ муносибатҳои сиёсии ҷомеаро тезутунд менамоянд ва ё ба он хосияти тадриҷию муттасил мебахшанд.

Раванди сиёсишавӣ умуман ба тамоми системаҳои динии ҷаҳонӣ хос аст. Дар давраҳои гуногуни таърих сиёсӣ шудани дин гуногун буд. Сиёсӣ шудани дин як раванди доимист ва то замоне сурат мегирад, ки дин ва сиёсат дар ҷомеа ҳамзистии умумиро ихтиёр кардаанд. Аксаран дар бораи сиёсӣ шудани динҳо ба маънои аслӣ ҳарф задан ғайриимкон аст, зеро дар ҳама динҳо ҷудоӣ ба дину сиёсат вуҷуд надорад. Динҳо дорои як идеологияи сиёсӣ, низоми мазҳабии сиёсӣ мебошанд. Мо ин мафҳумро ба маънои фаъол шудани дин дар равандҳои сиёсӣ, истифодаи ислом ба ҳадафҳои сиёсӣ истифода мебарем.

Аз ҳамин хотир чунин мавқеи сиёсӣ пайдо кардани динҳо ва авҷ гирифтани тамоюли сиёсишавии дин, ки ҳам тарафдорон ва ҳам муқобилони

---

[1] Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ [Матн]. Иборат аз се ҷилд. Ҷ.3. / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – С.141.

худро дорад, моро ба муайян намудани сабабҳо, заминаҳо ва омилҳои асосии шакл гирифтан ва ҷоннок гардидани ин тамоюл водор мекунад.

Муайян намудани сабабҳо, заминаҳо ва омилҳои сиёсишавии дин хеле мураккаб аст. Ҳолати мазкур аз гуногунии сабаб, замина ва омилҳо иборат мебошад. Сиёсишавии дин дар зери таъсири омилҳои гуногуне ба амал меояд. Асосан ду омили асосии ба вуҷуд омадани тамоюли сиёсишавии динро метавон муайян намуд:

1. Омили обеъктивӣ.
2. Омили субъективӣ.

Омили обективӣ - бо зарурияти таърихӣ - иҷтимоӣ, замоне, ки сиёсат ва ҳокимияти сиёсӣ талаботу манфиатҳои ҷомеаи диниро ба эътибор намегиранд ва қарорҳои сиёсиашонро бевосита яктарафа қабул мекунанд. Бухрони сиёсӣ ва ҳокимиятӣ, ки ба таври объективӣ ба амал меояд, метавонад заминагузори объективона шакл гирифтани тамоюли сиёсишавии дин гардад.

Омили субъективӣ – бо таъсиррасонӣ ва тасмимҳои барномавию стратегӣ ва доктринавию консепсиявии субъектони сиёсат – барандагони сиёсати кабир тамоюли сиёсишавии дин ба амал меояд. Аксаран дар заминаи омили субъективӣ ба вуҷуд омадани сиёсишавии дин хосияти мусолиҳатомез ва хайрхоҳонаро нагирифта, дар натиҷа сабаби ба вуҷуд омадан ва шакл гирифтани ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоиву экстремистӣ дар ҷомеаҳои муайян мегардад. Субъектони сиёсишавии дин иҷрои супоришҳо ва амрҳои субъектони сиёсати кабирро ба амал мебароранд. Талаботи кулли одамон ба як тараф во гузошта мешавад. Дар асоси ин гуна тамоюлоти сиёсишавии дин давлатҳо манфиатҳои геополитикӣ, геоиқтисодӣ ва геоконфесионалии худро қонеъ мегардонанд. Субъектони сиёсати кабир «геополитикаи навро» дарёфт намуда, сиёсишавии динро дар шакли иртиҷоӣ – иттиҳодиявию созмонӣ ташкил намуда, моҷароҳои мухталифро ба вуҷуд меоваранд. Воқеаҳои Афғонистон, Сурия, Ироқ ва дигар кишварҳои мусулмоннишонро метавон ҳамчун далел ишора намуд.

Аз шумули сабабҳо ва омилҳои ба вуҷуд омадани сиёсишавии дин ҳамчун тамоюли динӣ – сиёсии замони муосир равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ҳамчун омили таъсиргузор ва аксаран шиддатзо ҳисобида мешавад. Ба омили иҷтимоӣ дар навбати худ дохил мегарданд: беадолатиҳои иҷтимоӣ; табъизҳои иҷтимоӣ; аз уҳдаи иҷрои масъулияти иҷтимоии худ набаромадани ҳукуматҳои дунявӣ; бартараф накардани нобаробариҳои иҷтимоӣ ва ғ. Чигунае, ки вобаста ба сиёсишавии дин қайд намудан бамаврид аст, мавҷуд будани беадолатии иҷтимоӣ боиси он мегардад, ки дин ба сиёсат таъсир расонида, ба саҳнаи сиёсат ворид шавад. Қасди ба қарорҳои сиёсӣ ва тасмимҳои сиёсӣ таъсир расониданро кунад. Албатта, ин сабаби ягона ва асосӣ нест. Зеро дар замони шуравӣ, махсусан солҳои 70-80-ум одамон аз лиҳози иҷтимоӣ беҳтарин шароитҳоро соҳиб буданд. Тамоми хизматрасониҳои иҷтимоии ройгонро дастрасӣ доштанд. Ба монанди: тибби ройгон, таҳсилоти ройгон, хизматрасониҳои иҷтимоии сатҳи баланд, маоши кофӣ ва монанди инҳо насиби қариб, ки ҳама қишрҳои ҷомеа буд. Аммо сабаб дар чӣ буд, ки дар ин солҳо дар ҳудудҳои алоҳидаи Иттиҳоди Шуравӣ ҳаракатҳои динӣ пайдо гардиданд. Дар ин гуна шароит мубориза барои поймол гардидани ҳуқуқҳои мазҳабӣ ва норозигӣ аз идеологияи атеистӣ ҳамчун баҳона барои пеш бурдани фаъолияти экстремистӣ аз ҷониби рӯҳониён истифода мегардид[1].

Албатта, дахолати давлатҳо ва марказҳои истихборотии хориҷӣ низ дар ин раванд нақш мебозанд. Аммо, замоне ки дар ҷомеа адолати иҷтимоӣ дар сатҳи паст қарор мегирад, дин ба саҳнаи сиёсат ворид мегардад ва чунин ҳолатро ҳамчун яроқи идеологӣ истифода менамояд. Вобаста ба ин вазъ андешаҳои донишманди тоҷик Маҳмадов А.Н. хеле ҷолиб мебошанд. Ба андешаи ӯ, «дар дин меъёрҳои ахлоқие низ вуҷуд доранд, ки қисме аз онҳо мусбат ва қисми дигаре манфӣ мебошанд. Аз ҷумла адолат ва зулм. Дин

---

[1] Сафарализода, Х.Қ. Сиёсишавии дин ҳамчун омили пайдоиши экстремизми динию сиёсӣ ва таъсири он ба амнияти миллии кишвар [Матн] / Х.Қ. Сафарализода, Ҷ.Х. Ашурзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – № 6. – С.264-270.

тарғибгари адолат буда, маҳкумкунандаи зулм мебошад. Маҳз ин ду амал динро вориди саҳнаи сиёсат месозанд. Динро аз раванди ҳаёт дар канор гузоштан имконнопазир аст. Зеро дар он ҷомеае, ки зулму истисмор авҷ мегирад, дин ҳамчун тарғибгари адолати иҷтимоӣ вориди сиёсат мегардад. Аз ин хотир дар раванди таърих неруҳои мухталифи сиёсӣ барои расидан ба ҳадафҳои хеш динро ҳамчун яроқи идеологӣ дар бисёр мавридҳо истифода намудаанд»[1]. Чунин ҳолат имкон медиҳад, ки вобаста ба сиёсишавии дин бо дарназардошти равандҳои иҷтимоию сиёсӣ хулосаҳои амиқу дақиқ ба вуҷуд оварда шаванд. Яъне, паст гардидани сатҳу сифати адолати иҷтимоӣ, зиёд гардидани шиддати иҷтимоӣ, паст гардидани сатҳу сифати зиндагӣ, ҳатто поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳизбу ҳаракатҳои динию мазҳабӣ имкон медиҳанд, ки чунин ҳолатро ҳамчун яроқи идеологӣ истифода намуда, ҷонибдорони худро бо ин роҳ афзоиш диҳанд. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ намудан ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва дар раванди паст намудани дараҷаи сиёсишавии дин ба инобат гирифтани масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ хеле муҳим мебошад.

Дар ростои муайянкуниҳои сабабҳо ва омилҳои сиёсишавии дин, сабабҳои дигараш аз равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷаҳонӣ вобаста мебошад. Махсусан, дар ин раванд ҷаҳонишавӣ низ таъсири амиқ мерасонад. Рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои Ғарб ва кишварҳои ғайримусулмонӣ боиси он мегардад, ки дар ҷомеаҳои мусулмонии Шарқ таҷрибаи пешрафтаи онҳо мавриди истифода қарор дода шавад. Дар раванди модернизатсияи иҷтимоию иқтисодӣ як қатор арзишҳои ғарбӣ вориди мамлакат гардида, аз ҷониби аҳолии ҷомеаҳои мусулмонӣ қабул мегарданд. Чунин ҳолатро рӯҳониёни фаъол ҳамчун таҳдид ба дину оин тасаввур намуда, мубориза худро дар шаклҳои гуногун оғоз менамоянд ва ҳатто дар баъзе аз мавридҳо роҳи наҷотро танҳо бо роҳи ба даст овардани ҳокимият ҳал кардан мехоҳанд, ки ин раванди ба саҳнаи сиёсӣ ворид гардидани дин ва диндорон мебошад. «Қабул гардидани арзишҳои ғарбӣ аз ҷониби мусулмонони шарқӣ барои

[1] Маҳмадов, А.Н. Сиёсатшиносӣ [Матн] / А.Н. Маҳмадов. – Душанбе: Ирфон, 2010. – С.288.

рӯҳониёни фаъол зарбаи ҷонкоҳ расонида, микёси фаъолиятҳои иртиҷоии онҳоро васеъ мегардонад ва ҳатто барои ба амал баровардани идеологияи ҷиҳод заминагузорӣ менамоянд. Чунин шиддати мазҳабӣ ва динию экстремистӣ баъди аз байн рафтани тавозуни нобаробари иҷтимоию иқтисодии Шарқу Ғарб оҳиста-оҳиста аз байн меравад»[1].

Чунин ҳолат боиси он мегардад, ки кишварҳои Ғарб нисбат ба сиёсишавии дини ислом чораҳои махсуси сиёсӣ андешанд. Баъди сиёҳкунӣ ва бадгӯиҳои зиёд тӯли ду даҳсолаи охир дар чунин кишварҳои тараққикардаи олам, ба монанди ИМА, Канада, Зеландияи Нав, Финляндия, Австрия, Олмон, Британияи Кабир, Чин, Кореяи Шимолӣ, Ветнам, як қатор кишварҳои Арупои Шарқӣ одамон аз дин даст кашида истодаанд[2]. Чунин раванд натиҷаи сиёсати динии кишварҳои Ғарб мебошад, ки бо руовариҳои бадбинонаи динӣ дар шакли тамоюли исламофобия мубориазаи сиёсӣ оғоз намудаанд. Аммо бояд ёдовар шуд, ки дар симои ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористии динӣ кулли мусулмононро муаррифӣ намудан қарори нодурусте мебошад, ки пеш аз ҳама, барои худи давлатҳои абарқудрат оқибатҳои нохуб дорад.

Сабабҳои сиёсӣ шудани дин ва радикализатсияи он дар сатҳҳои гуногун: ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва дар сатҳи давлатҳои алоҳида баррасӣ кардан лозим аст.

Ҷаҳонишавии системаи сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ ҷаҳониёнро ба ҷустуҷӯи фарҳанги ҷаҳонӣ, системаи ҷаҳонии арзишҳо водор мекунад. Мутаносибан, пайравони динҳои гуногун, аз ҷумла ислом низ дар таҳияи як таълимоти умумиҷаҳонӣ бар асоси принсипҳои исломӣ ширкат мекунанд. Модели ҷаҳонишавии ғарбиро ҷаҳони ислом ҳамчун «унсур, фалокат барои уммат, хароб кардани пояҳои динӣ, ворид кардани усулҳои хушунат дар ҷаҳони ислом» қабул мекунад[3].

---

[1] Ёвкочев, Ш. Ислам и политика [Текст] / Ш. Ёвкочев. –Ташкент: ТашГИВ, 2010. – С.56. (116 с.)
[2] Ҳамон ҷо. – С.57.
[3] Шеремет, В.И. Ислам и христианская Европа: экскурс в развитие взаимных представлений [Текст] / В.И. Шеремет, Л.В. Зеленин // Вестник РАЕН. – 2006. – № 2. – Т.6. – С.21.

Тезонидани равандҳои сиёсӣ дар ҷаҳон ба он оварда расонд, ки «Иёлоти Муттаҳида ва Аврупо дар пайи комёбӣ ва истеъмол, дар асл як услуби архаистии тафаккурро инъикос намуда, дар як минтақаи нави диндорӣ қарор гирифтанд»[1]. Дар ҷаҳони муосири Ғарб моҳияти диндорӣ норавшан аст: «диндорӣ омили мутлақи ахлоқ ва тасдиқи эътиқод ба адолати олӣ буданро ифода мекунад, вай дар ҳаёти ҳаррӯза сохта мешавад»[2]. Мавқеи дин дар ҷомеа на бештар аз ҷониби манфиатҳои мушаххаси созмонҳои динӣ, балки бо таҳмил кардани манфиатҳои онҳо ба манфиатҳои элитаи ҳукмрон, ки дар ҷомеа ба таври сунъӣ таваҷҷӯҳи динро нигоҳ дошта, таҷрибаи чандинасраи динро қабул мекунанд, муайян карда мешавад. Диндорӣ дар тамаддуни Ғарб оқилона ва назоратшаванда мегардад. Дастурҳо аз Ғарб ба Шарқи мусулмонӣ низ ворид мешаванд.

Дар чорроҳаи сиёсат ва дин шаклҳои махсуси ташаннуҷи байналмилалӣ ба вуҷуд меоянд, ки тавассути васоити ахбори омма ба таври сунъӣ ба сатҳи исломофобия, бегонаситезӣ ва антисемитизм расонида мешаванд ва дар натиҷа мушкилоти минтақавӣ то сатҳи ҷаҳонӣ боло меравад.

Раҳбарони кишварҳои мусулмонӣ борҳо дар сатҳҳои мухталиф бо муаррифии якҷонибаи ислом дар расонаҳо, саҳнаҳои театр ва адабиёт мухолифат кардаанд. Ҳамин тариқ, дар Конгресси VI исломии Авруосиё сарвазири Туркия Р.Т. Эрдуғон ташаббус нишон дод, ки исломофобияро ҷиноят алайҳи башарият эътироф кунад ва ба он муроҷиат кард, ки антисемитизм ҳамчун ҷиноят эътироф шудааст. Вай таъкид кард, ки либерализми муосири аврупоӣ ҳар дафъа ҳангоми сухан дар бораи дини ислом «ногаҳон нопадид мешавад, ки ҳеҷ кас намедонад дар куҷост»[3].

Дин аслан як мафкураи маънавӣ ва сиёсӣ аст. Бо вуҷуди ин, ислом як низоми идеологии бештар сиёсиро назар ба масеҳият доро мебошад. Дар

---

[1] Савельев, В.Н. Международный терроризм в системе глобальных отношений: религиозный аспект [Текст] / В.Н. Савельев // Религиозный экстремизм и фундаментализм: справочное издание. – М., 2008. – С.26.
[2] Ҳамон ҷо. – С.26.
[3] Ильясов, Ш. Антиисламизм – преступление против человечности [Текст] / Ш. Ильясов. – М., 2007. – С.45.

баробари ин, конфутсий ва бахусус яҳудӣ низ аз ислом камтар сиёсатзадашуда нестанд. Нуқтаҳои иртибот байни сиёсат ва дин дар ин низомҳо ҳамон таврест, ки дар ислом ҳастанд. Ҳамин тариқ, исломи муосир ба амалияи расму оин ва маҷмӯи меъёрҳои ахлоқӣ ихтисор нашудааст, балки як идеологияи маънавию сиёсӣ аст. Сиёсатмадорони барҷастаи муосири ҷаҳони мусулмонӣ ба ҳифзи аҳкоми ислом даъват накарданд, балки кӯшиш мекарданд, ки онро бо воқеияти садаҳои XX-XXI навсозӣ кунанд.

Дар амал дар сатҳи ҷаҳонӣ давлатҳои исломӣ ба таъсиси сохторҳои байналмилалӣ аз ҷониби давлатҳои ғарбӣ вокуниши кофӣ доранд. Ҳамин тавр, дар солҳои 50-ум кори тайёр кардан ва ташаккул додани сохторҳои Аврупои оянда оғоз ёфт.

Дар он вақт роҳбари эътирофшудаи мамлакатҳои араб Г. Носир ташаббус нишон дод, ки Шӯрои Амнияти Мусулмонон (1956), Қувваҳои Мусаллаҳи муттаҳидаи кишварҳои эътиқоди ислом дар шаклгирӣ аз руи НАТО таъсис дода шавад. Чунин идеяҳо бо сабабҳои гуногун дар он вақт татбиқи амалии худро наёфтанд. Бо вуҷуди ин, дар солҳои 1980 ва 1990 бисёр сохторҳои ҳамгироӣ пайдо шуданд - аз Комиссияи исломии Ҳилоли Аҳмар то Федератсияи исломии ҳамбастагии варзишӣ; сохторҳои гуногуни молиявӣ, сиёсӣ ва динӣ. Ҳатто пештар, соли 1969 бузургтарин сохтори сиёсии давлатҳои исломӣ - Созмони Конфронси Исломӣ таъсис ёфт. Сабаби асосии таъсиси ин созмон хоҳиши давлатҳои мусулмонӣ барои рафъи оқибатҳои таҷовузҳои Исроил ва зарурати ҳамкории ҳамаи давлатҳои мусулмон дар ҳифзи «арзишҳои муқаддаси дин ва пеш аз ҳама Байтулмуқаддас» будааст[1].

Дар арсаи ҷаҳонӣ пайдо шудани "ҳафтгона" ва сипас "ҳаштгона"-и кишварҳои пешрафта вокуниши ҷаҳони исломро ба бор овард: нахуствазири Туркия (1996-1997) фармондеҳ Неҷметдин Эрбакан дар соли 1996 консепсияи «тартиби одилонаи исломӣ»-ро пешниҳод кард. Он таъсиси

---

[1] Семедов С.А. Причины политизации ислама в современном мире [Текст] / С.А. Семедов // Государство, религия, Церковь в России и за рубежом. – 2009. – Т.27. – № 3. – С. 230-239.

«ҳаштгонаи исломӣ»-ро дар бар мегирад, ки аз кишварҳои мусулмонӣ, аз қабили Туркия, Эрон, Покистон, Миср, Бангладеш, Малайзия, Индонезия ва Нигерия иборат аст.

Табиист, ки ин иқдомҳо таъсири радикалии Ғарб ба ҷаҳони исломро тақозо мекарданд. Сабаби ин пайдо шуд: пас аз 11 сентябри соли 2001 ИМА ва Аврупо мубориза бо ҷаҳони исломро зери шиори «мубориза бо терроризми байналмилалӣ» пурзӯр карданд.

Дар солҳои 90-уми асри XX ва ибтидои асри XXI дар чанд кишвари бузурги мусулмонӣ (Туркия, Афғонистон, Покистон, Алҷазоир) намояндагони ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ ба сари ҳокимият омаданд. Дар маҷмӯъ дар ҷаҳон ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ фаъолтар шудаанд, ки бо роҳҳои қонунӣ ва ғайриқонунӣ қудрат ба даст овардан мехоҳанд. Муваффақияти "шукуҳи исломӣ" бештар аз бӯҳрони "идеологияҳои дунявӣ" (пеш аз ҳама либерализм ва коммунизми ғарбӣ) мусоидат кард, ки оммаи васеи мусулмононро водор кард ба арзишҳои сирф динӣ наздиктар шаванд. Воқеан, дар тули чордаҳ аср ислом гӯё як ҷузъи ҷудогона ва муҳими ҳаёти ҳаррӯзаи халқҳои мусулмон ва ҷузъи ягонаи гурӯҳҳои мухталифи қавм гардид. Дар ин ҷо қувваи дини ислом зуҳур меёбад ва шояд ҳамин тавр барои фаъол кардани омили исломӣ як муҳити ғизоӣ ба миён меояд. Дар натиҷа ҳизбҳо, ҳаракатҳои исломӣ ва созмонҳо, ки аксари онҳо ҳадафи сарнагун кардани режимҳои дунявӣ ва таҳкими мавқеи исломро эълон кардаанд, шакл мегиранд.

Вазъи муташанниҷ дар ҷаҳони ислом, ҷангу низоъҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ дар Осиё, Африқо ва Аврупо як ангезаи изофӣ барои сиёсӣ шудани ислом аст. Давомнокии низоъҳои тӯлонӣ дар Афғонистон, дар сарҳади Ҳинду Покистон, муноқишаи Ховари Миёна, ки таърихи шастсола дорад, низои хунини "ба таври сунъӣ эҷодшуда" дар Ироқ бо дурнамои норавшан дар шакли радикалӣ ба сиёсшавии дин мусоидат мекунанд. Аз

ҷумла, омили мазҳабӣ дар муқовимати Фаластин ва Исроил дар муқоиса бо давраи муқовимати арабҳо ва яҳудиён бештар таъсиргузор аст[1].

Тавре рӯйдодҳои 30 соли охир нишон медиҳанд, «сиёсикунонии динҳо на дар ҷомеаҳои суннатӣ ва архаистие, ки аксарияти аҳолиашон фаъолона ба дин эътиқод доранд, балки, баръакс, дар ҷомеаҳое, ки ба сатҳи баланди секуляризатсия расидаанд, сурат мегирад»[2]. Сабаби ин падидаи парадоксалӣ дар асари муҳаққиқи рус А.В. Митрофанова нишон дода шудааст. Ба андешаи ӯ, «ҳадафи сиёсӣ кардани дин на бозгашт ба гузашта ва на нигоҳ доштани унсурҳои архаистии имрӯза, балки хоҳиши амалӣ намудани навсозии бомуваффақияти ҷомеа ба маънои васеъ (аз иқтисод то дин, ҷамъиятию сиёсӣ) мебошад».[3]

Бешубҳа, яке аз сабабҳои асосии суръат бахшидан ба раванди доимии сиёсишавии дин раванди ҷаҳонии навсозии ҷомеаи башарӣ мебошад. Суръати сиёсикунонӣ ба суръати навсозӣ мувофиқат мекунад. Навсозӣ ба таназзули дин оварда нарасонид, балки исломро ташвиқ ва фаъол кард. Тағйироти азим дар фарҳанги моддӣ, ки дар давраҳои саноатӣ ва баъдазиндустриалӣ ба амал омадаанд, ба он оварда расонид, ки «таълимоти низоми динӣ, ки бо тафсири матнҳои муқаддас аз ҷониби ташкилотҳои динӣ ба эътидол омадаанд, дар баъзе марҳилаҳои рушди ҷомеа талаботи худро дигар ба таври бояду шояд қонеъ намегардонад. Дар ҷомеаи саноатӣ ҳаракатҳои наҳзатӣ, пуританистӣ, модернистӣ-ислоҳотӣ ба таври объективӣ ба барқарор намудани мутобиқати байни шакли куҳнаи теологии инъикоси ҳастӣ ва ҳолати нави шуури иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи воқеияти тағйирёбанда ба вуҷуд омадааст, нигаронида шудаанд»[4]. Илоҳиётшиносони исломӣ ҷанбаи моддии тамаддуни Ғарбро пазируфта, ба фарҳанги мутафовити

---

[1] Звягельская, И. Религиозный фактор в палестино-израильском конфликте [Текст] / И. Звягельская // Религия и конфликт. Под ред. А. Малашенко. – М., 2007. – С.155.

[2] Митрофанова, А.В. Политизация «православного мира» [Текст] / А.В. Митрофанова. – М.: Наука, 2004. - С. 42.

[3] Митрофанова, А.В. Политизация «православного мира» [Текст] / А.В. Митрофанова. – М.: Наука, 2004. – С.44. (293 с.)

[4] Левин, З.И. Хранители слова и блюстители духа откровения [Текст] / З.И. Левин // Фундаментализм. – М., 2003. – С.6.

ғайримусулмонӣ шадидан мухолифат мекунанд. Имом Хумайнӣ дар сӯҳбат бо як рӯзноманигори итолиёвӣ чунин гуфта буд: "Чизҳо паҳлӯҳои хуби Ғарб аст... Мо на аз илми шумо ва на аз технологияи шумо наметарсем. Мо аз афкори шумо ва урфу одатҳои шумо метарсем»[1].

Сиёсӣ шудани дин вокуниш ба модернизатсия ва ҷаҳонишавӣ аст. Гузашта аз ин, таъсири модернизатсия ва ҷаҳонишавӣ ба сиёсӣ шудани дин гуногун аст. Таърихи рушди давлатҳои мусулмонӣ як таҳаввулоти мавҷӣ аст: ҳукмронии ислом боиси тобеияти дин ба ҳадафҳои сиёсӣ шуд. Ислом дар таърихи худ таҷрибаи аҷиб нишон додааст. Модернизатсия исломро дигар кард, аммо «Ислом дар ҳеҷ куҷо аз фарҳанги оммавӣ, ҳаёти иҷтимоӣ ва тартиботи сиёсӣ нест нашудааст. Вай вобаста ба характери режим бо тарзҳои гуногун зоҳир шудан гирифт, бо шаклҳои гуногун бо миллатчигӣ пайваст шуд. Ҳамааш ба он вобаста буд, ки дар вақти ба даст овардани истиқлолият ва ҳокимият ба сари ҳокимият кадом синфи иҷтимоӣ омад»[2].

Дар муҳити таълимӣ дар бораи сабабҳои сиёсишавии дин ва бахусус ислом, тавофуқ вуҷуд надорад. Дар сиёсатшиносӣ, фалсафа ва журналистика сиёсишавӣ аксар вақт бо радикализатсия баробар шинохта мешавад. Ба назари мо, ифротгароӣ як шакли ифротии сиёсишавии дин аст. Олими рус Р.Л. Ланда шаш омили радикализатсияи динӣ (исломӣ)-ро муайян мекунад:

1. Анъанаи дуру дарози мухолифат бо Ғарб, ки дар тӯли солҳо суст нашуда, балки дар давраи мустамликавӣ ва пас аз мустамликавӣ мустаҳкам шудааст.

2. Навсозии маҳдуд, маҳаллӣ ва нопурраи «ғарбшавӣ»-и Шарқ умуман, Шарқи мусулмонӣ дар алоҳидагӣ.

3. Ноумедии оммаи васеи мусулмонон аз сиёсати миллатгароёни дунявӣ ва ҳатто бештари кишварҳои сотсиалистӣ, ки натавонистаанд бо шиддати мушкилоти замони муосир дар кишварҳои исломӣ мубориза баранд;

---

[1] Саидазимова, Г. Интеграция в Центральной Азии: Реалии, вызовы и возможности [Текст] / Г. Саидазимова // Центральная Азия и Кавказ. – 2000. – № 3 (9). – С.16.

[2] Кепель, Ж. Джихад: экспансия и закат исламизма [Текст] / Пер. с франц. В.Ф. Денисова. – М., 2004. – С.51.

4. Дар зеҳни онҳо рад кардани ҳар чизе, ки бо таҷрибаи миллатгароёни дунявӣ алоқаманд буд, яъне, моделҳои маъмурӣ, ҳуқуқӣ, идеологии ғарбӣ, аз ҷумла сотсиализм, либерализм, ғояҳои демократӣ, ки гӯё «идеологияҳои воридотӣ» мебошанд, рад карда шуданд.

5. Зуҳур ва паҳншавии босуръати ақидаҳои бунёдгароии исломӣ ҳамчун вокуниш ба ғарбгароии ҷомеаи мусулмонӣ, ҳарчанд маҳдуд бошад ҳам, вале ба вуҷуд овардани инҳисори исломӣ дар арсаҳои иҷтимоӣ ва маънавии ҳаёт.

6. Афзоиши бесобиқаи ташаннуҷи иҷтимоӣ ин равандро дар натиҷаи табақабандии ҷомеаи мусулмонӣ ва дар ҷараёни фақиршавии деҳот, урбанизатсияи беназорат ва маргинализатсияи азими шаҳрнишинон ба амал овард.[1]

Тафсири ҷолиби сабабҳои сиёсӣ шудани исломро муҳаққиқи эронӣ М.Санои пешниҳод кардааст:

1. Муборизаи пайвастаи халқҳои мухталифи мусулмон барои соҳибихтиёрӣ ва озодӣ дар тӯли садсолаҳо алайҳи қудратҳои ғарбӣ ҳанӯз ба ҳадафи худ нарасидааст ва аз ин рӯ, дар оянда боз ҳам сиёсӣ кардани тафаккури мусулмониро тақозо мекунад.

2. Омили такондиҳандаи ин тамоюл мавҷудияти манофеи иқтисодию стратегӣ ва сиёсии ҷаҳони "ғарбӣ" дар қаламравҳои суннатии исломӣ мебошад. Аммо муҳимтарин омил ин аст, ки миёни ислом ҳамчун як барномаи фарогири танзими ҳаёти инсон ва сиёсат ҳамчун василаи зарурӣ барои татбиқи ин барнома иртиботи органикӣ вуҷуд дорад.

3. Агар тавоноии кору зиндагӣ бо дигарон аз сифатҳои сиёсат маҳсуб шавад, аз панҷ рукни ислом (тавҳид, намоз, рӯза, закот ва ҳаҷ) чаҳораш бартаритар аз муносибати ислом ба ахлоқро ифода мекунад, яъне баланд бардоштани рӯҳияи ҳамкорӣ ва муттаҳидии гурӯҳҳо дар байни пайравони он.

4. Агар аз мавқеи онҳое бароад, ки майлу хоҳиши расидан ба қудратро сифатҳои сиёсат медонанд, пас бояд иқрор шуд, ки дарёфти ҷаҳонбинии

---

[1] Ланда, Р.Г. Причины и факторы радикализации ислама [Текст] / Р.Г. Ланда // Ислам на современном Востоке / Отв. ред. В.Я. Белокреницкий. – М., 2004. – С.193-194.

дигаре, ки аз ислом сиёситар аст, хеле мушкил аст. Ислом, ки худи табиати инсонро бо ниёзҳои фитрӣ ва маънавии худ рабт медиҳад, ҳаргиз ба рад кардани шарҳу тавзеҳи ормонҳои он розӣ нахоҳад шуд, бахусус аз он, ки ҳамеша барои амалӣ намудани ин ҳадаф талош мекунад.

5. Дар миёни фарзҳои ҷамъиятии мусулмонон муҳимтаринаш бояд тарғиб ба он чи ҳалол ва ҷилавгирӣ аз он чи ҳаром дар ҷомеаи мусулмонӣ ва ҳифзи дини ислом дониста мешавад. Аммо иҷрои ин вазифаҳо дар ҳузури ҳукумате имконпазир аст, ки ҳатто агар комилан ба дини ислом пойбанд набошад ҳам, ҳадди аққал таваҷҷуҳ ва хайрхоҳӣ нисбат ба ҳадафҳои худ нишон диҳад. Ҳамаи ин омилҳо ҷузъҳои сирф назариявӣ ва эҳтимолӣ ҳастанд, ки ба манфиати сиёсӣ шудани шуури мусулмонон шаҳодат медиҳанд. Ҳатто ин эътиқодҳои тахминӣ низ аз ҷиҳати мантиқ тақозо мекунанд, ки ҳар як мусулмон низ шахси воқеии сиёсӣ бошад[1].

Ҳамин тариқ, тафовутҳои қавмӣ ва тафриқаҳои байниқавмӣ, аз ҷумла низоъҳо низ метавонанд ба сиёсӣ шудани дин мусоидат кунанд. Аксари муҳаққиқон сабаби асосии сиёсӣ шудани динро дар модернизатсияи номуваффақ дар кишварҳои дорои ҷомеаҳои суннатӣ мебинанд[2]. Ишораи Д.Эспозито бар он аст, ки «Модернизатсия на танҳо боиси дунявишавии пешқадам ба ҳисоб рафт, балки омили асосии эҳёи ислом дар ҷомеаҳои мусулмонӣ гардид»[3]. Раванди бозсозӣ ба ҳалли проблемаҳои иқтисодӣ ва то андозае иҷтимоӣ мусоидат карда метавонад, вале ба бисёр саволҳои дорои характери сиёсӣ ва идеявию маданӣ ҷавоб дода наметавонад.

Идеологҳои динҳои сиёсии муосир ба ин савол ҷавобе ёфта наметавонанд: «Агар имони мо дуруст бошад, агар мо аз тамоми ҷаҳон одилтар бошем, чаро мо дар таназзул ҳастем?!». Ва воқеан олами динӣ, ки дар Асрҳои Миёна пешвои ҳарбию сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангӣ буданд, дар

---

[1] Санаи, М. Политическая мысль в исламском обществе [Текст] / М. Санаи // Иран: ислам и власть. – М., 2001. – С.6-7.

[2] Ниг.: Митрофанова, А.В. Политизация «православного мира» [Текст] / А.В. Митрофанова. – М.: Наука, 2004.; Левин, З.И. Хранители слова и блюстители духа откровения [Текст] / З.И. Левин // Фундаментализм. – М., 2003.; Esposito J.L. The Islamic Threat. - New York; Oxford, 1992.

[3] Esposito J.L. The Islamic Threat. - N.Y.; Oxford, 1992. - P. 23.

замони муосир мавқеъҳои худро аз даст дод. Чунин тартиби танг шудани мавқеи дин дар олами сиёсат аз асрҳои XV – XVI оғоз гардида, дар баробари шаклгирии тамоюли секуляризатсия ва ташкил шудани давлатҳои типи нав – давлатҳои дунявӣ тақвият ёфт ва то даҳаи дуюм ва сеюми нимаи дуюми асри XX идома пайдо намудааст. Пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ин тамоюл дар муносибат бо "бабрҳои осиёӣ" - Сингапур, Тайван, Кореяи Ҷанубӣ, Ҳонконг ва Ҷопон роҳ ёфт. Муваффақиятҳои минтақаҳои як замон ақибмонда барои ҷаҳони мусулмонӣ як сарзаниши талх гардид.

Дар ба вуҷуд омадани бухронҳо, аз ҷумла, буҳрони иқтисодӣ дар кишварҳои мусулмонӣ диндорон барандагони ҳукуматҳои дунявиро гунаҳкор медонанд, дунявигароён бошанд, сабабашро дар дахолати дин ба сиёсат ва қасди сиёсишавии дин дар ҳар гуна сатҳҳои ба амал омадани сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ мебинанд. Масалан, Афғонистони тағйирёфта (дар Афғонистон тамоюли сиёсишавии дин дар асоси ба сари қудрат омадани гурӯҳи тундрави Толибон воқеият пайдо кард) аз соли 2021 инҷониб дар бухронитарин вазъияти иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҳатто рӯ ба рӯи буҳрони сиёсӣ ва идоракунӣ қарор дорад. Қафомонии иқтисодии тамоми ҷаҳони ислом бо нишондодҳои зерин тавсиф мешавад: Кишварҳои исломӣ, ки панҷяки аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳанд, 70% захираҳои энергетикӣ ва 40% ашёи хоми ҷаҳонро доранд, маҳсулоти умумии миллӣ доранд, на бештар аз 5 % маҳсулоти умумии ҷаҳонро ташкил медиҳанд[1].

Нокифоягии тафаккури геостратегӣ ва геополитикии сарварони ҷаҳони ислом аз замони усмониҳо мушоҳида нашудааст. Яке аз мисолҳои "инфантилизми тафаккури геополитикии мусулмонон масъули сарнавишти лоиҳаи онҳо"-ро Ҳайдар Ҷамол дар мақолаи худ таҳти унвони "Лоиҳаи исломӣ: мубориза барои таърих" овардааст. «Эҳёи улуми дин»-и Ғазолӣ, ки дар паҳлӯҳои мухталифи дониш асарҳои зиёде навиштааст, аз он ҷиҳат, ки дар бораи сарнавишти Байтулмуқаддас, ки понздаҳ сол пеш аз маргаш аз

[1] Градировский, С.И. Ислам и политика в поисках формы [Текст] / С.И. Градировский // Ислам в России: взгляд из регионов / Науч. ред. А.В. Малашенко. – М., 2007. – С.10-34.

дасти салибдорон тасарруф шуда буд, чизе нагуфтааст. Аммо ин як ҳодисаи бузург, як фалокати бунёдии тамаддуни исломӣ буд, зеро Байтулмуқаддас – ал-Қудс – аслан макони сеюми ислом ва самти қиблаи аввал ҳангоми адои намоз пеш аз тағйири самти Каъба буд. Аз назари ходимони динӣ, макони саввуми ислом дар дасти «душманони бераҳм» аст ва бузургтарин донишманди замонаш дар понздаҳ соли охири умраш ҳатто ёдовар шудани ин зарба ба уммати ҷаҳонро зарур надонистааст[1]. Аксаран тарзи ғайрилибералистонаи бархӯрди ҳукуматҳои давлатҳои алоҳидаи дунявӣ сабаби ба таври радикалӣ шакл гирифтани тамоюли сиёсишавии дин мегардад. Мисоли инро метавонем дар нисбати бархӯрди Исроил ба мардуми Фаластин, ки ба эҳсосот ва шарафи онҳо зарба мезананд, мушоҳида намоем.

Инҷо саволе ба миён меояд, ки нухбагони исломиро даҳсолаҳо боз нигарон кардааст: чӣ хато кард ва дар кадом маврид? Мутаассифона, таҷрибаи кишварҳое, ки дар асри XX кӯшиш карданд ин формуларо дар амал татбиқ кунанд, натиҷаи баръакс нишон дод. На Судон ва на Афғонистон қудрати созандаи зеҳнӣ ё шукуфоии иқтисодӣ барои рақобат бо Ғарбро ба даст наовардаанд. Баръакс, дар натиҷаи гузариши бевосита ба меъёрҳои шариат, ки на ба таври рефлексивӣ, балки ба таври айнӣ сурат гирифт, ҷомеа ва иқтисодиёт ба архаистӣ табдил ёфт, ҷомеа дар тараққиёт ва рушди худ ба нобудӣ рафт.

Ҳ. Ҷамол бар ин назар аст, ки тамоми мушкилоти тамаддуни ислом пеш аз ҳама бо "кӯтоҳ кардани теология" шарҳ дода мешавад. Фикри худро дар мисоли муқаррар намудани сарҳади бидъат баён мекунад. Воқеан, уламо (олимон) дар ҳама давру замон ба бидъатҳо шадидан эътироз мекарданд, вале олимаҳо дар бораи бидъатҳо дар ақидаи исломӣ, дар соҳаи ақоид ва расму оинҳо ҳарф мезананд. Ҳолати барзиёд гардидани эътирозҳо дар ин масъала дар замони модернизатсия ва ҷорӣ гардидани равандҳои глобализатсионӣ дар ҷомеаҳои суннатӣ ба назар мерасад.

---

[1] Джемаль, Г. Манифест нового Интернационала [Текст] / Г. Джемаль. – М., 2003. – С.87.

Тарҷумон низ инкори бидъатро ба ҳаёти ҳаррӯза паҳн намуда, масалан, ба пешрафти техникӣ эътироз мекарданд. Гузаронидани радди навоварӣ аз маросим ба фаъолияти илмию иқтисодӣ танҳо маънои омехтаи «дохилӣ» ва «берунӣ»-ро дорад. Рушди ин тафовут бар пояи Қуръон ва суннат вазифаи бевоситаи диншиносони исломист[1]. Дар ҷомеаҳои динӣ ва махсусан давлатҳову ҷомеаҳои исломӣ махсусгардонии тарҳи инкишофи модернизатсионӣ ва глобализатсионӣ вуҷуд надорад. Аз ҳамин сабаб сиёсишавии дин шакли канорагӣ ва радикалиро ба худ касб менамояд.

Дунёи ислом бо он муросо карда наметавонад, ки «ҳаёти онҳо бар он чӣ асос ёфтааст – мошину таҷҳизот, стандартҳои сохтмон ва маводи замонавӣ, маорифу тандурустӣ, ташкили корҳои низомӣ ва аслиҳа – дар Ғарб тарҳрезӣ ва офарида шудаанд. Худи Ғарб ба ақидаи ҷаҳони ислом ба сӯи фалокат равон аст, зеро ваҳйи аслиро тағйир додааст, ҷойгузин кардааст, онро таҳриф кардааст, якҷониба шартҳои шартномаро шикастааст, наметавонад намунаи инкишофи сиёсӣ бошад. Чаро шахсони аз ҷиҳати ахлоқӣ афтода дар атрофи онҳое, ки ба рӯҳ ва ҳарфи Қонун содиқ мондаанд, худро тела медиҳанд? Чунин номутобиқатӣ наметавонад мусулмононро озор диҳад ва нороҳат кунад.

Идеологияи миллатчигӣ, ки идеологияи давлатҳои нав ба он асос ёфта буд, ҳамчунин таълимоти сотсиалистӣ ҳанӯз дар солҳои 70-уми асри XX буҳронро аз сар мегузаронад. Деколонизатсия «шикасти занҷири зулмҳои шадидро ба вуҷуд овард», - мегӯяд Бернард Люис, «ки ҳеҷ гоҳ ба тобеони худ лоиҳаи воқеии модернизатсияро пешниҳод карда наметавонист»[2].

Албатта, ҳоло ҳам чанд истиснои ҳайратангез вуҷуд дорад: мӯъҷизаи Малайзия ва лоиҳаҳои таъсирбахши рушди аморатҳои алоҳидаи Халиҷи Форс. Ҳамин тариқ, сиёсӣ шудани ислом вокуниши ҷаҳони ислом ба

---

[1] Джемаль, Г. Исламская интеллектуальная инициатива в XX веке [Текст] / Г. Джемаль. – М., 2005. – С.11.
[2] Льюис, Б. Что не так? Путь Запада и Ближнего Востока: прогресс и традиционализм [Текст] / Б. Льюис. – М., 2003. – С.173.

чолишҳои глобалист, ки бевосита ба ҷанбаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологии рушди ҷомеаи мусулмонӣ таъсир мерасонад.

Сабабҳои дигари сиёсишавии дин дар кишварҳои Осиёи Марказӣ паҳн гардидани идеологияи экстремистию террористӣ мебошад. Идеологияи мазкур аз ҷониби як қатор созмону ташкилотҳои экстремистии дорои характери динӣ тарғибу ташвиқ гардида, бо роҳи зӯроварӣ ташкил намудани давлати исломиро ҳадафи асосии худ қарор медиҳанд. Мутаассифона, кам нестанд нафароне, ки аз ақидаи ифротии онҳо пайравӣ намуда, ба сафи онҳо мепайванданд. Дар кишварҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ фаъол гардидани таъсири чунин идеологияи экстремистӣ бо як қатор шарту шароитҳо асоснок карда мешавад:

- якум, аз байн рафтани идеологияи коммунистӣ ва корношоям гардидани системаи таъмини амният;

- дуюм, афзоиши худшиносии миллӣ, рӯ овардан ба таърих ва ниёгон, ки дар гузашта бо дини ислом робитаи зич доранд;

- сеюм, бухронҳои иҷтимоию иқтисодие, ки дар давраи гузариш аз як сохтори ҷамъиятӣ ба сохтори дигар ба амал омадаанд;

- чорум, сатҳи пасти маърифати динию мазҳабии аҳолии ин кишварҳо ва аз пешрафти илмию техникӣ қафо мондани онҳо.

Инчунин, майлу рағбати баъзе рӯҳониён низ ба шариати ислом дар равандҳои сиёсию иҷтимоӣ таъсиргузор аст. Дар чунин шароит ҳар куҷое, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ корношоям асту талаботи одамонро қонеъ намесозад, ҷойи онро ҳуқуқи мусулмонӣ ва ақоиди шариат ишғол менамояд.

Яке аз омилҳои дигаре, ки дар зери таъсири он сиёсишавии дин ба амал меояд, фаъолияти неруҳои тундгаро мебошад, ки мақсадашон ташкил намудани давлат ва сохтори теократии ҷомеа аст. Чунин неруҳои динию сиёсӣ, мутаассифона, аз ҷониби давлатҳои гуногун ҷонибдорӣ карда мешаванд. Ба ибораи дигар, дастгирӣ намудани фаъолияти неруҳои динии тундгаро ҳамчун воситаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ дониста мешавад. Айни замон як қатор неруҳои исломии тундгаро аз ҷониби Арабистони Саудӣ,

Эрон, Афғонистон, Покистон, Ироқ ва чанде дигарон дастгирӣ меёбанд. Ҳатто роҳбарияти динии Эрон ба таври расмӣ иброз медорад, ки ба берун интиқол додани инқилоби исломӣ яке аз принсипҳои асосии сиёсати хориҷии онҳо мебошад[1]. Инчунин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки як қатор кишварҳои ғайриисломӣ, махсусан абарқудратҳои ҷаҳон бо мақсади ҳимояи манфиатҳои геополитикии худ на танҳо неруҳои исломии тундгароро дастгирӣ менамоянд, балки дар минтақаҳои алоҳидаи олам низоъҳои мухталифро ташкил намуда, барои фаъолияти экстремистию террористии неруҳои мазкур шароити мусоид фароҳам месозанд. Албатта, дар чунин шароит яке аз омилҳои дигари хориҷӣ, ки боиси тақвият пайдо кардани раванди сиёсишавии ислом мегардад, ин низоъҳои мусаллаҳонаи минтақаҳои наздик ва давлатҳои ҳамсоя мебошад. Барои мисол, низои мусаллаҳонаи Афғонистон ба раванди сиёсишавии ислом таъсир расонида, тундгароёни исломиро дар минтақаи Осиёи Марказӣ рӯҳбаланд намудааст. Низоъҳои минтақавӣ, аз ҷумла низои Афғонистон, ба кишварҳои исломию ғайрисломӣ имкон додаанд, ки ба раванди сиёсишавии дин дар ин мамлакат таъсиррасонӣ намоянд. Натиҷаи чунин равандро, пеш аз ҳама, кишварҳои ҳамсоя дар шакли зуҳури экстремизми динию сиёсӣ, паҳн гардидани маводи мухаддир, паҳн гардидани яроқу аслиҳа, ворид шудани гурӯҳҳои экстремистию террористӣ ба минтақаи Осиёи Марказӣ эҳсос намудаанд ва бо онҳо рӯ ба рӯ гардидаанд.

Тӯли солҳои охир олимону муҳаққиқон ва махсусан мақомоти қудратӣ дар муносибат бо фаъолияти экстремистӣ як қатор мафҳумҳоро истифода менамоянд. Аз ҷумла, экстремизми динию этникӣ, динию сиёсӣ, ташкилоти экстремистию террористӣ, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ ва ғ. ба онҳо мисол шуда метавонанд.

Сиёсишавии дин дар ин баробар заминаҳои гуногуни шаклгирӣ ва бавуҷудоиро соҳиб мебошад. Заминаҳои асосии сиёсишавии динро чунин метавон тавсиф намуд:

---

[1] Ёвкочев, Ш. Ислам и политика [Текст] / Ш. Ёвкочев. – Ташкент: ТашГИВ, 2010. – С.64.

- заминаҳои объективӣ. Заминаи мазкур ба таъсиси ҳамон созмонҳо ва ҳаракатҳои динию сиёсие асос меёбад, ки мақсади пешниҳод намудани барнома ва таъсир расонидан ба ҳокимиятро дар асосҳои бухронҳои сиёсиву маънавӣ ва тамаддунии ҷомеа доранд. Сиёсати либералӣ ва модигароёнаи ғарбӣ ва дар мавқеи бархурдӣ истодани тамаддуни Ғарбӣ ба таммадуни Шарқӣ табиист, ки барои ба вуҷуд омадани сиёсишавии дин заминагузорӣ мекунад. Ин гуна шаклгирии тамоюли сиёсишавии дин асосан боз бо фишороварихо ва маблағгузориҳои ҳукуматҳои давлатҳои ғарбӣ, ки сиёсаташонро ба ҷаҳон густариш медиҳанд, боиси пайдоиши созмону ҳаракатҳои иртиҷоии фундаменталии динӣ ва сиёсӣ-экстремистӣ мешаванд.

- заминаҳои субъективӣ. Заминаҳои субъективии сиёсишавии дин дар таъсис додан ва амал кардани созмону ҳаракатҳо ва ташкилотҳои динии сиёсии иртиҷоӣ асос меёбад. Заминаи мазкур таъсиси созмонҳо ва ҳаракатҳои динию сиёсиро аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои байналмиллалӣ ва гурӯҳҳои пинҳоние, ки дар сиёсати ҷаҳон нақш доранд, асос медонад. Созмонҳо ва хракатҳои динию сиёсие дар сиёсати имрӯзаи ҷаҳонӣ нақш доранд, ки бо пуштибонӣ ва тасмимгириҳои давлатҳо ва ширкатҳои байналмилалӣ таъсис дода шудаанд ва онҳо дар амалияи сиёсати ҷаҳонӣ асосан механизми сиёсии амаликунандаи талаботу манфиатҳо ва мақсадҳои субъектон – барандагони сиёсати ҷаҳонӣ ҳастанд. Барои мисол, сарчашмаҳои таҳлиливу илмӣ ва шабакавӣ иттилоъ медиҳанд, ки созмонҳо ва ҳаракатҳои иртиҷоии диниву сиёсӣ ба монанди ДОИШ, «Ал-Қоида», «Толибон» ва ғ. бо пуштибонии давлатҳои абарқудрат ва созмонҳои байналмилалӣ таъсис ёфтаанд.

- заминаҳои сиёсӣ, ки дар шароити бухрони сиёсӣ ва номукаммалии қабул, иҷроиш ва мазмуни ноппураи қарори сиёсӣ ба амал меояд.

- заминаҳои иқтисодӣ дар мавҷудияти бухрони иқтисодӣ ва иҷро нагардидани масъулияти иқтисодии ҳукуматҳои дунявӣ дида мешавад.

- заминаҳои идеологӣ, ки моҳияташро дар мувофиқ наомадани низоми идеологии модернистию либералӣ бо низоми идеологӣ ва арзишҳои ғоявии динӣ ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, сиёсишавии дин дар замони муосир бо ҳамон сабабҳое ба вуҷуд омад, ки як қатор вижагиҳоро доро мебошанд. Ба сиёсишавии дин дар давлатҳои алоҳида ҳам омилҳои дохилӣ ва ҳам хориҷӣ (ҷаҳонишавӣ ва фаъол шудани созмонҳои исломии байналмилалӣ) таъсир гузошт. Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки сабабҳои асосии сиёсӣ шудани дин дар нимаи дуюми асри XX – ибтидои асри XXI инҳоянд:

1. Модернизатсияи ғайримувозӣ дар кишварҳои Ғарб, аз як тараф ва Шарқи мусулмонӣ, аз тарафи дигар.

2. Проблемаҳои иҷтимоӣ, имконнопазирии ҳалли зудтари онҳо, ҷустуҷӯи сабабҳои берунии «бемориҳои» иҷтимоӣ.

3. Ҷустуҷӯи алтернативаи нави ҷаҳонӣ дар нисбати «Ғарби сарватманд».

4. Ҷустуҷӯи идеологияи алтернативии ҷаҳонӣ.

5. Муқовимат ба фарҳанги умумиҷаҳонии ғарбӣ ва ҷустуҷӯи системаи алтернативии ҳамгироии маънавию фарҳангӣ.

6. Бӯҳрони низомҳои сиёсӣ дар кишварҳои мусулмонӣ ва ҷустуҷӯи шаклҳои нави муносибатҳои давлат ва дин. Кӯшишҳои навсозии сохторҳо ва низомҳои сиёсӣ аз ҳисоби неруи идеологии ислом.

7. Вокуниши ислом ба воридшавии арзишҳои насронӣ ба ҷаҳони мусулмонӣ.

8. Нокомиҳои исломгароён дар Афғонистон, Фаластин, Чеченистон, Ироқ ба фаъол шудани созмонҳои исломӣ дар ҷаҳон мусоидат намуда, як такони дигари радикализатсияи ислом гардид.

9. Таҳияи консепсияи «Ахлоқи глобалӣ» бе назардошти арзишҳо ва меъёрҳои универсалии тамаддуни башарӣ ва ғ.

## 1.3. Таъсири омилҳои хориҷӣ ба раванди сиёсишавии дин дар марҳилаи кунунии инкишофи ҷомеаи муосир

Сиёсишавии дин як навъ раванди иҷтимоист. Он дар худ фаъолияти якҷоя ва гуногунсамтаи субъектони сиёсии махсусро муттаҳид мекунад. Ҳадафи раванди сиёсишавии дин тағйирот, азнавбарқароркунӣ ва дигаргуншавии амали системаи сиёсӣ, фаъолияти таркиботи институтсионалии системаи сиёсии ҷомеа мебошад. Сиёсишавии дин ифодаи олии фаъолияти субъектони ҳаёти сиёсист, ки бо қоидаҳои сиёсӣ, динӣ ва арзишҳои ғоявию идеологии конфесионалӣ асос ёфтаанд. Сиёсишавии дин сатҳи баҳамтаъсиррасонии сиёсист, ки барҳри воқеӣ гардидани идоракунӣ, танзимнамоӣ, тағйирпазирӣ ва дигаргунӣ ба вуҷуд меояд. Сиёсишавии дин тағйиротро дар контексти идеология ва ормонҳои динӣ мушаххас месозад. Аз ҳамин сабаб, яке аз масъалаҳои асосии ин равандро муайян намудани омилҳои таъсиррасон ва мусоидаткунанда ҷиҳати ба вуҷуд омадан, шакл гирифтан ва ҷоннок шудани дин ташкил медиҳад.

Дин дар тӯли таърихи ҷаҳонӣ бо сиёсат алоқаманд буд ва дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи худ онро ҳамроҳӣ намудааст. Дин на танҳо дар ташаккули шуури ҷамъиятӣ, анъана, меъёрҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои ахлоқӣ таъсири хеле калон дорад, балки таъсири он ба сиёсат, равандҳои сиёсӣ, дар таҳия ва ташаккули сиёсати давлатӣ, махсусан дар шаклгирии маданияти сиёсӣ бевосита таъсиргузор аст.[1]

Омилҳои таъсиррасони шаклгирии раванди сиёсишавии динро ба таври махсус муайян мекунанд. Дар доираҳои илмӣ ва академикӣ, тадқиқотиву стратегӣ таъсири омилҳои хориҷӣ дар шаклгирӣ ва ташаккули раванди сиёсишавии дин мақоми махсус дорад. Дар давлатҳои алоҳида ба сиёсишавии дин ҳам омилҳои дохилӣ ва ҳам хориҷӣ (ҷаҳонишавӣ ва фаъол шудани созмонҳои исломии байналмилалӣ) таъсир гузошт.

[1] Мировые религии в контексте современной культуры: новые перспективы диалога и взаимопонимания [Текст]. –СПб.: Блиц, 2011. –232 с.

Дар ин қисми таҳқиқот барои муайян намудани таъсири омилҳои хориҷӣ ба раванди сиёсишавии дин муносибати махсуси илмӣ истифода мегардад. Аз ҷумла, муносибати арзишиву меъёрӣ, муносибати таърихӣ, институтсионаливу мушоҳидавӣ, таҳлилӣ ва баҳои экспертӣ мебошанд.

Аз рӯи муносибати арзишиву меъёрӣ муайян кардан ба маврид аст, ки сиёсишавии дин ҳамчун раванд фаъолияти кадом субъетҳоро дар бар мегирад. Инчунин муайян менамояд, ки онҳо ба кадом арзишҳо ва меъёрҳо, кадом қоидаҳо такя мекунанд. Табиист, ки дар ҷомеа ва дар таркиби низоми идеологӣ арзишҳо ва меъёрҳои динӣ аҳамияти муҳим доранд. Онҳо муносибатҳоро созмон дода, ба танзим медароранд. Руҳияи одамонро дар бораи инкишоф ва ояндаи ҳаёти онҳо баланд мебардоранд. Дар мавриде, ки мавқеи ин навъи низоми арзишҳо ва қоидаҳову меъёрҳо дар сатҳи сиёсӣ танг карда мешавад, раванди сиёсишавии дин метавонад мазмуни қавӣ пайдо кунад. Як зумра руҳониён ҳимояи арзишҳои диниро бо роҳи сиёсӣ ва шакли канораи он радикализатсияи дин медонанд. Дур намудани дин аз сиёсат (деполитизатсияи дин) як навъ дур кардани арзишҳои динӣ ва ба эътибор нагирифтани он дар сиёсати соҳавии давлатӣ буда, меавонад омили бевоситаи дар сатҳи дигар ба вуҷуд омадани сиёсишавии дин шавад.

Вобаста ба тарзи муносибати таърихӣ деполитизатсияи дин ё худ аз сиёсат дур кардани дин замони ренессанси аврупоӣ ба вуҷуд омад. Онро дар асоси муносибати институтсионалӣ, ки дар шакли ниҳодина шакл гирифтани равандҳои сиёсиро мефаҳмонад, раванди секуляризатсия меноманд. Дар асоси муносибати таҳлиливу мушоҳидавӣ муайян мегардад, ки секуляризатсия дар таркиби институтсионалии системаи сиёсӣ ва низоми давлатдорӣ мушкилиро ба вуҷуд наовард, то он даме, ки секуляризатсия дар таркиби муносибатҳои ҷамъиятӣ ворид нагардид. Дар шакли ниҳодӣ дар таркиби муносибатҳои ҷамъиятӣ ворид гардидан секуляризм ҳамчун раванди дур намудани одамон ва аъзоёни ҷомеа аз арзишҳо ва меъёру қоидаҳои динӣ дуюмбора ба сиёсат рӯ овардани дин ва намояндагони он гардид, ки дар натиҷа сиёсишавии дин ба вуҷуд омад.

Пеш аз оне, ки таърихи омилҳои хориҷиро ба шаклгирии сиёсишавии дин пешниҳод намоем, ҳолатҳои зерини муносибати системавиро пешниҳод намудан мумкин аст. Омилҳои хориҷиро дар раванди сиёсишавии дин вобаста ба чанд меъёр ҷудо намудан мумкин аст:

- аз назари таъсиррасонии субъективӣ: фаъолияти давлатҳои хориҷӣ, созмонҳо, ҳизбу ҳаракатҳои динии радикалӣ;

- вобаста ба раванди сиёсӣ: таъсири равандҳои сиёсӣ ба монанди глобализатсия, демократизатсия, либерализатсия, модернизатсия, секуляризатсия;

- вобаста ба вазъияти сиёсӣ: низоъҳои мусаллаҳонаи давлатҳои ҳамсоя ва ҳамҷавору ҳамтамаддун;

- аз назари доктринавӣ: доктринаи бархӯрди тамаддунҳо ва ғайра.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки омилҳои дохилии сиёсишавии дин дар заминаи омилҳои хориҷӣ ва таъсиррасонии беруна ба вуҷуд меоянд. Масалан, буҳронҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсие, ки дар таркиби системаи сиёсӣ ва ҷамъиятии як давлат шакл мегиранд, бо таъсиррасонии омилҳои беруна ба вуҷуд меоянд. Ба андешаи Г.Н. Зокиров буҳронҳо асосан дар бештари ҳолатҳо мушоҳида карда мешавад, ки бо айби сарварон ва хадамоти сиёсиву молиявии мамлакатҳои алоҳида ва ширкатҳо, - субъектони муносибатҳои байналхалқӣ рух додаанд[1].

Таъсиррасонии давлатҳои ҳамсоя ва умуман субъектони ҳамто ба равнадҳои сиёсӣ ва маҷмуи муносибатҳои сиёсии таркиби системаи сиёсии давлати алоҳида анъанаи қадимист. Давлатҳо дар рақобати сиёсӣ қарор доранд. Онҳо барои ба амал баровардан ва ҳимоя намудани манфиатҳои худ дар нисбати давлатҳои дигар аз тамоми роҳу воситаҳо истифода мебаранд. Буҳронҳои сунъӣ месозанд, фишорҳои иқтисодӣ меоранд, мушкилоти иҷтимоиро эҷод мекунанд, таъсиррасонӣ ва таблиғоти психологӣ ҷорӣ мегардонанд, неруҳои мухолифи давлат ва системаи сиёсии рақибони худро

[1] Зокиров Г.Н. Давлат. Қисми 1 [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: «Истеъдод», 2012. – С.256.

меофаранд ва ҳамроҳӣ мекунанд ва ба монанди ин гуна амалҳои манфиатталабонаро ба сомон мерасонанд.

Муҳаққиқон таъсиррасонии омилҳои хориҷиро аз назари субъективӣ гуногун баҳо медиҳанд. Онҳо дахолати давлатҳои алоҳида ва бузург, созмонҳо, ҳизбу ҳаракатҳои диниву радикалии беруниро дар заифии масъулияти иҷтимоии ҳукуматҳои миллӣ мебинанд. Ба андешаи олимони ватанӣ, «дахолати давлатҳо ва марказҳои истихборотии хориҷӣ низ дар ин раванд нақш мебозанд. Аммо, замоне ки дар ҷомеа адолати иҷтимоӣ дар сатҳи паст қарор мегирад, дин ба саҳнаи сиёсат ворид мегардад ва чунин ҳолатро ҳамчун яроқи идеологӣ субъектони беруна истифода менамоянд».[1]

Мушоҳидаи равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ ва таърихи таъсисёбии ҳизбу ҳаракатҳои канораи динӣ нишон медиҳанд, ки дар паси онҳо давлатҳои абарқудрат ва гурӯҳи давлатҳои алоҳида истодаанд ва аз ҳар ҷиҳат онҳоро ҷонибдорӣ мекунанд. Ба андешаи олимони рус, «тамоюлоти радикализми динӣ дар шакли ҳаракатҳои сиёсӣ имрӯз бо пурзӯр шудани ғасбгароии ҳарбию сиёсии ИМА алоқаманд буда, дар ҳудудҳое зоҳир мешаванд, ки захираҳои азими собитшудаи нефт доранд ва аҳолиашон асосан мусулмонанд ва «минтақаи манфиатҳои ҳаётии Америка» эълон карда шудаанд».[2]

Геополитикаи ҷаҳони ислом бештар манфиатҳои давлатҳои абарқудратро ба тарафи худаш ҷалб мекунад. Онҳо аз воситаҳои гуногуни равандсозиҳои сунъӣ истифода мебаранд. Аксаран дар минтақаҳои мусулмоннишин сиёсишавии дини ислом бо мусоидати давлатҳои абарқудрат ва манфиатталаб ба амал меояд. Масалан, дар муборизаи пешазинтихоботӣ дар ИМА ҷумҳурихоҳон дар шахсияти Д.Трамп либералистонро ба ташкили гурӯҳҳои тундрави радикалии динӣ дар Шарқи наздик гунаҳкор дониста, кори дасти онҳо эътироф намуданд. «Номзад ба мақоми президентии ИМА аз Ҳизби ҷумҳурихоҳон Д.Трамп раиси ҷумҳури

---

[1] Игнатенко, А. Эпистемология исламского радикализма [Текст] / А. Игнатенко // Религия и глобализация на просторах Евразии. – М.: РОССПЭН, 2009. –С. 175-221.

[2] Яхьяев, М. Причины радикализации ислама в соврименном мире [Текст] / М. Яхьяев // Исламоведение. – 2012. – № 2. –С.4-14.

феълиро «асосгузори ДОИШ» (гурӯҳи террористии "Давлати исломӣ") номид. Номзад дар ин бора дар сӯҳбат бо тарафдоронаш дар Флорида гуфт: «Шумо медонед, аз бисёр ҷиҳат онҳо (террористҳо) Обамаро эҳтиром мекунанд. Вай асосгузори ДОИШ аст. Ва баъдан ӯ афзуд: «Ман гуфта метавонам, ки ҳаммуассиси (ДОИШ) бевиҷдон (номзади президентӣ аз Ҳизби демократӣ) Ҳилларӣ Клинтон аст».[1]

Тақвият ва пуштибонии гурӯҳҳои радикалии динӣ ба минтақаҳои алоҳида, махсусан дар ҳудудҳои давлатҳои мусулмоннишин, ки таъсису амалкарди онҳоро як навъ сиёсишавии дин этироф мекунанд, бо даъват ва хостору ҳимояи манфиатҳои иқтисодии давлатҳои абарқудрат сурат мегирад. «Омили ҳавасмандкунандаи ин раванд (сиёсишавии дин) мавҷудияти манофеи иқтисодию стратегӣ ва сиёсии ҷаҳони "ғарбӣ" дар қаламравҳои суннатии исломӣ мебошад»[2].

Дар муносибати доктринавӣ ва консепсиявию стратегӣ ташкили моҷаро роҳи ҳимояи манфиатҳо ва ба даст овардани неъматҳои иқтисодии давлатҳои абарқудрат эътироф мегардад. Ҳам дар геополитикаи классикӣ ва ҳам дар геополитикаи муосир дар тасвироти харитавӣ минтақа минтақаи моҷаро эътироф мегардад. Он ҳудудҳо ва минтақаҳоеро ифода мекунад, ки дар онҷо ба таври доимӣ манфиатҳои давлатҳои абарқудрат бармехуранд ва кушиш мекунанд, ки аз тамоми роҳу восита истифода намуда, манфиатҳояшонро қонеъ ва ҳимоя намоянд. «А.Мехен дар таркиботи фазои ҷаҳонӣ минтақаи махсусро байни параллелҳои 30-ум ва 40-ум ҷудо намуда, онро «минтақаи моҷаро» ном ниҳодааст. Ба андешаи ӯ, новобаста аз хоҳиши сиёсатмадорон манфиатҳои давлатҳои баҳрӣ ва давлатҳои хушкӣ дар ин ҷо ба ҳам бармехӯранд. Аз ин хотир, онҳо мекушанд, ки якдигарро маҳдуд намоянд ва доираи нуфузи худро васеъ гардонанд»[3]. Аз ин бармеояд, ки сиёсишавии ислом дар шакли радикализатсияи он бо таъсиррасонии субъективист ва як

---

[1] Трамп назвал Обаму «основателем ИГИЛ» [Электронный ресурс]. – URL: https://www.rbc.ru/rbcfreenews/57ac07709a794703fa938ddc (дата обращения: 21.02.2021 г.)
[2] Ланда, Р.Г. Причины и факторы радикализации ислама [Текст] / Р.Г. Ланда // Ислам на современном Востоке. – М., 2004. – С.193-194.
[3] Зокиров, Г.Н. Геополитика [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2009. – С.34.

навъ воситаи қонеъ кардани талаботу манфиатҳо аз ҷониби давлатҳо ва ширкатҳои бонуфузи байналмилалӣ мебошад.

Авҷ гирифтани сиёсишавии динро бо ташкили гурӯҳҳо ва ҳаракатҳои радикалии террористӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки сирри хронологии таъсиси онҳо таҳқиқот ва заҳматҳои бесобиқаи экспертии сиёсиро талаб мекунад. Асалан, хронологияи ташкили ҷунбиши ДИИШ ба соли 1999 рост меояд. Аввалин маълумот дар бораи таъсиси гурӯҳи «Ҷамоат ат-Тавҳид вал-Ҷиҳод» дар Ироқ пайдо шуд, ки баъдан ба Ал-Қоида пайваст (ҳарду созмон дар Тоҷикистон мамнӯъ аст). Маҳз ҳамин сохторҳо бо дигар сохторҳои радикалӣ муттаҳид шуда, соли 2006 худро «Давлати исломӣ» ё ДОИШ – «Давлати исломии Ироқу Шом» эълон карданд. Ҷолиб он аст, ки дар солҳои аввал дар бораи онҳо танҳо доираи маҳдуди мутахассисон медонистанд. Дар бораи ҷунбиши ДИИШ дар соли 2014, замоне, ки ин гурӯҳ тавонист дар Ироқу Сурия амалиёти бомуваффақияти низомӣ анҷом диҳад, ба таври густурда сӯҳбатҳо ва баҳсҳои илмӣ оғоз гардид. Дар як муддати кутоҳ исломгароён фаъолияти худро ба ҳадде густариш доданд, ки маъракаи низомӣ алайҳи онҳо чараён гирифт ва бархе аз сиёсатмадорон онро ба ҷуз "ҷанги сеюми ҷаҳонӣ" чизе унвон накарданд.

Чанд вақт пеш коршиносони Пажӯҳишгоҳи мутолеоти стратегии Россия сабабҳо ва шароити пайдоиши ин ташкилоти террористиро таҳқиқ намуда буданд. Ба андешаи онҳо, як силсила дигаргуниҳои васеъмиқёс ба ин ҳолат оварда расонид. Аз ҷумла фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, ҷанг дар Югославия ва тақсими он, ҳамлаҳои ҳавоӣ ба Ироқ дар соли 1998 ва ишғоли ин давлат дар соли 2003, вуруди контингенти низомии НАТО ба Афғонистон дар соли 2001, суқути Судон, Эфиопия, Майдон дар Украина, инчунин инқилобҳои арабӣ ва бӯҳрон дар Сурия. Гузашта аз ин, Ғарб дар ташкили ДОИШ бевосита ширкат дошт[1].

---

[1] Сергеев, Д. Откуда появился ИГИЛ: как террористы смогли добиться могущества на Ближнем Востоке [Электронный ресурс]. – URL: https://tvzvezda.ru/news/201712191049-w5o1.htm (дата обращения: 23.02.2021 г.)

Е.Бирюков, ходими калони илмии РИСИ (Иниститути тадқиқоти стратегии Россия) таъкид мекунад, ки «Давлати исломӣ (ДИИШ) як падидаи мустақил нест ва ба манфиати давлатҳои дигар амал мекунад. … Ғарб дар ташкили гурӯҳҳо бевосита иштирок кардааст...»[1]. Ҳанӯз дар соли 2006 харитаҳои ба истилоҳ «Шарқи Миёнаи нав» ё «Сарҳадҳои хунин»-и полковники Пентагон Р.Питерс, ки аз рӯи онҳо давлатҳои Ховари Миёнаро тақсим карда буд, васеъ паҳн шуда буданд. Ва онҳо давлати Суннистонро, ки дар он бахше аз қаламрави Сурия ва Ироқ, ки соли 2014 аз ҷониби ДИИШ ишғол шуда буд, қайд карданд. Илова бар ин, Зб. Бжезинский дар китоби «Тахтаи бузурги шоҳмот» дар соли 1993 навишта буд, ки ИМА ба раванди сиёсишавии дини ислом ва исломишавии раванди моҷароҳо раҳбарӣ мекунад ва ба густариши «ислoми радикалӣ»[2] мусоидат мекунад.

Имрӯзҳо худи сиёсатмадорони Ғарб иштироки кишварҳои ғарбиро ба дахолат кардан ба корҳои дохилии мамлакатҳои Шарқи Наздик пинҳон намедоранд. Чунин ҳолат ба инкишофи вазъияти минтақа таъсири манфӣ расонидааст. Ҳамин тавр, ҳанӯз дар соли 2003 Д.Милибанд, собиқ вазири умури хориҷии Британияи Кабир изҳори назар карда буд, ки амалиёти низомӣ дар он кишвар, ки аз ҷониби ИМА ва Британиё оғоз шуд, ба ноором шудани вазъ дар Ироқ ва пайдоиши гурӯҳи низомии ДОИШ мусоидат кардааст. Баъдан Т.Блэйр нахуствазири Британиё, дар мусоҳиба бо шабакаи телевизионии CNN эътироф кард, ки «дар ин воқеият то андозае ҳақиқат вуҷуд дорад, ки ҳамлаи Амрико ва муттаҳидонаш ба Ироқ дар соли 2003 яке аз сабабҳои аслии зуҳури ДИИШ будааст»[3].

Ба андешаи мо, дар шароити муосир сиёсишавии дин, ки дар шакли радикализатсияи динӣ дар ҳудуди давлатҳои мусулмоннишин ва бо дахолати давлатҳо ва неруҳои хориҷӣ ба амал меояд, дар шакли зерин зоҳир мегардад:

---

[1] РИСИ: ИГИЛ - это масштабный проект, победить который войной невозможно [Электронный ресурс]. – URL: https://ria.ru/20160128/1366571622.html (дата обращения: 23.02.2021 г.)

[2] Как террористы смогли добиться могущества на Ближнем Востоке [Электронный ресурс]. – URL: https://tvzvezda.ru/news/201712191049-w5o1.htm (дата обращения: 24.02.2021 г.)

[3] Александр Б., Полина М. Кто финансирует группировку «Исламское государство» [Электронный ресурс]. – URL: https://www.gazeta.ru/politics/2014/10/29_a_6281277.shtml (дата обращения: 26.02.2021 г.)

- бо мақсади зери назорат қарор додани минтақаҳои стратегӣ ва ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ (масалан, таъсир расонидан ва мусоидат кардан ба шаклгирии раванди инқилобҳои «Баҳори араб»);

- бо мақсадҳои иқтисодӣ ва даст ёфтан ба захираҳои бузурги нефтиву сузишворӣ (дастгирии пардапушонаи неруҳои радикалӣ дар Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ, масалан дастгирии ДОИШ ва ғ.);

- бо мақсади маҳдуд намудани имкониятҳои рақибони сиёсии низоми муносибатҳои байналхалқӣ (таъсиси гурӯҳҳои радикалии динӣ дар Афғонистон бар зидди Ҳукумати Шуравӣ);

- бо мақсади ғолибият дар раванди бархӯрди тамаддунҳо, ки радикаликунонии ислом ва раванди исломбадбиниро афзоиш дода, эътиқоди диниро на танҳо дар назари аҳолии ғайримусулмонӣ, балки дар назари худи пайравони дини ислом коҳиш медиҳанд ва ғ.

Таъсис ва фаъолияти созмонҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои динии радикалӣ дар берун аз кишвар метавонад ба сифати омили хориҷӣ барои шиддат гирифтани сиёсишавии дин баромад намояд. Ҳадаф ва хосияти асосии ҳизбу ҳаракатҳои радикалиро чуни ҷиҳатҳо ташкил медиҳанд:

- хосияти экпансионистӣ доштани онҳо;

- ба сифати ҳизбу ҳаракати трансмиллӣ амал кардани ҳизбҳои радикалии динӣ;

- таблиғи ғояҳои радикалию экстремистие, ки ба асосҳои ғоявию идеологии динӣ рабт надошта, дар доираи талабот ва манфиатҳои онҳо бунёд гардидаву, вақеӣ гардидани ҳадафҳои «хоҷагони хориҷиашон» - ро таъмин мекунанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бисёр суханрониҳояшон гуфтаанд: «Террорист дар асли худ миллат, мазҳаб ва Ватан надорад ва душмани Худову бандагони ӯст»[1];

---

[1] Ислом ба терроризму экстремизм рабт надорад [Электронный ресурс]. – URL: http://www.khogu.tj/index.php/tj/2020-09-22-01-29-55/item/458-islom-ba-terrorizmu-ekstremizm-rabt-nadorad (дата обращения: 22.02.2021 г.)

- таъсиси ниҳоди сиёсии фаромиллӣ дар шакли давлати динӣ ва иттиҳоди динии минтақавию байналмилалӣ.

Сиёсишавии дин дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аз паҳн гардидани идеологияи экстремистию террористии ҳизбу ҳаракатҳои радикалӣ вобаста мебошад. Идеологияи мазкур аз ҷониби як қатор созмону ташкилотҳои экстремистии дорои характери динию радикалӣ таблиғ гардида, бо роҳи ғайриосоиштаву моҷарогароёна ташкил намудани давлати теократиро ҳадафи асосии худ қарор медиҳад. Дар давлатҳои минтақа дар баробари мавҷудияти чунин созмонҳо кам нестанд нафароне, ки аз ақидаи радикалии ин навъ созмону ҳаракатҳо пайравӣ намуда, ба сафи онҳо мепайванданд.

Дар давлатҳои пасошуравии Осиёи Марказӣ фаъол гардидани таъсири чунин идеологияи экстремистӣ бо як қатор шарту шароитҳо асоснок карда мешавад:

- якум, аз байн рафтани идеологияи коммунистӣ ва корношоям гардидани системаи таъмини амният;

- дуюм, афзоиши худшиносии миллӣ, рӯ овардан ба таърих ва ниёгон, ки дар гузашта бо дини ислом робитаи зич дорад;

- сеюм, буҳронҳои иҷтимоию иқтисодие, ки дар давраи гузариш аз як сохтори ҷамъиятӣ ба сохтори дигар ба амал омадаанд;

- чорум, сатҳи пасти маърифати динию мазҳабии аҳолии ин кишварҳо ва аз пешрафти илмию техникӣ қафо мондани онҳо;

- панҷум, майлу рағбати баъзе рӯҳониён низ ба шариати ислом дар равандҳои сиёсию иҷтимоӣ[1].

Дар баробари кишварҳои ғарбӣ инчунин баъзе кишварҳои минтақа низ сабабгори паҳн гардидани радикализми исломӣ мешаванд. Зери таъсири фаъолияти неруҳои радикалии тундгаро сиёсишавии дин ба амал меояд, ки мақсадашон ташкил намудани давлати теократӣ аст. Чунин неруҳои динию сиёсӣ, мутаассифона, аз ҷониби давлатҳои гуногун ҷонибдорӣ карда

---

[1] Нанаева А.К. Исламский фундаментализм и политический ислам в странах Центральной Азии [Текст] / А.К. Нанаев // Обозреватель. – 2008. – № 10 (225). – С. 87-96.

мешаванд. Ба ибораи дигар, дастгирӣ намудани фаъолияти неруҳои динии тундгаро ҳамчун воситаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ дониста мешавад. Айни замон як қатор неруҳои исломии тундгаро аз ҷониби Арабистони Саудӣ, Эрон, Афғонистон, Покистон, Ироқ ва чанде дигарон дастгирӣ меёбанд. Ҳатто роҳбарияти динии Эрон ба таври расмӣ иброз медорад, ки ба берун интиқол додани инқилоби исломӣ яке аз принсипҳои асосии сиёсати хориҷии онҳо мебошад[1].

Равандҳои сиёсии махсусе, ки аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ роҳандозӣ мешаванд, метавонад ба сифати омилҳои хориҷӣ баромад кунанд. Равандҳои ҷаҳонишавӣ, демократизатсия, либерализатсия, модернизатсия ва секуляризатсия бевосита ба сиёсишавии дин ҳамчун раванд асос намегузоранд. Сиёсишавии дин аксуламали онҳо буда, ҳамчун раванди зиддиглобализатсионӣ, зидидемократикунонӣ, зиддимодернизатсионӣ, зидилибераликунонӣ ва зидисекулярикунонӣ шакли махсуси ниҳодӣ ва сиёсӣ пайдо мекунад.

Аз ин рӯ, сиёсишавии дин аз равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷаҳонӣ низ вобастагии калон дорад. Глобализатсия дар сиёсишавии дин таъсири амиқ мерасонад. Дар асоси мушоҳидаҳо маълум мегардад, ки сиёсишавии дин хоси геоконтиненти қисмати шарқӣ мебошад, ки ба геополитикаи кишварҳои мусулмоннишин хос аст. Сиёсишавии дин ҳамчун раванд дар заминаи мувофиқ наомадани тарҳи ғарбии инкишофи иҷтимоию сиёсӣ ба кишварҳои мусулмоннишин шакл мегирад. Инкишофи иҷтимоию иқтисодии кишварҳои Ғарб ва кишварҳои ғайримусулмонӣ сабаби он мегардад, ки дар ҷомеаҳои мусулмонии шарқӣ таҷрибаи пешрафтаи онҳо мавриди истифода қарор дода шавад. Глобализатсия амалан раванди ҷаҳонигардонии консепсия ва доктринаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ғарбӣ мебошад. Номувофиқоиҳои арзишотӣ ва доктринавии тарҳи инкишофи ғарбӣ ба шароити инкишофи иҷтимоии шарқӣ як навъ бархӯрд ва зиддиятҳои сатҳи гуногун, аз ҷумла зиддиятҳои сиёсиро ба вуҷуд меоварад.

---

[1] Ёвкочев Ш. Ислам и политика [Текст] / Ш. Ёвкочев. – Ташкент: ТашГИВ, 2010. – С. 64.

Глобализатсия системаи сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳониро ба ҷустуҷӯи фарҳанги ҷаҳонӣ, системаи ҷаҳонии арзишҳо водор мекунад. Мутаносибан, ҷаҳони ислом низ дар таҳияи як таълимоти умумиҷаҳонӣ бар асоси принсипҳои динӣ ширкат мекунад. Модели глобализатсионии ғарбӣ аз ҷониби ислом ҳамчун «унсур, фалокат барои уммат, хароб кардани пояҳои динӣ, ворид кардани усулҳои хушунат дар ҷаҳони ислом» қабул карда мешавад[1].

Тезонидани равандҳои сиёсӣ дар ҷаҳон ба он оварда расонид, ки «ИМА ва Аврупо дар пайи комёбӣ ва истеъмол, дар асл як услуби архаистии тафаккурро инъикос намуда, худро дар як минтақаи нави диндорӣ қарор доданд, ки ҳамчун раванди баъдинасрония ифода меёфт»[2].

Сиёсӣ шудани дин, масалан, дини ислом вокуниш ба глобализатсия ва модернизатсия аст. Гузашта аз ин, таъсири глобализатсия ва модернизатсия ба сиёсӣ шудани ислом гуногун аст. Таърихи рушди давлатҳои мусулмонӣ як таҳаввулоти мавҷӣ ба назар мерасад, ки дар онҳо ҳукмронии ислом ба ҳадафҳои сиёсӣ табдил ёфт. Ислом дар таърихи худ ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятиро ҳамроҳӣ намудааст. Ҳокимияти сиёсии дини ислом тули солҳо ҳукумат намуда, масъалаҳои гуногуни инкишофро ба вуҷуд овардааст. Глобализатсия ва модернизатсия дини исломро дигар карданд, аммо «ислом дар ҳеҷ вақт аз фарҳанги оммавӣ, ҳаёти иҷтимоӣ ва тартиботи нави сиёсӣ дур нашудааст. Вай вобаста ба характери режим бо роҳҳои гуногун зоҳир шудан гирифт, дар замони ба даст овардани истиқлолият ва баъди ба сари ҳокимият омадани табақаи дигари иҷтимоӣ бо шаклҳои гуногун бо миллатчигӣ пайваст шуд. Табиист, ки давлатҳои мусулмонӣ аз меваҳои глобализатсия ва модернизатсия дар соҳаи технология, илму техника васеъ истифода мебаранд. Аммо мушкилот атрофи баъзе масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ

---

[1] Шеремет, В.И. Ислам и христианская Европа: экскурс в развитие взаимных представлений [Текст] / В.И. Шеремет, Л.В. Зеленин // Вестник РАЕН. – 2006. – №2. – Т.6. – С.21.

[2] Савельев, В.Н. Международный терроризм в системе глобальных отношений: религиозный аспект [Текст] / В.Н. Савельев // Религиозный экстремизм и фундаментализм: справочное издание. – М., 2008. – С.26.

ва иҷтимоию фарҳангии дар доктринаи дини ислом, ки тағйирнопазиранд, ба вуҷуд меояд.

Дар раванди глобализатсия ва модернизатсияи иҷтимоию иқтисодӣ як қатор арзишҳои ғарбӣ вориди мамлакат гардида, аз ҷониби аҳолии ҷомеаҳои мусулмонӣ қабул мегарданд. Чунин ҳолатро рӯҳониёни фаъол ҳамчун таҳдид ба дину оин тасаввур намуда, муборизаи худро дар шаклҳои гуногун оғоз менамоянд ва ҳатто дар баъзе аз мавридҳо роҳи наҷотро танҳо бо роҳи ба даст овардани ҳокимият ҳал кардан мехоҳанд, ки ин раванди ба саҳнаи сиёсӣ ворид гардидани онҳо мебошад. «Қабул гардидани арзишҳои ғарбӣ аз ҷониби мусулмонони шарқӣ барои рӯҳониёни фаъол зарбаи ҷонкоҳ расонида, миқёси фаъолиятҳои иртиҷоии онҳоро васеъ мегардонад ва ҳатто барои ба амал баровардани идеологияи ҷиҳод заминагузорӣ менамоянд. Чунин шиддати мазҳабӣ ва динию экстремистӣ баъди аз байн рафтани тавозуни нобаробари иҷтимоию иқтисодии Шарқу Ғарб оҳиста-оҳиста аз байн меравад»[1].

Ҳолати мазкур сабаб ба он мегардад, ки тамаддуни ғарбӣ нисбат ба сиёсишавии дин дар геополитикаи исломӣ чораҳои сиёсӣ меандешанд. Роҳу воситаҳои гуногуни муборизаи сиёсиро пеша мегиранд, ки чунин муносибати сиёсӣ ва яктарафаи берун аз созиш боиси на коҳиши сатҳи сиёсишавии дин дар шакли радикалӣ мегардад, балки шиддати сиёсишавии дин ва неруҳои омодаву мусаллаҳро бар зидди ҷаҳони Ғарб ба вуҷуд оварда, заминаи объективиро барои тақвияти фаъолияти онҳо эҷод менамояд. Мушоҳидаҳо далели онанд, ки муборизаи иттилоотӣ ва бадтару радикалитар тавсиф додани ислом дар фазои иттилоотӣ, баъди сиёҳкунӣ ва бадгӯиҳои зиёд тӯли ду даҳсолаи охир дар чунин кишварҳои тараққикардаи олам, ба монанди ИМА, Канада, Зеландияи Нав, Финляндия, Австрия, Олмон, Британияи Кабир, Чин, Кореяи Шимолӣ, Ветнам, як қатор кишварҳои Арупои Шарқӣ одамон аз дин даст кашида истодаанд. (Масалан, дар Фаронса ва дигар кишварҳои ғарбӣ дар майдончаҳои наздисоҳилӣ пӯшидани буркини,

[1] Ёвкочев, Ш. Ислам и политика [Текст] / Ш. Ёвкочев. –Ташкент: ТашГИВ, 2010. – С.57.

(костюмҳои оббозӣ) барои занони мусулмонро манъ карданд, ки танҳо рӯй, пой ва дастҳоро кушода мемонанд.

Шакл гирифтани сиёсати давлатӣ дар чунин сатҳ дар кишварҳои аврупоӣ натиҷаи хубро ба бор намеорад. Дар раванди глобализатсия ризоияти умумисайёравӣ зарурияти ҳатмӣ дорад ва он метавонад ваҳдати умумисайёравиро ба вуҷуд оварад ва тамоми халқу миллатҳо ва давлатҳоро дар ризоияти умумӣ қарор диҳад. Ғайр аз ин, таърихиояндаи инсоният таърихи ҷангҳо метавонад бошад ва ҳеҷ як рузи осоиштаро дар таърихи башар мумкин садсолаҳои оянда дарёфт намудан душвор бошад. Чунин раванд натиҷаи сиёсати динии кишварҳои Ғарб мебошад, ки бо исломбадбинии хос (исламофобия) мубоoriginal сиёсӣ оғоз намудаанд. Аммо бояд ёдовар шуд, ки дар симои ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористии динӣ кулли мусулмононро муаррифӣ намудан қарори нодурусте мебошад, ки пеш аз ҳама, барои худи давлатҳои абарқудрат оқибатҳои нохуб дорад. Президенти мамлакат вобаста ба симои террористону экстремистон борҳо таъкид намудааст ва симои онҳоро хеле хуб нишон додааст: «Террористу ифротгаро ватану миллат ва дину мазҳаб надорад. Террорист - террорист аст ва ӯ ҳеҷ гоҳ “худӣ” ё “бегона” ва ё “таҳаммулгарову” “тундгаро” буда наметавонад»[1]. Мутаассифона, дар кишварҳои Ғарб дар симои экстремистону террористоне, ки зери ниқоби дини ислом муборизаи сиёсӣ анҷом медиҳанд, тамоми мусулмонони Шарқ инъикос мегарданд.

«Дар охири асри XX дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии кишварҳои ғарбӣ падидаи исломбадбинӣ паҳн карда мешавад. Дар шароите, ки дини ислом беасос ва бе ягон далели мушаххас танқид мешавад, қаҳру ғазаб ва нафрати мусулмонон нисбат ба кишварҳои Ғарб афзун мегардад. Сабабҳои ба амал омадани исломбадбинӣ, чӣ гунае ки набошанд, ба равандҳои

[1] Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи “Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез” 04.05.2018 [Захираи электронӣ]. – URL: http://president.tj/node/17564 (санаи муроҷиат: 26.02.2021 с.)

иҷтимоию сиёсии як қатор кишварҳои мусулмонӣ, аз ҷумла ба кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсиргузор аст»[1].

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои давлатҳои мусулмонӣ дар садаи бистум афзоиши назарраси муассисаҳои таълимӣ ва ба вуҷуд омадани зиёиёни сершумори миллӣ мебошад, ки на ҳамеша дар «Ватани худ» кор пайдо мекарданд. Мушкилоти зиёиёни мусулмон «на инкори модернизатсия, балки исломисозии раванди глобализатсия ва модернизатсия» буд[2].

Барҳам додани хилофат аз ҷониби М.К. Отатурк дар соли 1924 расман ба парокандагии Империяи Усмонӣ, бузургтарин ва бонуфузтарин маркази исломии ҷаҳонӣ оварда расонид. Ҷомеаи бузурги сиёсии мусулмонӣ пароканда шуд. Ҳарчанд ин ниҳод дигар дар миқёси тамоми ҷаҳони мусулмонӣ қудрати воқеии сиёсӣ надошт, бо вуҷуди он ки ҷаҳони ислом аз ҷониби қудратҳои мустамликадори аврупоӣ тақсим шуда буд, идеали ягонагии маънавии худро нигоҳ медошт.

Лоиҳаи ҷаҳонишавии динии асри XX ба замин афтода, махсусан панисломизм дар кишварҳои мусулмонӣ ҷои худро ба миллатчигӣ дод. Бозсозӣ дар миқёси ҷаҳонии ҳамгироии сохторҳои мусулмонӣ дар солҳои 60-ум оғоз ёфт. Чанде пас аз ба даст овардани истиқлолияти бисёр кишварҳо, поёни низоми дуқутбӣ дар шароити имрӯза талошҳо барои эҳёи тамоюлоти нави сиёсишавии дин дар шакли глобализатсияи динӣ, махсусан глобализатсияи исломиро пурзӯр кардааст. Ба ақидаи Э.Гелнер, «Маҳз ислом қодир аст ба низоми сиёсии ҷаҳонӣ табдил ёбад, варианти алтернативии ҷаҳонишавиро пешниҳод намояд»[3]. Ба фикри мо, ин тезис комилан дуруст нест. Барномаи мутобиқшавии олами ислом ба глобализатсия ва модернизатсия номувофиқтар ба назар мерасад. Ақаллияти радикалии динӣ, ки асосан сиёсишавии динро баранда ҳастанд ва бо омилҳо ва кумакҳои хориҷӣ фаъолият мебаранд, ба ин раванд мухолифат мекунанд. Маҳз ба

---

[1] Раджабов Н.С. Исламофобия в Западной Европе и ее влияние на политические процессы в Центральной Азии [Текст]: дис. … канд. полит. наук: 23.00.04 / Раджабов Н.С. –Душанбе, 2016. – С.16.

[2] Roy O. Genealogia de l`islamisme.Islam: Muslims and Modern State. - London, 1996. - P. 62–63.

[3] Gellner E. Religion and the Profane // News Letter. 1997. July–October.

ҳамин ақаллияти муташаккил сарварони гурӯҳҳои радикалӣ сармоягузорӣ мекунанд. Идеологи Ихвонулмуслимин Сайид Қутб дар асари худ «Марҳилаҳои роҳ» муносибати худро ба арзишҳои ғарбӣ равшан баён кардааст ва асоси боркунии доктринавии глобализатсионӣ ва модернизатсиониро «хаёлҳое медонад, ки ба онҳо системаҳои амалӣ ва ресурсҳои моддӣ асос ёфтаанд. Ҳамзамон, ҷунбиши исломӣ бо ин ҳама воқеият тавассути он чизе, ки ба он мувофиқ аст, муошират мекунад. Ислом бо такя ба зӯроварӣ ва ҷиҳод бо ин воқеият мухолифат мекунад, то ин низомҳоро аз байн бибарад ва нафаронеро, ки бо шарофати ин системаҳо дар қудратанд ва аз решакан кардани ин гуна эътиқод дар миёни мардум монеъ мешаванд, бо зӯроварӣ ва фиреб ба худ тобеъ гардонанд».[1]

Дар шароити имрӯза нуфузи бунёдгароён дар олами ислом меафзояд. Инро дар мисоли Туркияи аз ҳама бештар аврупоишуда, Алҷазоир ва Тунис равшан дидан мумкин аст. Ба андешаи муҳаққиқи рус И.Б. Орлов «…дар олами ислом қувваи пештара бедор шуд, ки дар амалҳои таҷовузкорона зоҳир шудан гирифт…»[2].

Ғояҳои тундгароёни динӣ дар замони муосир тақрибан ба пояҳои бунёдии дар асрҳои пешин таҳияшуда асос ёфтаанд. Ба таври мисол дар ислом албатта, на ҳама чиз гирифта шуд. Аз ҷумла, яке аз мавзуъҳои асосии паёмбар дар бораи муносибати хайрхоҳона нисбат ба «Аҳли Китоб», яъне, ба яҳудиён ва насрониён. Таълимоти идеологҳои ислом дар давраҳои гуногун таълимоти иҷтимоии исломро низ ғанӣ гардонидааст.

Исломгароёни муътадил натавонистанд ба чолишҳои глобализатсионии Ғарб посухи шоиста пешниҳод кунанд. Анҷумани байналмилалии уламои исломӣ, ки соли 2003 дар Малайзия дар мавзуи «Ислом дар асри глобализатсия» баргузор шуда буд, изҳор дошт, ки мафҳумҳои «ислом», «пешрафт», «рушди технологияҳои пешрафта ва афкори илмӣ» ба ҳамдигар

---

[1] Кутб С. Отрывки из книги «Вехи на пути» [Текст] // Исламская интеллектуальная инициатива XX века / Сост. и комм. А. Ежова; под ред. Г.Д. Джемала. – М., 2005. – С.279.

[2] Орлов, И.Б. Глобализация или исламизация? [Текст] / И.Б. Орлов // Мусульманский опыт миростроительства: базовые цели и ценности,формы познанияи социокультурной организации. – М., 2007. – С.73.

бегона нестанд.[1] Аммо нусхагирии институтҳо ва технологияҳои сиёсии Ғарб сирф хориҷӣ буда, чун кӯшиши ба ҳам овардани се принсип дар доираи «модели исломӣ»: демократия, субот ва амният, хизмат мекунад[2].

Глобализатсия ҳамчун як раванди табиӣ ва ногузир аз ҷониби ҷаҳони ислом дарк карда намешавад, ҳарчанд сиёсишавии дин бахше аз таҳдидҳои глобализатсионии муосир аст. Агар як бахше аз исломгароён барои эҷоди як тарҳи глобалии сиёсишавии динӣ талош кунанд, қисмати дигар талош доранд, ҷаҳони исломро ба равандҳои бе ин ҳам дар ҳоли ҷаҳонишавӣ муттаҳид созанд ва дар марҳилаи муайян тамоми ҷаҳонро ба як уммати исломӣ табдил диҳанд. Барои мусулмон мансубияти давлатӣ-миллӣ нисбат ба мансубияти ӯ ба уммат (ҷамоати мусулмон) аҳамияти камтар дорад. Исломгароёни тундрав намехоҳанд, ки ба онҳо расидагӣ накунанд, балки арзишҳои ғарбиро нобуд кунанд. Чунин ғояҳои тундгароёнаро дар таълимоти С.Қутб мушоҳида кардан мумкин аст. Ба ақидаи ӯ, «Дини ислом эълони озодӣ танҳо барои арабҳо нест ва рисолати он танҳо барои арабҳо набуд. Мавзуи ин барнома умуман одам, насли башар ва доираи татбиқи он замин, тамоми замин аст. Парвардигор танҳо Парвардигори арабҳо нест. Гузашта аз ин, Ӯ танҳо Парвардигори касоне нест, ки дини исломро қабул мекунанд. Худо Парвардигори тамоми ҷаҳониён аст. Дини ислом ҳадаф дорад, ки тамоми аҳли дунёро ба сӯи Парвардигорашон бигардонад ва онҳоро аз ғуломӣ ва парастиши ғайри Аллоҳ наҷот диҳад».[3]

«Модернизатсия, - менависад Д.Эспозито, - на танҳо боиси дунявишавии пешқадам набуд, балки омили асосии эҳёи сиёсишавии ислом дар ҷомеаҳои мусулмонӣ гардид»[4]. Раванди модернизатсионӣ ба ҳалли проблемаҳои иқтисодӣ ва то андозае иҷтимоӣ мусоидат карда метавонад, вале ба бисёр

---

[1] Семедов С.А. Причины политизации ислама в современном мире [Текст] / С.А. Семедов // Государство, религия, Церковь в России и за рубежом. – 2009. – Т.27. – № 3. – С. 230-239.

[2] Орлов, И.Б. Глобализация или исламизация? [Текст] / И.Б. Орлов // Мусульманский опыт миростроительства: базовые цели и ценности,формы познанияи социокультурной организации. – М., 2007. – С.73.

[3] Кутб С. Отрывки из книги «Вехи на пути» [Текст] // Исламская интеллектуальная инициатива XX века / Сост. и комм. А. Ежова; под ред. Г.Д. Джемала. – М., 2005. – С.279.

[4] Esposito J.L. The Islamic Threat. - New York; Oxford, 1992. - P. 23.

саволҳои дорои характери сиёсӣ, идеологию маданӣ ҷавоб дода наметавонад. Идеологҳои исломи сиёсии муосир ба ин савол ҷавобе ёфта наметавонанд: «Агар имони мо дуруст бошад, агар мо аз тамоми ҷаҳон одилтар бошем, чаро мо дар таназзул ҳастем?!». Ва воқеан олами ислом, ки дар асрҳои миёна лоиҳаи ҳарбию сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангӣ буд, дар замони муосир мавқеъҳои худро аз даст дод. Аз чунин мавқеъишғолкунии сиёсии ислом, ки бо таъсиррасонии омилҳои хориҷӣ ва давлатҳову ширкатҳои байналхалқӣ сурат мегирад, раванди сиёсишавии дин авҷ гирифта истодааст ва дар шакли радикалӣ намудор мешавад.

Дар солҳои 90-уми асри XX ва ибтидои асри XXI дар чанд кишвари бузурги мусулмонӣ (Туркия, Афғонистон, Покистон, Алҷазоир) намояндагони ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ ба сари ҳокимият омаданд. Дар маҷмӯъ дар ҷаҳон ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ фаъолтар шудаанд, ки бо усулҳои қонунӣ ва ғайриқонунӣ кушиши ба даст овардани ҳокимиятро кардаанд. Муваффақияти «шукуҳи исломӣ» асосан аз бӯҳрони «идеологияҳои дунявӣ» (пеш аз ҳама либерализм ва коммунизми ғарбӣ) мусоидат кард ва оммаи васеи мусулмононро водор кард, ки ба арзишҳои сирф динии аз ҷиҳати рӯҳӣ ва тафаккурӣ ба онҳо наздиктар рӯй оваранд. Воқеан, дар тӯли чордаҳ аср ислом гӯё як унсури ҷузъӣ ва муҳими ҳаёти ҳаррӯзаи халқҳои мусулмон ва як ҷузъи ягонаи гурӯҳҳои мухталифи қавмӣ гардид. Дар ин ҷо нерӯи ислом зоҳир мешавад ва шояд ҳамин тавр як муҳити идеологиро барои фаъол кардани сиёсишавии динӣ ба вуҷуд меоварад. Дар натиҷа, аҳзоб, ҷунбиш ва созмонҳои исломӣ тадриҷан дар ҷаҳони мусулмонӣ ба мубориза шурӯъ карданд, ки аксари онҳо ҳадафи сарнагун кардани низомҳои дунявӣ ва таҳкими мавқеи исломро эълон намудаанд.

Тавре рӯйдодҳои 30 соли охир нишон медиҳанд, «сиёсикунонии динҳо на дар ҷомеаҳои суннатӣ ва архаистӣ, ки аксарияти аҳолӣ фаъолона ба дин эътиқод доранд,... балки, баръакс, дар ҷомеаҳое, ки ба сатҳи баланди

модернизатсионӣ ва секуляризатсия расидаанд, сурат мегирад»[1]. Сабаби ин падидаи парадоксалӣ, дар назари аввал, ба гуфтаи муҳаққиқи рус А.В. Митрофанова, ки «ҳадафи сиёсисозии дин на бозгашт ба гузашта ва на нигоҳ доштани унсурҳои архаистии имрӯза, балки хоҳиши амалӣ намудани навсозии бомуваффақияти ҷомеа, ҷамъиятию сиёсӣ ба маънои васеъ мебошад»[2].

Кушишҳои сиёсикунонии дин имрӯз ба барҳам задан ва барҳам додани асосҳои доктринавӣ ва принсипҳои ҷомеаҳои дунявӣ нигаронида шудааст. Сиёсишавии дин ҳамчун раванд муқаррароти аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалиро беэътиноӣ мекунад ва нодида мегирад, чунин меъёрҳои бунёдӣ, аз қабили тамомияти арзӣ, соҳибихтиёрии давлат, дахлнопазирии сарҳадҳо, эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манъи истифодаи зӯрӣ барои ноил шудан ба рушди сиёсӣ ва иҷтимоиро эътироф намекунад. Мақсадҳои ҷомеаи демократӣ ва тамоми арзишҳои либералиро, ки бо қолабҳо ва арзишҳои динӣ мухолиф ва дар зиддият қарор доранд, инкор мекунад.

Тамоюли зиддиғарбии исломӣ аллакай дар доктринаи сиёсии иттиҳодияи «Ихвон-ул-муслимин», ки дар Миср солҳои 1920 таъсис ёфта ва муассиси он Ҳасан ал-Банно (1906-1949) буд, маълум буд. Ин омӯзгори мактаб, ки баъдан ба диншиноси барҷаста табдил ёфт, аз аввалин назариянависони исломи сиёсишуда маҳсуб мешавад[3]. Созмони ташкилкардаи вай, ки ба муқобили монархияи анъанавии Миср равона шуда буд, ҳамчун қувваи динию сиёсии табақаҳои босавод, вале камбизоати аҳолии шаҳрҳо, буржуазияи майда, зиёиён, афсарони наврас, намояндагони алоҳидаи руҳониён, толибилмони мактабҳои миёна ва донишҷуёни мактабҳои олӣ баромад мекард

---

[1] Митрофанова А.В. Политизация «православного мира» [Текст] / А.В. Митрофанова. – М.: Наука, 2004. – С.42.

[2] Ҳамон ҷо. – С.45.

[3] Яхьяев М. Причины радикализации ислама в соврименном мире [Текст] / М. Яхьяев // Исламоведение. – 2012. – № 2. –С.4-14.

Ҳ.Банно вазифаи созмони худро ҳимояи дини ислом ва пайравони он аз бединӣ ва дунявӣ, аз таназзули маънавию ахлоқии мусулмонон, ки зери таъсири манфии Ғарб ва арзишҳои он сурат мегирад, медонист. Арзишҳои доктринавии ташкилоти вай аз он бармеояд, ки ислом «имон ва дин, ватану миллат, дину давлат, рӯҳ ва ҷисми мусулмон аст». Ҳ.Банно муттаҳидшавии сиёсии ҷаҳони исломро дар як ҳавза («ал-ватанул-ислом», ба маънои аслӣ «Ватани исломӣ») муҳимтарин фаъолияти созмони таъсискардааш медонист.

Фаъолтарин барандагони ақидаҳои радикалӣ ҳамон гурӯҳҳои конфессионалӣ мебошанд, ки ба ҳифз ё барқарор кардани шакли идораи шариат манфиатдоранд. Ё бодарназардошти таҳмилҳои арзишотӣ ва идеологии ғайридинии худашон дар равандҳои модернизатсионӣ, либераликунонӣ, демократикунонӣ ва секуляризатсияву глобализатсионӣ фаъолияти сиёикунонии диниашон шакл мегирад.

Ба ин танҳо рӯҳониёни динии зидди арзишҳои муосир, ки аз дурнамои сиёсишавии динӣ комилан ва бечунучаро манфиатдоранд, дохил мешаванд. «Ин ба далели он аст, ки дунявӣ шудани кишварҳои исломӣ боиси аз ҳаёти ҷамъиятӣ дур шудани рӯҳониён дар ҷараёни навсозӣ ва табдили он ба синфи аз байн рафтаистода мегардад, ба истисноi модернистҳо, ки ин ё он дараҷа исломро ба шароити тағйирёбандаи таърихӣ мутобиқ гардонидаанд»[1].

Тамоюлоти радикалии динҳои сиёсишудаи имрӯза аз таҳкими экспансияи низомию сиёсии Иёлоти Муттаҳида дар минтақаҳое, ки захираҳои бузурги исботшудаи нафт ва аҳолии умдатан мусулмон доранд, дастгирӣ мешавад, ки «минтақаи манфиатҳои ҳаётан муҳими Амрико» эълон шудааст. Амалиёти низомӣ дар Афғонистон, аз байн бурдани режими Саддом Ҳусейн дар Ироқ ва ишғоли ин кишвар, "баҳори арабӣ"-и соли 2011 ва равандҳои "демократӣ"-и идомаёфтаи Ғарб дар кишварҳои арабӣ, амалҳои дигари Иёлоти Муттаҳида ва шарикони он боиси тезу тунд шудани

---

[1] Добаев И. Исторические и доктринальные корни исламского радикализма, его современные проблемы и течения [Текст] / И.Добаев // Центральная Азия и Кавказ. – 2001. – № 2(14). – С. 136-148.

фаъолияти террористии созмонҳои радикалии динӣ дар саросари ҷаҳон мегардад.

Аммо демократикунонии «амрикоӣ» омили дигари муҳими афзоиши эҳсосоти сиёсишавии дин дар миёни кишварҳои мусулмоннишин мегардад. Моҳияти ин модели ҷаҳонишавӣ дар таъсиси «бартарияти диаспораи байналмиллалии молиявӣ бар давлатҳое, ки соҳибихтиёрии иқтисодиро аз даст медиҳанд», ифода меёбад. Ҳамаи кушишҳои дигар ин моҳиятро бо шиорҳо дар бораи мусоидат намудан ба инкишофи «мамлакатҳои ҷаҳони сеюм», мубориза бар зидди режимҳои диктаторӣ, дар онҳо ҷорӣ намудани шаклу арзишҳои демократӣ пардапӯш карданӣ мешаванд.

Яке аз имкониятҳои дигаре, ки неруҳо ва субъектони хориҷӣ ба сиёсишавии дин дар кишварҳои мусулмоннишин мусоидат мекунанду аз шакл гирифтани вазъият дар чунин манзара манфиатдор мебошанд, ин ноуҳдабароии ҳукуматҳо ва шахсони мансабдор аст. Монополизатсияи низоми тиҷоратӣ ва иқтисодӣ, монополизатсия дар низоми кадрии идоракунии давлатӣ, амалҳои коррупсионӣ дар шакли хешутаборбозӣ ва маҳалгароиву ошнобозӣ мебошад. Маҳз дар ҳамин ҷо худсарии мансабдорон ва намояндагони сохторҳои қудратӣ ба дараҷае мерасад, ки мардум бо роҳи ғайриқонунӣ, аксаран бо силоҳ ҳимояи манфиатҳои худро авло медонанд. Ин шароит барои радикализатсияи шуури ҷавонон ва сиёсишавии дин, ки дар паси шиорҳои исломӣ пинҳон шуда, барои онҳо муборизаи мусаллаҳона бар зидди ҳукуматдорон ва пояҳои конститутсионии як давлати дунявии демократиро роҳи халосӣ нишон медиҳанд, шароити мусоид боқӣ мегузорад. Аз ин вазъият неруҳо ва субъектони хориҷӣ истифода мебаранд ва дар ҳар шакле кушиши бештар кардани раванди сиёсишавии динро мекунанд.

Яке аз омилҳои дигари берунӣ, ки дар сиёсишавии дин дар ҳудуди ин ва ё он давлатҳо ва ҷомеаҳои миллӣ шакл мегирад ва таъсир мерасонанд, моҷароҳои мусаллаҳона мебошанд. Дар асоси мушоҳидаҳо маълум аст, ки сиёсишавии динӣ бештар хоси геополитикаи ислом аст ва моҷароҳое, ки ҳадафашон сиёсикунонии дин ва аз ҷониби неруҳҳои радикалӣ амалӣ карда

мешаванд, дар геополитикаи исломӣ низ сурат гирифта истодааст. Моҷарои тулонии Афғонистон, «баҳори араб», пайдоиши ҳаракатҳои радикалии динӣ дар ҳудудҳои Сурия ва Ироқ, инчунин дигар давлатҳои аҳолии мусулмондошта, намунаи инҳост.

Тезутунд шудани зиддиятҳои динӣ, пеш аз ҳама, зуҳуроти сиёсӣ шудани муносибатҳои этно-конфессионалӣ, натиҷаи таҳмили дини худ ба сари тамоми аҳолии кишварҳои гуногун ба ҳисоб меравад.

Мушкилоти ҷомеаҳои ру ба тараққӣ аз зиддиятҳои динӣ ва бархурди арзишҳои муосиру демократӣ бо арзишҳои классикиву динӣ, ки сабаби моҷароҳо ва бархӯрдҳои мусалаҳона мегарданд, иборат мебошанд. Сабабҳои ба миён омадани ин мушкилот тақсимот дар ибтидои асри XXI мебошад. Фазои конфессионалии минтақа байни ду дини калонтарин ва бо ҳам рақобаткунандаи ҷаҳонӣ - насроният ва ислом, сатҳи баланди диндории аҳолии африқоӣ (яке аз баландтарин дар ҷаҳон), авҷи ҷараёнҳои фундаменталистии динӣ ва сиёсӣ (исломӣ), маҷмӯаи истифода аз диндорӣ ба мақсадҳои сиёсӣ, ба фаъолияти сиёсӣ шомил кардани ҳизбу созмонҳои динӣ (сиёсикунонии дин) бо мутобиқ кардани сиёсат ба равандҳои динӣ, тақсимоти кишварҳо ва халқҳо аз рӯи заминаҳои динӣ, зиддиятҳои диниро ба вуҷуд меоварад ва бархӯрдҳо дар шакли мусаллаҳона авҷ мегиранд[1].

Дар ин бобат проблемаҳои назорат аз болои равияҳо ва системаҳои ба таври стихиявӣ инкишофёбандаи динӣ имконияти нигоҳ доштани мувозинати устувори байни давлатҳоро ба вуҷуд меоварад. Фазои сиёсии моҷароӣ асосан дар шароити муосир хосияти сироятӣ ва экспансионистӣ дорад. Фаъолияти ташкилоту ҳаракатҳои динӣ, ки асосан субъект ва барандаи раванди сиёсикунонии дин ҳастанд, дарки ҳадафи маънавӣ, шароит ва заминаҳои ҳамгироии гурӯҳҳо ва ҷамъиятҳо, инкишофи донишҳои динӣ, вусъат додани муколамаи маданияту динҳоро ҷоннок мегардонанд. Онҳо дар

[1] Религиозные конфликты в Африке южнее Сахары: угрозы возникновения и возможности предотвращения [Текст] // Материалы конференции по проблемам стран Африки РАН. – М., 2019. – С.4.

ҳолатҳои дигар субъект ва интиқолдиҳандаи моҷароҳои динӣ аз як ҳудуди геополитикӣ ба ҳудуди геополитикии дигар баромад мекунанд.

Сиёсӣ шудани дин дар шакли исломгароӣ натиҷаи сабабҳои зерин аст. Ҳодисаҳои «баҳори араб» бори дигар нишон дод, ки дар минтақа низоми дурусти амният вуҷуд надорад. Эътирозҳои оммавӣ ва ҷангҳои нави шаҳрвандӣ танҳо вазъи башардӯстонаро шадидтар карданд ва мушкилоти анъанавие, ки аллакай вуҷуд доштанд (низоъҳои байнидавлатӣ ва байнимазҳабӣ, кам шудани захираҳо ва таваллуди беназорат, ки ба рушди иқтисодӣ монеъ мешаванд, сатҳи баланди қашшоқӣ ва бекорӣ, норасоии об ва ғизо) шадидтар шуданд. Дар ҳошия мондани аҳолии мусулмон дар аксари кишварҳо норозигии афзоянда аз мақомоти фасодзада ва мансабдорони давлатиро ба вуҷуд овард, ки албатта, ба густариши ақидаҳои исломи радикалӣ, бахусус дар байни ҷавонон, мусоидат кард[1].

Моҷаро ва воқеияти номутаносиби вазъияти сиёсии давлатҳои арабӣ ва минтақаи Шарқи Наздик ба сиёсишавии дин такони пурзур бахшид. Сабаби чунин шакл гирифтани фазои сиёсӣ дар он аст, ки ғояи як замон маъмули ваҳдати арабҳо ҳоло дар бӯҳрон қарор дорад. Мушкилоти Фаластин, ки арабҳоро боз якчанд маротиба муттаҳид намуд, даҳсолаҳо муқаддам дар заминаи воқеаҳои давомдор аҳамияти пештараи худро баръало гум кардааст. Ихтилофоти Фаластину Исроил ва ҳалли моҷароҳои Шарқи Наздик дар сархати муҳимтарин проблемаҳои минтақавӣ гузошта шуданд. Бӯҳрони «идеологияҳои дунявӣ» (пеш аз ҳама, либерализм ва коммунизми ғарбӣ), ки оммаи васеи мусулмононро ба қабули арзишҳои сирф динии аз ҷиҳати рӯҳӣ ва тафаккур наздиктар водор намуд, инчунин ба шукуфоии исломи радикалӣ дар давлатҳои дигари мусулмоннишин мусоидат намуд. Дар натиҷа, дар ҷаҳони мусулмонӣ аҳзоб, ҷунбиш ва созмонҳои исломӣ тадриҷан фаъолии сиёсиро ба худ гирифтанд, ки аксари онҳо ҳадафи сарнагун кардани

---

[1] Крылов А.В. Роль религиозного фактора в «Арабской весне» [Текст] / А.В. Крылов // Вестник МГИМО-Университета. – 2013. –№ 4 (31). –С.43-51.

низомҳои дунявӣ ва таҳкими мавқеи ислом дар сохторҳои қудратӣ-сиёсиро эълон карданд.

Қобили зикр аст, ки дар асноди барномавии созмонҳои мухталифи исломгаро ҷонибдорони ҷунбишҳои ғайриисломӣ бо «муртад» баробар шудаанд. Ҳамин тавр, аз ҷумла, дар барномаи бахши Ироқии Алқоида чунин таъкид шудааст: «Мо бовар дорем, ки дунявият дар зери ҳар гуна парчамҳои он ва дар тамоми мактабҳои мухталифи он, аз қабили миллатгароӣ, ватандӯстӣ, коммунистӣ ва куфри ошкоро, бар хилофи ислом ва аз дин дур кардан... «Куфри муртад» аз куфри аввала вазнинтар аст. Аз ин рӯ, мо набардро бо «муртад»-ҳо муҳимтар аз ҷанг бо барандаи куфри аслӣ медонем»[1].

Раванди сиёсӣ шудани дин на танҳо ба кишварҳое, ки бевосита ё бавосита аз "баҳори араб" осеб дидаанд, таъсир расонд. Ин раванд характери умумиҷаҳонӣ пайдо кардааст. Ба гуфтаи таҳлилгарон ва коршиносони сиёсӣ, ки ин масъала барои онҳо аҳамияти аввалиндараҷа дорад, инфрасохтори ифротгароии исломӣ ҳоло дар 62 кишвари ҷаҳон муаррифӣ шудааст, дар ҳоле ки даҳ сол пеш на бештар аз 40 кишвар ба мадори таъсири он ҷалб нашуда буд. Сиёсишавии динӣ дар шакли радикаликализатсия бо мавҷҳои моҷароҳои сиёсӣ ва динӣ алоқаманд аст. Муовини вазири корҳои хориҷии Исроил Д.Аялон, ки дар Брюссел дар конфронси Иттиҳоди Аврупо суханронӣ мекард, изҳори нигаронӣ кард, ки Ховари Миёна пас аз инқилобҳо метавонад аз ҷониби исломгароён тасарруф шавад. Харитае, ки соли 2013 аз ҷониби Маркази миллии зиддитеррористии ИМА нашр шуд, нишон медиҳад, ки созмонҳои тундрави исломӣ ҳоло дар қисматҳои зиёди қитъаҳои Африқо ва Осиё фаъоланд[2].

Яке аз омилҳо ва сабабҳои хориҷии сиёсишавии дин, аз ҷумла дини ислом аз назари доктринавӣ ин воқеияти сиёсии «бархӯрди тамаддунҳо»

---

[1] The program and the Iraqi branch credo of «Al-Qaeda». Institute of the Religion and Politics Studies. [Электронный ресурс]. – URL: http://www.i-r-p.ru/page/stream-document/index-5.html#_edn1#_edn1 (дата обращения: 27.03.2021 г.)

[2] Крылов А.В. Роль религиозного фактора в «Арабской весне» [Текст] / А.В. Крылов // Вестник МГИМО-Университета. – 2013. –№ 4 (31). –С.43-51.

мебошад. Доктринаи «бархӯрди тамаддунҳо» чанд нуқтаи манфӣ дорад, ки омили бевоситаи сиёсишавии дини ислом мегардад. Аввал, назарияи бархӯрди тамаддунҳо назари хушбинона ба муносибатҳои байнитамаддунӣ надорад. Дуюм, назарияи бархӯрди тамаддунҳо доираҳои дигари тамаддунӣ ва фарҳангӣ, аз ҷумла исломро ба мубориза даъват мекунад. Сеюм, назарияи мазкур хосияти доктринавӣ дошта, ҳамчун сиёсат аз ҷониби кишварҳои абарқудрати ғарбӣ дар муносибати давлатҳои дигар, давлатҳои мусулмонӣ истифода мегардад. Чорум, истифодаи ҳар гуна амали оштинопазир ё «ғоратгароёна» - ро барои ғолиб омадани тамаддуни ғарбӣ ва глобалӣ кунонидани он раво медонад.

Ин нуқтаҳо ва хосиятҳои назария ё худ доктринаи «бархӯрди тамаддунҳо»-ро, ки С. Хантингтон пешниҳод намудааст, алакай заминагузори бевоистаи сиёсишавӣ дар шакли радикалишавии дин ва ҳизбу ҳаракатҳои динӣ мегардад.

Гегел дар маърузаҳо оид ба фалсафаи таърих чунин далел меовард: «...Ислом кайҳо боз аз майдони таърихӣ-сиёсиии ҷаҳонӣ баромада, ба сулҳу осоиши Шарқ баргашт»[1]. Имрӯз дар пасманзари рӯйдодҳое, ки дар кишварҳои ба истилоҳ мусулмонӣ ва дар саросари ҷаҳон рух медиҳанд, ин изҳороти гегелиро чандон асоснок намоён намегардонад. Аллакай дар асри XIX дар баробари ба вучуд омадан ва пурзур гардидани харакати зиддимустамликадорӣ ислом яке аз омилҳои муҳимтарини ҳаёти сиёсӣ гардид. Дар давраи муборизаи зиддимустамликадорӣ дин дар пеши назари халқҳои мазлум рамзи истиқлолияти пештараи онҳо буд, ки ин нақши муҳими онро дар ташаккули идеологияи ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ пешакӣ муайян кард. Ҷалби ин дин аз он иборат аст, ки бар хилофи дини насронӣ бо мустамликадорӣ ва истисмор алоқаманд нест, баръакс, ислом бештар бо муборизаи зидди мустамликадорон алоқаманд аст.

Тақвияти нуфузи ислом ҳам аз он иборат аст, ки ислом бар хилофи дигар динҳои ҷаҳонӣ як низоми том аст. Вай ҳам ҷаҳонбинии одамро муайян

[1] Гегель Г.В. Философия истории. Соч. Т. 8. – М., 1935. – С. 339.

мекунад ва ҳам ҳаёти иҷтимоӣ ва мадании ҷамъиятро ба тартиб медарорад ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ муносибатҳои иқтисодиро ба сиёсат омехта мекунад.

Оё «бархӯрди тамаддунҳо»-ро сабаби сиёсишавии ислом гуфтан дуруст аст? Аз ҷиҳати назариявӣ метавон як ҷанбаи тамаддунӣ ва мазҳабӣ дар низои арабу Исроилро дид, аммо дар асл сухан дар бораи баҳсҳои ҳудудӣ, талабҳои Фаластин аз Исроил бар сари шаҳракҳои яҳудӣ ва Байтулмуқаддаси Шарқӣ меравад. Мунoқишаи арабу Исроил ба муносибатҳои ҷаҳони мусулмон ва ғайримусулмон таъсир мерасонад. Албатта, амалкарди имрӯзаи ИМА дар Афғонистону Ироқро низ метавон ба зиддиятҳои тамаддунӣ ва мазҳабӣ нисбат дод. Шартномаи маъруфи Ҷорҷ Буш дар бораи «сайри салибии нав» («новый крестовый поход»), ки ӯ пас аз фоҷиаи 11 сентябр анҷом додааст, низ барои ғояи бархӯрди тамаддунҳо кор мекунад[1].

Аммо, дар ин маврид сухан дар бораи амалиёти ягона абарқудрате меравад, ки ирода ва тарзи зиндагии худро ба ҷаҳон бор мекунад. Чунин сиёсат идеологияи зиддиамрикоиро бахусус пас аз изҳороти Буш дар 11 августи соли 2006 дар бораи фаъолияти «фашистҳои исломӣ» таҳрик медиҳад. Ба андешаи Буш 11 сентябрро исломгароён далели тавоноии ислом ва тавоноии муқовимат ба як давлати абарқудрате чун Амрико арзёбӣ карданд. Ҳодисаҳои «Сешанбеи сиёҳ»-и 11 сентябри соли 2001 дар Иёлоти Муттаҳида бори дигар мафҳуми бархӯрди тамаддунҳои олими амрикоӣ С.Хантингтонро ёдовар шуд.

С.Хантингтон дар мақолаи худ навиштааст, ки «бархӯрди тамаддунҳо омили хукмфармои сиёсати ҷаҳон мегардад». Хантингтон ба бархӯрди тамаддунҳои ғарбӣ ва исломӣ таваҷҷуҳи хоса медиҳад, ки ба гуфтаи ӯ, 1300 сол боз идома дорад ва ҳеҷ нишонаи аз байн рафтанро надорад. Ба эътиқоди ӯ, тамаддуни исломӣ дар тӯли садсолаҳо мухолифи аслии "мероси яҳудӣ-масеҳӣ" буд ва ҳаст. Пас аз мақолаи Хантингтон, тамоми тамаддуни мусулмонӣ ҳамчун манбаи эҳтимолии низоъ ва шаклгирии сиёсишавии дин

[1] Николай К. Политизация Ислама и столкновение цивилизаций [Текст] / К. Николай // «Обозреватель – Observer». – 2007. – № 2. – С.111.

дар ҷаҳони муосир баррасӣ шуд. Бо ин бархӯрд терроризми байналмилалӣ ҳамчун як падидаи табиие муаррифӣ мешавад, ки бо тафовути тамаддунӣ алоқаманд аст, ки бар пояи арзишҳои фарҳангӣ ва динӣ асос ёфтааст. Ҳамчунин, бояд ба назар гирифт, ки тафовути тамаддунҳо дар маҷмӯъ бо тақсимоти ҷаҳон ба кишварҳои фақиру сарватманд рост меояд, ки ин тамоюли иҷтимоии назарияи С.Ҳантингтонро тақвият медиҳад. Ёдовар мешавем, ки дар давраи мустамликавӣ кишварҳои аврупоӣ тамоми тамаддунҳои бастаи Шаркро, ки дар асоси анъанаҳои динӣ асос ёфтаанд, рахна карданд. Эътирози иҷтимоӣ ва зидди Ғарб боиси сиёсишавии дин гардид. Оятуллоҳ Имом Ҳумайнӣ дар васиятномаи худ навиштааст: «Халқҳои кишварҳои мусулмонӣ, мазлумону мусулмонони тамоми ҷаҳон бархезед! Барои ҳуқуқи худ мубориза баред»[1].

Пас аз ҳаводиси 11 сентябри соли 2001 С. Хантингтон, ки қаблан сенарияи эҳтимолии «бархӯрди тамаддунҳо»-ро пешгӯӣ карда буд, шитобон ҳамватанони худро итминон дод. Ба саволи мустақим, ки оё ин ҳодисаро метавон оғози чунин даргириҳо арзёбӣ кард, ӯ посух дод, ки «ногузирии ҷанги байни тамаддунҳоро ҳатто бо оғози амалиёти ҷавобӣ дар Афғонистон» намебинад. Гузашта аз ин, вай бар ин назар аст, ки дар тамоми ҷаҳони ислом низоъҳо ва ҷангҳо миёни худи мусулмонон бештар аз «даргириҳои байни тамаддунҳо дар миқёси ҷаҳонӣ» будааст. Ҳамин тариқ, мафҳуми «бархӯрди тамаддунҳо»-и С. Хантингтон идеяест, ки асосан мазмуни иҷтимоӣ дорад[2].

Ҷаҳони мусулмон идеяи бархӯрди тамаддунҳоро ҳамчун экспансияи иқтисодӣ ва фарҳангии Ғарб ва пеш аз ҳама Иёлоти Муттаҳида шарҳ медиҳад. Ба ин «меҳвари шарр» шомил шудани кишварҳои мусулмонӣ, зарба ба Афғонистон, ҷанги зидди Ироқ, ҳамзамон, дар кишварҳои мусулмонӣ, ки терроризмро танҳо ба ақидаи ислом боло бурда, тамоми мусулмононро ҳамчун террорист муаррифӣ мекунанд, мавқеи мухолифати фаъол ба ҷонибдорони консепсияи «бархӯрди тамаддунҳо» - ро ташаккул медиҳад. Аз

[1] Великий Аятолла Имам Хомейни. Завещение. - М., 1993. – С. 53
[2] Медведко Л.И. Россия, Запад, Ислам: «Столкновение цвилизаций»? [Текст] / Л.И. Медведко. – М., 2003. – С. 10.

ин хотир сиёсишавии дин аз ҷумла исломи сиёсигашта дар заминаи татбиқи доктринаи «бархӯрди тамаддунҳо» метавонад ҷоннок гардад.

Ҳамин тариқ, омилҳои хориҷӣ ва ё худ сабабҳои берунии сиёсишавии дин дар ин раванд бештар таъсир мерасонанд. Онҳо аз таъсиррасонии давлатҳои абарқудрат ва манфиатдор оғоз гардида, то шаклгирии фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои динии радикалӣ, созмонҳои муташаккили ҷиноии динӣ, татбиқи равандҳои сиёсии минтақавию байниминтақавӣ ва глобалӣ, ба монанди либераликунонӣ, демократикунонӣ, секуляризатсияи ҳаёти ҷамъиятӣ дар қолабҳои ғарбӣ ва амрикоӣ, татбиқи равандҳои модернизатсионии махсусгардонидашуда, раванди глобализатсионӣ, шаклгирии моҷароҳои дохилидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалии динӣ ва воқеият пайдо намудани раванди бархӯрди тамаддунҳоро дар бар мегиранд.

# БОБИ 2. СИЁСИШАВИИ ДИН ВА ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИММИ ОН ДАР МАРҲИЛАИ ИМРӮЗАИ ИНКИШОФИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Омилҳои иҷтимоӣ-сиёсии сиёсишавии дин дар ҷомеаи Тоҷикистон

Замони муосир масъалаҳои мураккаби инкишофро дар назди давлатҳо ва ҷомеаҳои миллӣ пеш мегузорад. Ҳалли онҳо барои рушди устувори минбаъдаи давлат имконият фароҳам меоварад ва ҳал накардани буҳронҳои инкишоф хоҳ нохоҳ омили аз байн рафтани ягонагӣ, устуворӣ ва рушди мутаносиби давлатҳо мегарданд. Чунин тавсифи мураккабии раванди рушди давлат дар шароити муосир хоси Тоҷикистон низ мебошад. Сиёсишавии дин дар шароите, ки буҳрони умумиҷаҳонӣ ва мушкилоти ҷомеаҳои миллӣ эътироф мегардад, барои Тоҷикистон низ бетаъсир намемонад. Ин зуҳурот ба кишвари мо низ дар шаклҳои гуногун таъсир мерасонад.

Тоҷикистон давлатест дар минтақаи Осиёи Марказӣ. Он таърихи мустақилияти сиёсии 32-сола дорад. Дар заминаи ҶШС Тоҷикистон ва баробари аз байн рафтани ИҶШС истиқлолияти худро соҳиб гардид. Суқути Иттиҳоди Шӯравӣ вазъи геополитикии минтақаро тағйир дод. Эъломияи истиқлолияти давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки дар асосҳои таърихӣ – объективӣ ба даст оварда шуд, аз элитаи ҳукмрон барои қонунӣ гардонидани мавқеи онҳо, нигоҳ доштани қобилияти иқтисодиёт ва сохти иҷтимоӣ, инчунин иваз намудани идеологияи коммунистӣ ба идеологияи миллӣ як қатор тадбирҳоро талаб мекард. Ғайр аз ин, мавқеи онҳоро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва тақсимоти байналхалқии меҳнат муайян кардан лозим буд.

Пеш аз ҳама, ба сарварони гурӯҳҳои мухталифе, ки сиёсати миллиро баранда буданд, лозим омад, ки байни дигаргуногуниҳои сиёсӣ ба бартарии асосҳои сиёсиву қудратии умумимиллӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Ин неруҳои миллӣ меъёрҳои зикргардидаро авлотар дониста, тафовутҳои қавмӣ, этникӣ

ва маҳаллиро ба ҳадди ақал кам карда, ба ҷои он арзишҳои ватандӯстӣ, ҳисси шаҳрвандӣ, садоқат ба миллат ва садоқат ба давлатро таблиғ карданд. Ҳамзамон мақсади онҳо ҳалли мушкилоти марбут ба раванди душвори гузаштан ба иқтисоди бозаргонӣ ва демократикониро самаранок гардонидан буд.

Ба эътиқоди теъдоде аз пажӯҳишгарони ғарбӣ, ҳокимони кишварҳои пасошӯравии минтақа, ки бо интихоби миёни мавқеъҳои «миллат зидди демократия» ё «миллат бо демократия» рӯ ба рӯ шуда буданд, бидуни бартарият ба ин мавқеъ аввалро интихоб кардаанд[1].

Ин интихоб асосан идеологияи миллатчигиро пешакӣ муайян кард. Тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон худро давлати дунявӣ эълон карда, кушиш мекарданд, ки динро аз давлат ҷудо кунанд. Дин, ки тули солҳои авҷи раванди секуляризатсияи шуравӣ ба сиёсат дахолат намекард, заиф гардидани қудрати сиёсии шуравиро имконияти ба саҳнаи сиёсат ворид гардидан эътироф намуд. Аз ин рӯ, ислом аз имкони дахолати расман ба ҳаёти сиёсии ҷомеа истифода намуд. Аммо он аз ҷониби роҳбарияти ҷумҳуриҳои соҳибистиқлоли Осиёи Марказӣ ҳамчун вазъияти сиёсӣ ва яке аз воситаҳои эҷоди институти миллӣ – сиёсии нав, бунёди давлати мустақил фаъолона истифода мешуд.

Дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ донишгоҳҳои динӣ - исломӣ кушода шуда, ҷашнҳо ва маросимҳои динӣ пайдо шуданд. Дар баробари ин, чунин ташаббус аз ҷониби ҳукумат расмӣ гардонида шуд.

Дар соли 1991 Идораи рӯҳонии мусулмонони Мовароуннаҳр, ки аз Раёсати динии мусулмонони Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон бозсозӣ шуда буд, аз фаъолият бозмонд ва ба муфтиёти мустақил дар Қирғизистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Тоҷикистон пароканда шуд. Қариб ҳамаи онҳо ба мазҳаби ҳанафӣ, ки барои минтақа анъанавӣ буд,

---

[1] Landau Jacob M., Kellner-Heinkele Barbara. Politics of Language in the exSoviet Muslim States.Azerbaijan, Uzbekistan, Kazakhstan, Kyrgyzstan, Turkmenistan and Tajikistan. – London: Horst and Company, 2001. – P.29.

пайравӣ намуда, ба ҳукуматдорон (ғайр аз Тоҷикистон) садоқат зоҳир мекарданд[1].

Дар баробари ин, ислом парчами он неруҳое гардид, ки ба роҳи алтернативии рушд ба сӯи раҳбарияти баргузидаи ин кишварҳо, ки бо исломикунии давлат алоқаманд буданд, баромад. Инак, дар аввали солҳои 90-ум дар Осиёи Марказӣ созмонҳои сиёсии радикалии исломӣ пайдо шуданд. Онҳо тақвияти раванди сиёсишавии динро метезониданд.

Дар ибтидо таблиғи ғояҳои исломи радикалӣ аз ҷониби мубаллиғони хориҷӣ, ки ба шаҳрҳои водии Фарғона ва баъдан ба дигар манотиқи минтақаи Осиёи Марказӣ, махсусан Тоҷикистон равона шуданд, фаъолона мусоидат карданд. Раҳбарон ва фаъолони аввалин созмонҳои исломӣ ба анъанаи исломи ғайрирасмӣ такя мекарданд. Қариб ҳамаи онҳо шогирдони устодону имом-хатибон ва уламои исломии Осиёи Марказӣ буданд, ки дар замони шӯравӣ пинҳонӣ фаъолият мекарданд – Ҳиндустонӣ, Махсумӣ, Раҳматуллоҳи қорӣ ва ғайра. Руҳониёни тундгаро тавонистанд як қатор масҷидҳоро зери назорат гиранд ва таблиғи густурдаи ғояҳои радикализми исломиро ба роҳ монанд.

Дар Тоҷикистон Ҳизби наҳзати исломӣ (ҲНИ) таъсис ёфт. Аз аввали солҳои 90-ум дар Осиёи Миёна созмони дигаре ба фаъолият шуруъ кард, ки як шохаи ҳизби фаромиллии Ҳизб-ут-Таҳрири Исломӣ (ҲТИ) буд, ки таъсиси хилофати исломиро вазифаи асосии худ қарор додааст.

Дар ин давра гурӯҳҳои ҷавонони мусулмон, ки аз навиштаҳои идеологҳои исломӣ ба мисли Абу-л-Ало Маудудии покистонӣ ва Сайиди Қутби Миср, тавассути маъвизаҳои имомони радикалии маҳаллӣ илҳом гирифта буданд, дар ибтидо дар атрофи мафҳуми «Муслимобод» гирди ҳам омаданд. Муаллифи он Раҳматуллоқорӣ буда, принсипҳои зеринро ба миён гузоштааст[2]:

---

[1] Ниг.: Белоглазов А.В. Влияние ислама на политические процессы в Центральной Азии: учеб. Пособие. – Казань: Казан. ун-т, 2013.- С. 123.

[2] Ниг.: Наумкин В.В. Радикализация ислама в Центральной Азии [Электронный ресурс]. – URL: http://www.islamica.ru/islamism/?uid=97 (дата обращения: 27.06.2021 г.)

1. Осиёи Марказӣ ба ҷаҳони ислом тааллуқ дорад ва қаламрави ягонаест, ки дар он ислом бартарӣ дорад;

2. Муносибати байни афродро шариат муайян мекунад;

3. Тамоми мардум дар ин қаламрав ба Худо имон доранд ва аз ҷониби уламои босавод идора мешаванд.

Чунон ки Раҳматуллоқорӣ тасаввур мекард, «Мусулмонобод» муттаҳид шудани давлатҳои гуногуни мустақили дар паҳлуи ҳамдигар воқеъгардидаро дошт. Идеяи Муслимобод бо консепсияи Хилофати ҲТИ баъзе шабоҳатҳо нишон дод, аммо он хеле аморфӣ буд ва даъвои консепсияи мустақили сиёсӣ шуданро надошт. Баръакс, он як навъ истиноди умумии пайравони исломи сиёсии Осиёи Миёна буд.

Таҳлил ва муайянкунии омилҳои сиёсию таърихии сиёсишавии дин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногунҷабҳа ва мурраккаб ба ҳисоб меравад. Вобаста ба доираи таъсиррасонӣ ва мавзеи таъсиррасонӣ ба раванди сиёсишавии дин дар Тоҷикистон омилҳои дохилӣ ва хориҷиро метавон муайян намуд. Аксаран сиёсишавии динро дар ҳудудҳои давлатҳои мусулмоннишин ба радикализатсияи исломӣ барбармаъно ва ҳамшабеҳ медонанд. Раванди радикалӣ шудани фаъолияти диндорон ва ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ як навъ раванди сиёсишавии дин эътироф шудааст, ки ин навъ эътирофнамоиҳо ба сиёсишавии дин баҳои мусбат намедиҳад. Он ҳамчун раванди манфии халалдорсозандаи амният, суботи давлат ва ҷомеаҳои миллӣ, аз ҷумла суботи Тоҷикистони муосири соҳибистиқлол мегардад.

Ибтидои солҳои истиқлолияти Тоҷикистон раванди сиёсишавии дин, ки онро ба маҷрои моҷарои сиёсӣ кашид, мушкилотро барои дурнамои рушд ва ҳаёти мутаносиби низоми ҷамъиятӣ эҷод намуд. Дастгирии мунтазами исломгароён аз хориҷи кишвар, инчунин таъсири вазъи Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ, ки дар он ҷо фаъолияти радикалҳои исломӣ дар ҷаҳони араб шиддат гирифтааст, дар ибтидо аҳамияти бузург дошт. Дар баробари ин, давлатҳои Ховари Миёна низ таъсири бузург доштанд, бахусус Афғонистон,

ки дар он ҷо пирӯзии ҷунбиши Толибон заминаи мусоид барои афзоиши эҳсосоти радикалии исломгароӣ дар Тоҷикистонро фароҳам овард.

Паҳн шудани нуфузи исломгароён дар Осиёи Миёна, ки ба ҷомеаи мусулмони Тоҷикистон таъсир расонид, бештар аз он сабаб буд, ки ҷунбишҳои онҳо ҳамчун ҷунбишҳои табиии мусулмонӣ дар шароити минтақа, асосан ҷунбиши ҷавонон, ки аз мавқеи конформистии рӯҳониёни расмӣ норозӣ буданд, ба вуҷуд омадаанд ва як навъ ҳимояи манфиатҳои ислом ва мусулмонон буд[1].

Яке аз сабабҳои сиёсӣ шудани ислом дар Тоҷикистон сохтори сермиллати аҳолии он буд. Баъди аз байн рафтани идеологияи интернатсионализми пролетарӣ ва сиёсати дахлдори миллӣ, ки манфиатҳои миллатҳои алоҳидаи ИҶШС-ро ба ҳам мутобиқ мекард, ҷамъиятҳои давлатҳои нав ба нави мустақил бе танзимгари муҳими иҷтимоӣ монданд. Дар чунин шароит мафкураи исломӣ, ки одамонро аз рӯи мансубият ҷудо намекунад, дар ҷумҳуриҳои мусулмонии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон ҳамчун қувваи муттаҳидкунанда баромад мекард.

Омили таърихию ҷуғрофӣ низ ба сиёсишавии дин таъсир мерасонад. Омили динӣ ба халқҳои муқимӣ назар ба мардуми бодиянишин бештар таъсир дошт. Дар рафти тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ як қатор ба ҷумҳуриҳои гуногун дода шуданд. Ҳамин тариқ, водии Фарғона байни Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон тақсим шуд, водии Шош (Ташкент) ба ҳайати Ӯзбекистону Қазоқистон ва Мовароуннаҳр ба Туркманистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дохил шуд. Маҳз дар ҳамин тақсимоти ҷуғрофӣ ва маъмурӣ-ҳудудӣ равандҳои пуршиддати наҳзати исломӣ ва фаъолшавии сиёсии ислом ба амал омаданд[2].

Ба андешаи бархе аз пажӯҳишгарон, дар таҳкими сиёсишавии дин ё исломи радикалӣ низои сиёсӣ-динии наслҳо мушоҳида мешавад. Воқеан,

---

[1] Ниг.: Лукоянов А.П. Игры в ваххабизм [Текст] А.П. Лукоянов // Ислам и политика (взаимодействие ислама и политики в странах Ближнего и Среднего Востока, на Кавказе и в Центральной Азии. – М.: Институт востоковедения РАН, 2001. –С.104.

[2] Ниг.: Абазов Р.Ф. Исламское возрождение в центральноазиатских новых независимых государствах [Текст] / Р.Ф. Абазов // Полис. – 1995. – № 5. – С.61-67.

аксари аъзои гурӯҳҳои ифротӣ ҷавононе ҳастанд, ки бар зидди рӯҳониёни куҳнаи расмӣ ва болотарин тариқатҳои сӯфӣ эътироз мекунанд.[1]

Далели дигари радикалӣ шудани исломи сиёсиро дар надоштани таҷрибаи консенсус ё худ дар надоштани қобилияти боваркунонии сиёсӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Гап дар сари он аст, ки мақомот дар аксар маврид ба созмонҳо ва ҷунбишҳои исломи сиёсӣ бо нобоварӣ ва тарс муносибат карда, натавонистанд муколамаи созандаро пеш баранд. Ба ин кирдорҳои роҳбарони ин ташкилотҳо, ки аз имкониятҳои нав сархуш шуда, ташаббус нишон додан намехостанд, низ мусоидат кард.

Ба гуфтаи коршиносони рус, ҳоло дар Осиёи Марказӣ аз ҷумла дар Тоҷикистон насли нави созмонҳои радикалии исломӣ ташаккул ёфтааст, ки вижагиҳои онҳо чунинанд[2]:

а) фаъолияти таблиғотии динӣ дар интернет;

б) фирефтаи риторикӣ намудани намояндагони сохторҳои қудратии умумиҷумҳуриявӣ ва минтақавию маҳаллӣ;

в) таваҷҷуҳ ба кор дар сохторҳои динии анъанавӣ (маҳалла) бо ташаккули доираи динии маҳаллӣ, ки аз 5-6 нафар иборат аст;

г) тарғиби ғояҳои баробарии иҷтимоӣ («сотсиализми исломӣ»).

Бо ҷамъбасти мавқеъгириҳои муҳаққиқони мухталиф, ки омилҳои асосии сиёсишавии динро дар шакли радикализатсияи сиёсӣ пешниҳод намудаанд, барои Тоҷикистон метавон сабабҳои таҳким ва афзоиши нуфузи сиёсишавии динро ҳамчун исломи радикалӣ зикр кард:

- ба эътибор нагирифтани адолат ва адолатхоҳӣ, ки яке аз арзишҳои муҳими дини ислом аст. Ҳаёти воқеӣ ва арзишҳои диниро муқоиса карда, исломгароён имкон пайдо карданд, ки аз номи арзишҳои таҳқиршудаи дин ҳарф зананд ва дар саҳнаи сиёсӣ онҳоро ҳимоя намоянд. Ҳадафҳои сиёсии

[1] Ниг.: Бибикова О. «Ваххабизм» в СНГ [Текст] / О. Бибикова // Ислам и политика (взаимодействие ислама и политики в странах Ближнего и Среднего Востока, на Кавказе и в Центральной Азии. –М., 2003. –С.88-89.

[2] Ниг.: Звягельская И.Д. Исламское возрождение в Центральной Азии: причины и игроки [Текст] / И.Д. Звягельская // Исламский фактор в истории и современности. – М.: Восточная литература, 2011. – С.483.

исломгароён бо талаби риояи меъёрҳо ва арзишҳои динӣ фаро гирифта шуданд;

- бӯҳрон дар шуури ҷамъиятӣ. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳукуматҳои нави миллӣ умеди мардумро ба ояндаи «демократияи миллӣ» равшан нагардониданд ва демократияро мардум аз призмаи фарҳанги ғарбӣ, ки бӯҳрони ахлоқ ва меъёрҳои ахлоқиро аз сар мегузаронд ва ба ҷомеаи тоҷикистонӣ ин навъ буҳрон таҳмил мешавад, дарк мекарданд. Ҳолати дигар ба вуҷуд омадани холигии идеологӣ мебошад. Барои Тоҷикистон ин омил дар сиёсишавии дин бештар таъсир расонид. Ноуҳдабароии сохторҳои сиёсӣ ва қудратие, ки дар солҳои охири ҳукумати Шуравӣ дар ҷумҳурӣ барандаи сиёсӣ буданд, масъаларо ҷиддӣ нагирифта, масъулиятро барои эҷоди арзишҳои миллӣ ва ғояҳои идеологияи мустақили миллӣ эҳсос накарданд. Эҳсоскунии чунин вазъият ва масъулият аз ҷониби ҳукумати нав, ки дар натиҷаи баргузории Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шакл гирифт, ба вуҷуд омад. Аммо хело дер шуда буд. Аллакай Тоҷикистон ба коми оташи ҷанги шаҳрвандӣ, ки дар он нақши динигароён дар сиёсат ва раванди сиёсӣ ҷоннок ва таъсиргузор буд;

- дастгирие, ки исломгароён мунтазам аз хориҷ ба даст меоранд ва бо талаби давлатҳои абарқудрати минтақа ва ҷаҳон иҷроиши супоришҳои онҳоро, ки дар раванди сиёсишавии дин воқеӣ мегардад, ба амал мебароранд. Исломгароён пуштибонии сиёсиро аз тарафи давлатҳои манфиатдор, ташкилотҳо ва созмонҳои минтақавӣ ва динии ҷаҳони радикалӣ эҳсос намуда, ҳамчун субъекти бевосита ба раванди сиёсишавии дин ворид мегарданд ва тасаввур мекунанд, ки шаклгирии чунин манзараи сиёсӣ ба бурди онҳо ва ҷомеаи миллие, ки ба онҳо тааллуқ дорад, мебошад. Аммо чунин нест. Неруҳҳо ва субъектони хориҷӣ барои қонеъ гардонидани талаботу манфиатҳои худашон чунин сармоягузорӣ ва дастгириҳои гуногунро мекунанд. Чун ки дар сиёсат дуст ва душмани доимӣ вуҷуд надорад. Тамоми муносибатҳо ва додугирифтҳо дар асоси манфиатҳо сурат

мегирад чунин консепсияи амали субъектони хориҷӣ аз ҷониби исломгароён ва динигароёни дохилӣ дар карда намешавад.

- «омили афғонӣ» низ ба сифати омили сиёсишавии дин дар Тоҷикистон баромд карда метавонад. Дар Афғонистон нуфузи бузург доштани ҷунбиши Толибон барои афзоиши эҳсосоти радикалии исломгарой дар давлатҳои ҳамсояи он заминаи мусоид мегардад[1]. «Албатта, дар чунин шароит яке аз омилҳои дигари хориҷӣ, ки боиси тақвият пайдо кардани раванди сиёсишавии ислом мегардад, ин низоъҳои мусаллаҳонаи … давлатҳои ҳамсоя мебошад. Барои мисол, низои мусаллаҳонаи Афғонистон ба раванди сиёсишавии ислом таъсир расонида, тундгароёни исломиро дар минтақаи Осиёи Марказӣ рӯҳбаланд намудааст. Низои Афғонистон, ба кишварҳои исломию ғайриисломӣ имкон додаанд, ки ба раванди сиёсишавии дин дар ин мамлакат таъсиррасонӣ намоянд. Натиҷаи чунин равандро, пеш аз ҳама, кишварҳои ҳамсоя дар шакли зуҳури экстремизми динию сиёсӣ, паҳн гардидани маводи мухаддир, паҳн гардидани яроқу аслиҳа, ворид шудани гурӯҳҳои экстремистию террористӣ ба минтақаи Осиёи Марказӣ эҳсос намудаанд ва бо онҳо рӯ ба рӯ гардидаанд...»[2];

- омили таърихӣ ва ҷуғрофӣ. Ҳудудҳои Тоҷикистон ва умуман ҳудудҳои минтақаи Осиёи Марказӣ асосан ба геополитикаи исломӣ дохил мегарданд. Аз тарафи дигар ин ҳудудҳо ҷуғрофияи таърихии ислом эътироф мешаванд ва дар давоми Асрҳои Миёна маркази илм ва фарҳангу тамаддуни исломӣ баромад намудаанд. Чунин хосияти тарихӣ-ҷуғрофии минтақа ва Тоҷикистон дар шаоити глобаликунонӣ, модернизатсионӣ ва секуляризатсияи типи ғарбӣ омили асосии сиёсишавии дин мегардад. Исломгароёни минтақаи Осиёи Марказӣ чунин хосияти таърихӣ ва тамаддуниву динӣ доштани ҳудудҳои зикргардидаи географиро фаромӯш намекунанд ва намехоҳанд, ки чунин таърих аз ҷониби наслҳои оянда фаромуш гардад. Ҳукуматҳои миллӣ

---

[1] Нуридинова, К.Х. Радикализация ислама как угроза безопасности Центральной Азии [Электронный ресурс] URL: https://www.elibrary.ru/download/elibrary_43088900_21547677.pdf (дата обращения: 24.09.2021 г.)

[2] Казанцев, А.А. Проблема роста исламского радикализма в странах Центральной Азии [Текст] / А.А. Казанцев // Международная аналитика. – 2016. – № 3 (17). – С. 97-111.

барномаҳои нигоҳ доштани асолати таърихиро бо шиорҳои нигоҳ доштани асолати миллӣ – таърихӣ, фарҳанги миллӣ, тамаддуни миллӣ ироа мекунанд. Дар рафти тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ ин минтақа тақсим карда шуд ва ба ихтиёри ҷумҳуриҳои гуногун дода шуданд. Маҳз дар ҳамин ҳавзаҳои ҷуғрофӣ ва маъмурӣ-ҳудудӣ ҷараёнҳои пуршиддати наҳзати исломӣ ва фаъолшавии сиёсии ислом сурат гирифт;

- ихтилофи мазҳабӣ ва наслҳо. Пайдоиши ҷараёнҳои ғоявию идеологии гуногун дар таркиби ислом ва ба муборизаи сиёсӣ бархостани онҳо сиёсишавии динро метезонад. Сабаб дар он аст, ки яке вобаста ба низоми ақидатӣ дигареро эътироф намекунад. Масалан, аҳли ҷомеаи салафизму ваҳобизми навшаклгирифта мазҳабҳои дигарро эътироф намекунанд. Ғайр аз ин, аксари аъзои гурӯҳҳои ифротӣ ҷавононе мебошанд, ки бар зидди рӯҳониёни куҳнаи расмӣ эътироз мекунанд;

- номумкин ва ғайриимкон гардидани муколамаи созанда бо созмонҳо ва ҳаракатҳои исломи сиёсӣ.

Омилҳои дигареро метавон дар шароити Тоҷикистон ҳамчун омили таъсиррасон дар ташаккули раванди сиёсишавии дин эътироф намуд. Чуноне, ки дар боло қайд намудем, Тоҷикистон аз диди геополитикӣ ба ҳавзаи ягонаи тамаддуни исломӣ дохил мешавад. Ба андешаи С. Хантингтон, бархӯрди тамаддунҳо махсусияти таърихӣ дорад. Дар замонҳои мухталиф тамаддуни ғарбӣ ба тамаддуни шарқӣ бархӯрд кардаанд. Аз асрҳои XVII – XVIII инҷониб руёруии тамаддунҳо бо ғолибияти арзишҳо ва осорҳову меъёрҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодиву фарҳангӣ ва маънавию ахлоқии тамаддуни ғарбӣ ба назар мерасад. Чунин шакл гирифтани воқеияти сиёсӣ – ҷамъиятӣ барои Тоҷикистони имрӯза низ таъсир мерасонад. Яъне, дар раванди сиёсишавии дин равандҳои модернизатсия, глобализатсия, секуляризатсия, демократизатсияи типи ғарбӣ, либераликунонии тамоми муносибатҳо бе ба инобат гирифтани арзишҳо ва осорҳои милливу тамаддунӣ ҳамчун омили бавуҷудоваранда баромад мекунанд. «Яке аз сабабҳои дигари сиёсишавии дин аз равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷаҳонӣ вобаста мебошад. Махсусан, дар

ин раванд ҷаҳонишавӣ низ таъсири амиқ мерасонад. Рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои Ғарб ва кишварҳои ғайримусулмонӣ боиси он мегардад, ки дар ҷомеаҳои мусулмонии Шарқ таҷрибаи пешрафтаи онҳо мавриди истифода қарор дода шавад.

Дар раванди модернизатсияи иҷтимоию иқтисодӣ як қатор арзишҳои ғарбӣ вориди мамлакат гардида, аз ҷониби аҳолии ҷомеаҳои мусулмонӣ қабул мегарданд. Чунин ҳолатро рӯҳониёни фаъол ҳамчун таҳдид ба дину оин тасаввур намуда, муборизаи худро дар шаклҳои гуногун оғоз менамоянд ва ҳатто дар баъзе аз мавридҳо роҳи наҷотро танҳо бо роҳи ба даст овардани ҳокимият ҳал кардан мехоҳанд, ки ин раванди ба саҳнаи сиёсӣ ворид гардидани онҳо мебошад»[1]. «Қабул гардидани арзишҳои ғарбӣ аз ҷониби мусулмонони шарқӣ барои рӯҳониёни фаъол зарбаи ҷонкоҳ расонида, миқёси фаъолиятҳои иртиҷоии онҳоро васеъ мегардонад ва ҳатто барои ба амал баровардани идеологияи ҷиҳод заминагузорӣ менамоянд. Чунин шиддати мазҳабӣ ва динию экстремистӣ баъди аз байн рафтани тавозуни нобаробари иҷтимоию иқтисодии Шарқу Ғарб оҳиста-оҳиста аз байн меравад»[2]. Анъанаи дуру дарози мухолифат ба Ғарб, ки дар тӯли солҳо суст нашуда ва ҳатто дар давраи мустамликавӣ ва пас аз мустамликавӣ то ба шароити муосири имрӯза мустаҳкам шудааст, метавонад омили асосии сиёсишавии дин дар шароити Тоҷикистони муосир гардад. Тибқи муқаррароти моддаи 1 Конститутсияи кишвар Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявист, ки бо эълони дунявият маҳдудияти фаъолияти сиёсӣ ва ҳукуматталабии ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои динӣ ба амал бароварда мешавад[3]. Дар шароити рушд ва инкишофи Тоҷикистон масъалаи интихоби тарҳ ва модели инкишоф мураккаб ба назар мерасад. Дар инкишофи модернизатсия барои Тоҷикистон зарурати махсусгардонӣ ва ё миллигардонии тарҳи инкишоф ҳатмист, ки он

[1] Кулешова, Н.С. Исламский радикализм как фактор дестабилизации мировой политической ситуации [Текст] / Н.С. Кудратов // Вестник Московского государственного областного университета. Серия: История и политические науки. – 2018. – № 3. – С. 153-160.
[2] Ёвкочев, Ш. Ислам и политика. Учебное пособие [Текст] / Ш. Ёвкочев. –Ташкент: ТашГИВ, 2010. – С.56.
[3] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Моддаҳои 1 ва 8. – Душанбе, 2016. – С.3-5.

метавонад бухрони модернизатсионӣ ва бунбасти инкишофро аз байн барад. Нусхабардории қолабии тарҳи модернизатсионӣ барои Тоҷикистон ва ҷомеаи сунатии он чандон мувофиқат намекунад. Он метавонад зиддият ва мухолифатҳоро даҳчанд гардонад. Раванди сиёсишавии динро дар шароити Тоҷикистон тақвият диҳад, ба радикалишавӣ ва исломи радикалӣ мусоидат кунад.

Солҳои охир мушоҳида мешавад, ки кушиши давлату ҳукумати Тоҷикистон низ баҳри мувофиқ ва махсус гардонидани тарҳи инкишофи муосир ва модернизатсионӣ равона карда шудааст. Модернизатсияи бемайлон низ аз тарафи давлату ҳукумати кишвар дарк мешавад, ки оқибат ба нобудии фарҳанг ва тамаддуни миллӣ оварда мерасонад. Сиёсати релятивизми фарҳангиву сиёсӣ аз тарафи давлату ҳукумати кишвар мисоли пешгирии чунин майлони беқолаб ва беисти модернизатсия ва глобализатсия мебошад. Эълони соли 2018 ва давоми солҳои 2019 – 2021 «Соли рушди сайёҳӣ, деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ» ба тақвияти чунин сиёсат мусоидат мекунад. Релятивизми сиёсиву фарҳангие, ки давлату ҳукумати кишвар пеша гирифтааст, ҳамчун омил дар раванди сиёсишавии дин баромад намекунад. Он танҳо сиёсатест, ки ҳифз ва нигоҳдошту шиносонидани таъриху тумаддуни тоҷиконро дар арсаи байнадмилалӣ ба сомон мерасонад.

Омили дигари сиёсишавии дин аз диди сиёсӣ ин дар асоси принсипи миллият шакл гирифтани тамоми муносибатҳо ва барномаҳои рушди стратегии кишвар мебошанд. Ҳолати мазкур танҳо хоси Тоҷикистон набуда, баъд аз шартномаи сулҳи Вестфал дар таърихи 1648-ум сол чунин муносибат ба ҳамаи давлатҳои муосир дахл дорад. Динҳо муносибатеро, ки дар асоси принсипи миллият ба роҳ монда мешавад қабул надоранд, чун дар дин, махсусан дар ислом меъёр ва мансубияти «миллӣ» эътироф намешавад. Танҳо ба мансубияти эътиқодӣ диққат дода мешавад. Норозигии тундгароёни исломӣ аз сиёсати давлатҳои дунявӣ ва тамоюлоти сотсиалистии онҳо, ки натавонистаанд бо шиддати мушкилоти замони муосир дар кишварҳои исломӣ мубориза баранд, сабаби сиёсишавии дин гардидааст. Дар зеҳни

диндорон рад кардани ҳар чизе, ки бо таҷрибаи миллатгароёни дунявӣ алоқаманд буд, яъне, моделҳои маъмурӣ, ҳуқуқӣ, идеологияи ғарбӣ, аз ҷумла сотсиализм, либерализм, ғояҳои демократӣ, ки гӯё «идеологияҳои воридотӣ» мебошанд, рад карда шуданд. Дар Тоҷикистон низ солҳои аввали истиқлолият чунин манзара ҳукмфармо буд. Раванди сиёсишавии дин ва мақоми сиёсиву ҳизбӣ пайдо кардани неруҳои динӣ баъди мавқеи пешбарро аз даст додани ҳизби коммунистӣ ва идеологияи коммунистӣ буд. Буҳрони сиёсӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ имконияти ба саҳнаи сиёсӣ баромадани неруҳои динӣ гардид. Онҳо кушиш мекарданд, ки фурсати бамиёномадаро дар ҳеҷ маврид аз даст надиҳанд ва дар натиҷа Тоҷикистни ҷавони тозаистиқлол ба коми моҷаро кашида шуд ва дар ягон марҳилаи таърихӣ хукмфармоии чунин вазъиятро наслҳои оянда мусбат баҳо нахоҳанд дод.

Омили дигари сиёсишавии дин дар шароити Тоҷикистони муосир аз таъсиррасонии ғоявию идеологӣ вобастагии калон дорад. Шаклгирии раванди таблиғоти иттилоотӣ ҳам дар фазои воқеӣ ва ҳам дар фазои маҷозии назоратнашавандаву идоранашаванда метавонад ба сиёсишавии дин оварда расонад. Дар баъзан маъвизаҳо ва даъватҳое, ки аз ҷониби чи диндорони тоҷик ва чи диндорони миллатҳо ва ҳалқиятҳои дигар, ташкилотҳову созмонҳои ифротиву тундгаро паҳн мегардад, мушоҳида мешавад, ки ҷавонон ва табақаҳои гуногуни ҷомеаи тоҷикистониро ба муборизаи оштинопазири сиёсӣ даъват мекунанд. Аз чунин даъват мушоҳида мешавад, ки ҳимояи дин ва арзишҳои динӣ аз назари онҳо эътироф мегардад. Зуҳур ва паҳншавии босуръати ақидаҳои бунёдгароии исломӣ ҳамчун вокуниш ба «ғарбишавӣ»-и ҷомеаи мусулмонӣ, ҳарчанд маҳдуд бошад ҳам, ба сиёсишавии дин оварда мерасонад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои сиёсишавии дин паҳн гардидани идеологияи иртиҷоӣ ва тундагороёнаи диндорон ва руҳониён, таблиғи ғояҳои экстремистию террористии «исломизм» мебошад. Арзишҳои ғоявию идеологии мазкур аз ҷониби як қатор ниҳодҳои сиёсӣ, созмону ташкилотҳои иртиҷоӣ ва тундгаро, иттиҳодияҳо ва созмонҳои

экстремистии дорои характери динӣ тарғибу ташвиқ мегарданд. Онҳо ҳадафҳои сиёсӣ ва қудратӣ доранд, ки асосаш бо роҳи ғайриосоишта ва тадиду барангехтани моҷарои сиёсӣ ташкил намудани шакли ҳокимияти давлатии теократиро доранд. Мутаассифона, кам нестанд нафароне, ки аз ақидаи ифротии онҳо пайравӣ намуда, ба сафи онҳо мепайванданд. Чунин майлони ҳамроҳгардӣ ба сафи ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва тундгароёнаи террористӣ аз ҳисоби аҳолии ҷавони кишвар ба назар мерасад, ки барои Тоҷикистони ба сифати давлати миллӣ рушдёфта истода хавфи сиёсӣ дорад. Дар кишварҳои тозаистиқлоли Тоҷикистон фаъол гардидани таъсири чунин идеологияи экстремистӣ ва иртиҷоӣ бо як қатор омилҳо ва сабабҳо ба амл меояд:

- аввал сукути сиёсии идеологияи коммунистӣ, нуфузи сиёсиро аз даст додани системаи сиёсии сотсиалистӣ ва корношоям гардидани системаи таъмини амният;

- афзоиши худшиносии динӣ, ки дар заминаи аз байн рафтани маҳдудиятҳои догматикӣ ва сиёсии режими коммунистӣ ба вуҷуд омад, рӯ овардан ба таърих ва ниёгон, ки дар гузашта бо дини ислом робитаи зич доранд;

- бухронҳои иҷтимоию иқтисодие, ки дар давраи модернизатсионӣ ва гузариши як сохтори ҷамъиятӣ ба сохтори дигар ба амал омадаанд, ки онҳоро метавонем бухронҳои институтсионалӣ, идеологӣ, сохторӣ ва дар маҷмуъ модернизатсионӣ номем;

- ба таври руякӣ ва ғайриамиқу сатҳӣ шакл гирифтани маърифати динӣ ва худшиносии динии аҳолӣ. Пешрафти илмию техникиро ба тамаддун ва фарҳанги бегона нисбат додану истифода аз комёбиҳои илмӣ техникиро як навъ ҷурм ва ҷинояти динӣ таъриф кардани динддорон ва аз ин навъ прогресси илмӣ – техникӣ қафо мондани онҳо. Инчунин, майлу рағбати баъзе рӯҳониён низ ба шариати ислом дар равандҳои сиёсию иҷтимоӣ таъсиргузор аст. Дар чунин шароит ҳар куҷое, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ корношоям асту

талаботи одамонро қонеъ намесозад, ҷойи онро ҳуқуқи мусулмонӣ ва ақоиди шариат ишғол менамояд.

Яке аз омилҳои дигаре, ки дар зери таъсири он сиёсишавии дин дар шарои кишвари мо метавонад ба амал ояд, фаъолияти неруҳои динии тундгаро чӣ дар дохили кишавар ва чӣ дар ҳудудҳои наздик ба сарҳади мо ва дар давлатҳои ҳамсоя мебошад, ки мақсадашон ташкил намудани давлати теократӣ ва хилофати динӣ аст. Чунин неруҳои динию сиёсии радикалӣ ва экстремистиву террористӣ аз ҷониби давлатҳои гуногун ҷонибдорӣ карда мешаванд. Ба ибораи дигар, дастгирӣ намудани фаъолияти неруҳои динии тундгаро ҳамчун воситаи ҳимояи манфиатҳои миллии онҳо (масалан, таъсис ва ҷонибдории неруҳои динии радикалӣ аз ҷониби давлатҳои ғарбӣ) дониста мешавад. Айни замон як қатор неруҳои динии тундгаро аз ҷониби Арабистони Саудӣ, Эрон, Афғонистон, Покистон, Ироқ ва чанде аз дигар давлатҳо дастгирӣ меёбанд[1]. Инчунин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки як қатор кишварҳои ғайриисломӣ, махсусан абарқудратҳои ҷаҳон бо мақсади ҳимояи манфиатҳои геополитикии худ на танҳо неруҳои исломии тундгароро дастгирӣ менамоянд, балки дар минтақаҳои алоҳидаи олам низоъҳои мухталифро ташкил намуда, барои фаъолияти экстремистию террористии неруҳои мазкур шароити мусоид фароҳам месозанд. Масалан, дар геополитикаи классикӣ вобаста ба тасаввуроти харитавии масъалаи моҷарои сиёсӣ  Шарқи Наздик минтақаи моҷарост, ки аксаран дар дохили ин минтақа давлатҳои исломӣ ва кишварҳои мусулмоннишин шомиланд. Гуё ин назария назарияи сохташудаи субъективист ва бояд дар ин минтақаҳо ҷанг ва моҷаро доимӣ бошад, то бо истифода аз фурсати ғайримутаносибона шакл гирифтни фаъолияти окимияти давлатии давлатҳои ин минтақа, талаботу манфиатҳои сиёсӣ, геополитикӣ, иқтисодӣ ва тамаддунии давлатҳои абарқудрат қонеъ ва амалӣ мешуда бошад.

Дар шароити Тоҷикистон яке аз омилҳо ва сабабҳои таъсиррасоне, ки барои ба вуҷуд омадани раванди сиёсишавии дин мусоидат мекунад, ин

---

[1] Ниг.: Ёвкочев Ш. Ислам и политика [Текст] / Ш. Ёвкочев. – Ташкент: ТашГИВ, 2010. – С.64.

таъсиррасонии вазъияти номутаносиб ва моҷарогароёнаи хориҷӣ ва ҳавзаи тамаддуни исломӣ мебошад, ки бо дахолати кишварҳои манфиатхоҳ чунин фазои нооромии сиёсиро касб намудааст. Низоъҳои мусаллаҳонаи минтақаҳои наздик ва давлатҳои ҳамсоя яке аз омилҳои дигари хориҷиест, ки боиси тақвият пайдо кардани раванди сиёсишавии дин мегардад. Барои мисол, низои мусаллаҳонаи Афғонистон ба раванди сиёсишавии ислом таъсири ҷиддӣ расонид, ки дар боло онро ҳамчун «омили афғонӣ» ишора кардем.

Моҷароҳо ва вазъияти моҷарогароёнаву номутаносиби давлатҳои ҳамсоя ва минтақаи ба мо наздик тундгароёни динӣ ва террористону экстремистонро дар ҳудуди давлати мо метавонад рӯҳбаланд намояд ва ҳамчун воситаи таҳриккунанда барои рӯ овардани онҳо ба муборизаи сиёсии ғайриқонунӣ мусоидат кунад. Низоъҳои минтақавӣ, аз ҷумла низои Афғонистон, ба кишварҳои исломию ғайриисломӣ имкон додаанд, ки ба раванди сиёсишавии дин дар ин мамлакат таъсиррасонӣ намоянд. Натиҷаи чунин равандро, пеш аз ҳама, кишварҳои ҳамсоя дар шакли зуҳури экстремизми динию сиёсӣ, паҳн гардидани маводи мухаддир, паҳн гардидани яроқу аслиҳа, ворид шудани гурӯҳҳои экстремистию террористӣ ба минтақаи Осиёи Марказӣ эҳсос намудаанд ва бо онҳо рӯ ба рӯ гардидаанд[1].

Дар давоми солҳои охир олимон, муҳаққиқон ва коршиносони соҳаҳои илмӣ ва асосан мақомоти қудратӣ дар муносибат бо фаъолияти динии радикалӣ ва ифротиву канора як қатор мафҳумҳоро истифода менамоянд. Аз ҷумла, ифротгароии динию этникӣ, динию сиёсӣ, ташкилоти экстремистию террористӣ, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ ва ғ. ба онҳо мисол шуда метавонанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2003 Қонун «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» қабул гардидааст, ки дар он

[1] Файзуллоев Д. Радикализация ислама в постсоветской Центральной Азии [Электронный ресурс]. – URL: file:///C:/Users/compass/Downloads/radikalizatsiya-islama-v-postsovetskoy-tsentralnoy-azii.pdf (дата обращения: 20.10.2021 г.)

муаллифони қонун экстремизмро баҳои умумӣ дода, бо чи сабаб бошад, ки шаклҳои алоҳидаи экстремизмро нишон надодаанд[1].

Дар шароити кишвари мо сиёсишавии дин падидаи номутаносиби инкишофи сиёсӣ ва системаи сиёсии тоҷикистонӣ муаррифӣ мегардад. Махсусан, дар бораи сиёсишавии дин ҳамчун падидаи номатлуб ва дар бораи нишонаҳову оқибатҳои он ба таври мушаххас дар қонунгузорӣ муқаррарот дида намешавад. Аммо, дар мавриди ҳаракатҳо ва амалҳои ифротиву иртиҷоӣ ва ба зарари суботу амнияту манфиатҳои давлату миллати мо буданашон ишора мегардад. Бо назардошти чунин вазъият, хуб мебуд, ки дар қонунгузорӣ шаклҳои зоҳиршавии сиёсишавии дин ба таври мушаххас баён мешуданд ва дар атрофи сиёсишавии дин ҳамчун амали ифротӣ муқаррарот ҷойгир карда мешуд. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дониста мешавад ва дар минтақаи мазкур созмону ташкилотҳои экстремистию террористии дорои характери динӣ ба фаъолиятҳои пинҳонӣ машғул мебошанд. Бинобар ин, ба андешаи мо, ба амнияти миллӣ ва устувории сиёсии ҷомеа аз ҳама бештар таъсири омили динӣ ва сиёсишавии дин зиёд аст.

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар зери ниқоби сиёсишавии дин мубориза бурдан бо намояндагони дину мазҳабҳои гуногун, ҳадафмандона кӯшиши даст задан ба табаддулоти давлатӣ ва ғайриқонунӣ ғасб карда гирифтани ҳокимият амалҳои баде мебошанд, ки аз ҷониби барандагони ин раванд зоҳир мегарданд ва мутаассифона, дар ин раванди носолим қисме аз пайравони дину мазҳаби муайянро метавонанд ҷалб намоянд. Мундариҷаи фаъолияти ифротгароӣ, радикаливу канора ва махсусан экстремизми динӣ аллакай дар таркиби Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷиноятҳои вазнин ворид шудааст. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор амалҳои барои ҷомеа ва давлат хатарнок ҷойгир карда шудаанд, ки онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст: Моддаи 179.

---

[1] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мубориза бо экстремизм (ифротгароӣ) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., №1146.

«Терроризм», Моддаи 179.1 «Ҷалб кардан барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва ё мусоидати дигар барои содир намудани онҳо», Моддаи 179.2 «Маблағгузории ҷиноятҳои хусусияти террористидошта», Моддаи 179.3 «Даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва ё сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ», Моддаи 189 «Барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва ё динӣ», Моддаи 307 «Даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Моддаҳои 307.1-4 «Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ)», «Ташкили иттиҳоди экстремистӣ», «Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ», «Ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремистидошта»[1] амалҳо ва фаъолияти ғайриқонуние мебошанд, ки аз ҷониби радикалҳо ва тундгароёне, ки аз номи дин баромад намудаву, субъекти раванди сиёсикунонии дин эътироф шудаанд, ба амал бароварда мешаванд.

Ишора бар он намудан зарур аст, ки мутобиқи моддаҳои мазкур дар Тоҷикистон дар тӯли ду даҳсолаи охир фаъолияти шумораи зиёди созмонҳои экстремистию террористӣ, ки онҳо ба сифати субъект ва ё барандаи раванди сиёсишавии дин муаррифӣ шудаанд, мамнуъ эълон карда шудааст ва пайравони он пайваста ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешаванд.

Чигунае ки мушоҳида гардид, раванди сиёсишавии дин дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери таъсири омилҳои дохилию хориҷӣ ба амал меояд. Ин ҳолат ба раванди сиёсишавии дин дар минтақаи Осиёи Марказӣ, Осиё, кишварҳои мусулмоннишин, шаклгирии ҳокимияти давлатӣ дар шакли ҳокимияти теоркатӣ дар давлатҳои ҳамсоя ва мусулмоннишини дигар ва умуман ҷаҳон алоқаманд мебошад. Яъне ба он маъное, ки шаклгирии сиёсишавии дин дар Тоҷикистон аз омилҳои гуногуни хориҷӣ вобаста буда, зудҳаракатии он аз хислати зудҳаракатонаи неруҳо ва диндорони фаъоли

---

[1] Кодексии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кодекси амалкунанда // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонуни ҶТ аз 28.08.2017 с., №1467.

радикал алоқаманд мебошад. Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои 80-90-уми асри XX асосан ин раванд бештар шакл гирифта буд, ки намунаии олӣ ва бесобиқаи он дар Тоҷикистон ба амал омад[1]. Рушди нокифояи институтҳои демократӣ ва шакли номуташаккил гирифтани низоми иқтисодиву иҷтимоӣ боиси ба амал омадани як қатор омилҳои дохилии сиёсишавии дин гардиданд. Маълум аст, ки афзоиши таъсири бунёдгароии динӣ ва шаклҳои иртиҷоии он одатан дар он кишварҳое дида мешавад, ки ба бухронҳои амиқи иҷтимоию иқтисодӣ рӯ ба рӯ ҳастанд. Бухронҳои иқтисодӣ, сатҳи пасти зиндагӣ ва сатҳи баланди бекорӣ мушаввашхотирӣ ва норозигии оммаи мардумро ба вуҷуд меоранд. Дар чунин шароит рӯҳияи инсонбадбинӣ ба вуҷуд меояд, ки сарчашмаи асосии нигилизми ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мегардад. Чунин ҳолат барои гурӯҳҳои экстремистӣ имконият фароҳам оварда, рушди сиёсишавии диниро дар шакли радикалӣ ба вуҷуд меорад.

Муҳаққиқи ватанӣ З. Шарифзода қайд менамояд, ки омилҳои ба сафи ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ пайвастани ҷавонон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: якум, омилҳои маҷбуркунанда ва дуюм, омилҳои ҷалбкунанда. Ба андешаи муҳаққиқ, омилҳои маҷбуркунанда характери молиявӣ доранд. Бухронҳои иҷтимоию иқтисодӣ, бекорӣ ва камбизоатӣ раванди мазкурро метезонанд. Ба ақидаи З.Шарифзода одаме, ки ба хӯрок, пӯшок ва ҷойи хоб ниёз дораду онро қонеъ карда наметавонад, бо ду сабаб роҳи зӯровариро интихоб менамояд[2]: якум, ба он хотир, ки ӯ дар шароити мавҷудияти сатҳи баланди бекорӣ ва дар шароити бухронҳои иқтисодӣ ба таври қонунӣ ҷойи кори муносиб ва маоши муносиб пайдо карда наметавонад; дуюм, вақте ки ҷойи кор мавҷуд асту барои кор кардан баъзе одамон дониши кофӣ, тахассуси зарурӣ, таҷриба ва малакаи корӣ надоранд ва аз ин рӯ маҷбуранд, ки ба меҳнати вазнини ҷисмонӣ машғул гарданд. Омилҳои ҷалбкунанда ба раванди сиёсишавии дин ё содирнамоии ягон амали

---

[1] Ниг.: Шерматова С. Кто, с кем и за что воюет в Таджикистане [Текст] / С. Шерматова // Московские новости. – 1996. – № 6. 11-18 февраля.

[2] Ниг.: Шарифзода, З. Сотрудничество центрально-азиатских стран в противодействии международному терроризму [Текст] / З. Шарифзода // Известия Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова АН РТ. – 2016. – №4. – С.207.

террористӣ бошанд, характери идеологӣ ва таблиғотиву ташвиқотӣ доранд. Аксари гурӯҳҳои экстремистию террористӣ идеологияи худро дар заминаи меъёрҳои ахлоқӣ ташаккул медиҳанд, ки дар чунин шароит ба воситаи он на танҳо мақсадҳои сиёсии худро муайян менамоянд, балки дурустии истифодаи зӯровариро низ асоснок мекунанд. Ба ақидаи экстремистону террористон, истифодаи зӯроварӣ бар зидди сохторҳои фасодзадаи ҳокимияти давлатӣ, ки онҳо аз ҳисоби оммаи мардум бой гардида истодаанд, кори дуруст аст. Ҳамин тариқ, идеологҳои экстремизми динию сиёсӣ вазъияти мушкили иқтисодӣ, амалҳои коррупсионии мансабдорон, сатҳи пасти маълумотнокии динию дунявии шаҳрвандони мамлакатро ба манфиати худ истифода менамоянд[1].

Як қатор муҳаққиқон таъкид менамоянд, ки дар замони муосир дар ҳамаи кишварҳое, ки аксари аҳолиаш пайравони ин ва ё он дин мебошанд, оппозитсияи динӣ доранд ва баъзе аз неруҳои сиёсии мазкур характери иртиҷоӣ дошта, бо роҳи таъсиррасонии динию идеологӣ аҳолии мамлакат, махсусан қишри ҷавонро барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ ва ҳокимиятии худ истифода менамоянд. Барои амалӣ намудани ин ҳадаф неруҳои радикалӣ, тундгаро ва экстремистӣ манбаъҳои гуногуни молиявиро истифода менамоянд, то ки нақшаҳои ғасбгароёнаи худро дар амал татбиқ созанд. Дар ин раванд, яке аз омилҳои дигари сиёсишавии дини ислом муборизаи абарқудратҳои ҷаҳонӣ мебошад, ки барои ба даст овардани нуфузи сиёсӣ дар ин ё он минтақа манфиатҳои худро ҷустуҷӯ менамоянд. Давлатҳои тозаистиқлоле, ки дар маркази бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ ва геостратегии абарқудратҳо қарор мегиранд, ба майдони ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва озодиҳои демократӣ табдил меёбанд. Дар аксари ин давлатҳо ниҳоятан низоъҳои мусаллаҳона сар мезананд. Низоъҳои мусаллаҳонаи Афғонистон, Тоҷикистон, Чеченистон, Сурия, Ироқ ва ғ. ба

---

[1] Ниг.: Шарифзода, З. Сотрудничество центрально-азиатских стран в противодействии международному терроризму [Текст] / З. Шарифзода // Известия Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова АН РТ. – 2016. – №4. – С.207.

онҳо мисол шуда метавонанд, ки дар аксар маврид дар ниқоби дин ба амал омадаанд[1].

Ҳамин тариқ, сиёсишавии дин дар шароити Тоҷикистони муосир давоми солҳои охир масъалаи рӯзмарра ва баҳсноку мавриди таваҷҷуҳ ва омӯзишҳои илмӣ қарор гирифтааст. Чунин вазъият аз воқеияти ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ вобастагии калон дорад. Барои Тоҷикистон баррасии масъалаи мазкур, муайян кардани сабабҳо ва омилҳои бавуҷудой, таъсиррасонии он ба амният ва суботи кишвар аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Раванди сиёсишавии дин дар шароити давлати мо, дар шакли радикалӣ ва ифротиву терроризми динӣ ниқоб аз руи худ бардоштааст. Бинобар ин, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки неруҳо ва таъсиррасонии хориҷие, ки ба сиёсишавии дин дар шакли радикалӣ, террористиву ифротгарой мусоидат мекунанду аз шакл гирифтани чунин вазъият манфиатдор ҳастанд, бештар ба қишрҳои ниёзманди ҷомеа рӯ оварда, дар баъзе аз мавридҳо ба онҳо кумаки молӣ мерасонанд ва бо роҳҳои таблиғоти идеологиву ғоявии гуё «мубориза бар зидди беадолатӣ» ё «мубориза ба хотири адолату озодӣ» онҳоро ба ҷониби худ ҷалб менамоянд. Дар баробари омилҳои дохилӣ инчунин ба раванди сиёсишавии дин омилҳои хориҷӣ таъсиргузор мебошанд. Ба омилҳои хориҷӣ чунин ҳолатҳоро дохил намудан мумкин аст: рушди терроризм ва экстремизми байналмилалӣ, фаъол гардидани ташкилоту созмонҳои экстремистию террористии минтақавӣ ва байналмилалӣ, ноорромиҳои сиёсию иҷтимоӣ дар минтақа, ҳавзаи тамаддунии исломӣ ва кишварҳои ҳамсоя, низоъҳои мусаллаҳонаи динӣ, идеологияи радикалии динӣ, идеологияи ташкил намудани инқилоби динӣ ба хотири бунёди давлати теократӣ ва ғ.

[1] Пустошинская, О.С. Джихадистский терроризм как контрвласть: экспликация в логике коммуникативно-сетевой концепции М.Кастельса [Текст] / О.С. Пустошинская // Вестник Томского государственного университета. – 2019. –№51. –С.183-191.

## 2.2. Сиёсишавии дин ҳамчун омили пайдоиши гурӯҳҳои динӣ-экстремистӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон

Мураккаб гардидани инкишофи сиёсӣ дар шароити муосир аз якчанд омилҳо вобастагии калон дорад. Яке аз ин омилҳо ва сабабҳо ташаккули раванди сиёсишавии дин дар шакли радикалӣ ва ифротиву террористӣ мебошад, ки натиҷаи ниҳоии ин раванд ба номуташаккилона шакл гирифтани рушди устувори ҳар миллату давлат оварда мерасонад. Аксаран сиёсишавии дин дар фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳо ва неруҳои гуногуни динии радикалӣ ва террористиву экстремистӣ инъикос пайдо мекунад.

Дар замони ҳозира ташаккули ҳизбу ҳаракатҳои динии экстремистӣ масъалаи буҳронӣ ва мушкилоти ҳар ҷомеа аст. Чунин мураккабӣ хоси Тоҷикистон ва ҷомеаи тоҷикистонӣ низ ҳаст. Барои муайян намудани пайдоиши ҳизбу ҳаракатҳои динӣ ва ташаккули экстремизми динӣ дар ҳудудҳои Тоҷикистони имрӯза ҳолатҳои мушаххасеро ба назар гирифтан зарурияти ҳатмӣ дорад. Аз ҷумла:

- аҳамияти геополитикии Тоҷикистон, ки вобаста ба чунин ҳолат ва аҳамияти геополитикаи муосири тоҷик ҳизбу ҳаракатҳои динӣ, ҷараёнҳои экстремизми динӣ манфиатҳои давлатҳо, иттиҳоди давлатҳо, ташкилотҳои террористӣ ва эктсремистиву радикалии байналмилалиро баровarda мекунанд ва онҳо ба ниҳодина шакл гирифтани ҳаракатҳои динӣ ва экстремизми динӣ тасмимҳо ва барномеразиҳоро анҷом медиҳанд;

- аҳамияти тамаддунӣ ва конфессионалӣ, ки Тоҷикистонро ба ҳавзаи тамаддуни исломӣ пайваст мекунад. Солҳои охир мушоҳида мешавад, ки бештар раванди сиёсишавӣ ва шакл гирифтани ҳизбу ҳаракатҳои радикалии динӣ ва экстремистиву терроризми динӣ дар ҷуғрофиёи исломӣ ба вуҷуд омада истодаанд. Аз ин таъсиррасонӣ ва шаклгирии муносибатҳо Тоҷикистон наметавонад дар канор бошад. Воқеан, дар шароити ҳозираи инкишофи раванди сиёсии ҷаҳонӣ мақом ва нақши динҳо ва мазҳабҳои гуногун хосияти барҷастаро касб намудаанд. Аз ҳарвақта дида, имон ва эътиқоди динӣ қавитар мегардад. Одамони касбу кори гуногун мурочиат ба

дин ва ташкилотҳои диниро воситаи муҳими ҳалли масъалаҳо меҳисобанд. Беҳуда нест, ки мақом ва нақши ташкилотҳои сиёсии динӣ тадриҷан баланд гардида, ҷои иттиҳодияҳои дигари ғайридиниро мегиранд[1]. Мушкилот дар ин аст, ки онҳо барои ҳалли масъалаҳои худ ба амалҳои иртиҷоӣ ва террористиву экстремистӣ рӯ меоранд ва раванди мутаносиби инкишофи сиёсии кишварро мураккаб мегардонанд.

Дар олами муосир ташкилотҳои динӣ мақоми махсусро ишғол намуда, оид ба масъалаҳои гуногуни рушди сиёсӣ ибрози андеша намуда, кушиши ба сиёсат ва ҳокимияти сиёсӣ ворид шуданро мекунанд. Онҳо дар шакли институтсионалӣ ва системавӣ ба радикализатся ва ифротгароӣ рӯ меоваранд. Ташкилотҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои динӣ аз ҳалли масъалаҳои дунявӣ, махсусан, масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва озодии виҷдон худро канор намегиранд. Дар баъзан ҳолатҳо амалӣ гардидани принсипҳо ва меъёрҳои дунявиро як навъ поймолкунии ҳуқуқ ва озодиҳои динӣ эътироф менамоянд ва кушиши таъсиррасонии сиёсиро мекунанд.

- заминаҳо ва ё ҳолатҳои таърихӣ. Баъди пайдоиши ислом ва паҳнгардии он фазои динӣ дар ҳудудҳои Тоҷикистони имруза тағйир ёфт ва ислом ягона дини пешбар эътироф гардид. То тағйирпазирии шакли ифодаёбии ҳокимияти давлатӣ дар шакли теократия ба ғайри он масъалаи радикализми динӣ ё худ исломӣ ба вуҷуд наомада буд. Тамоми сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ масъалаи радикалӣ шакл гирифтани исломро дар замони теократияи асримиёнагӣ тасдиқ намекунанд. Танҳо ин навъи баҳодиҳӣ баъд аз транзити теократия ба демократия ва ё худ теократия ба низоми сотсиалистии оғози асри XX, ки ҳудудҳои Тоҷикистони имрӯзаро фаро гирифта буд. Инқилоби октябр ва ҳаркатҳои озодихоҳиву модернистӣ («ҷадидия») ормони диндорон ва ҳокимияти теократҳоро барҳам зад. Онҳоро аз саҳнаи сиёсат ва ҳокимият дур гардонид. «Баъди Инқилоби Октябр ҳокимияти рус дар Осиёи Марказӣ дар пеши назари аҳолӣ эътибори қонунии худро аз даст дод. Ақидаҳои панисломӣ ва пантуркистӣ дар байни ашрофони маҳаллӣ хеле машҳур

[1] Ниг.: Зокиров, Г.Н. Геополитика [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – С. 103.

гардиданд. Таъқиб алайҳи ислом аз ҷониби сокинони маҳаллӣ ҳамчун кӯшиши нобуд кардани ҳувияти қавмии мардуми минтақа, ки исломро як унсури ҳувияти гурӯҳӣ медонистанд, арзёбӣ мешуд. Аз ин рӯ, бо вуҷуди он ки болшевикон умуман нисбат ба ҳар дин муносибати манфӣ дошта бошанд ҳам, ҳукумати Шӯравӣ аз солҳои аввали ҳукмронии худ кӯшиш мекард, ки дар Осиёи Марказӣ равиши прагматикӣ нисбат ба исломро риоя намояд. Аммо ин муносибат ҳанӯз ҳам дуруст набуд, чунки аз як тараф, майли ҳамкорӣ, аз тарафи дигар, муборизаи оштинопазир бар зиди дииндорон ва динигароён бурда мешуд»[1].

Дар Муроҷиатномаи Совети Комиссарони Халқии РСФСР «Ба ҳамаи мусулмонони меҳнаткаши Россия ва Шарқ», ки 20 ноябри соли 1917 чоп шуда буд, гуфта шуда буд: «Минбаъд эътиқод ва урфу одатҳои шумо, миллати шумо ва муассисаҳои маданият озод ва дахлнопазир эълон карда шудаанд. Зиндагии миллии худро озодона ва бемамониат ба роҳ монед. Шумо ба он ҳуқуқ доред. Бидонед, ки ҳуқуқҳои шумо, ҳамчун ҳуқуқҳои тамоми халқҳои Россия, бо тамоми қувваи инқилоб ва органҳои он – Шурои депутатҳои коргарон, солдатҳо ва деҳқонон ҳифз карда мешаванд[2].

Дар аксар адабиёт ҳаракати босмачигариеро, ки ибтидои шаклгирифтани ҳокимияти Шуравӣ ба амал омада буд, ҳаракати иртиҷоӣ эътироф мекунанд. Ва фаъолияти онро ба раванди сиёсишавии дин мепайванданд. Асоси идеологии босмачигариро панисломизм ва пантуркизм ташкил медод. Тобистони соли 1918 дар ташкил ва мусаллаҳ гардондани гурӯҳҳои босмачиён – сардори миссияи ҳарбӣ-дипломатии ҳукумати Англия Ф.Бэйли ва консули Америка дар Тошкент Р.Тредвелл намояндагони расмии давлатҳои хориҷӣ иштирок карданд. Ташкил ва таълими қисмҳо ва зергурӯҳҳои босмачиёнро офитсерони англис, турк ва гвардиячиёни сафед ба ҷо меоварданд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки таъсиррасонӣ ва кумакҳову

---

[1] Белоглазов А.В. Влияние ислама на политические процессы в Центральной Азии [Текст] / А.В. Белоглазов. – Казань: Казан. ун-т, 2013. – С. 101.
[2] Ниг.: Ислам в СССР [Текст]. – М.: Мысль, 1983. – С.7.

дастгириҳои неруҳо ва давлатҳои хориҷӣ ба раванди шаклгирии ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ ва канора ҳамчун омили хориҷӣ нақш мегузоштаанд.

Роҳбарони зергурӯҳҳои мусаллаҳи босмачиён собиқ намояндагони элитаи сиёсӣ ва руҳониён буданд. Тактикаи босмачиён ба ҳуҷуми ногаҳонӣ ба қисмҳои ҳарбии шуравӣ, объектҳои саноатӣ, пойгоҳои роҳи оҳан, анборҳо, пунктҳои аҳолинишин табдил ёфта, бо қатли ом, сухтор ва харобӣ ҳамроҳ мешуд. Дар адабиёти шуравӣ чун анъана ба босмачиён баҳои якхелаи манфӣ дода мешавад.

Баҳори соли 1918 босмачиҳо дар минтақаҳои гуногуни Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар ҳудудҳои Тоҷикистони имрӯза низ амалиёти фаъолона сар карданд. Тирамоҳи соли 1918 гурӯҳи босмачиёни Мадаминбек дар шарқи вилояти Фарғона баромад. Майдони асосии ҳаракати босмачиён дар Туркистон дар солҳои 1918-1920 водии Фарғона гардид. Дар ин ҷо то 30 ҳазор нафар босмачиён амал мекарданд. Қабристонҳо, зиёратгоҳҳо ва мазорҳо аксар вақт ба такягоҳи шӯришгарон табдил ёфтаанд. Дар тамоми водии Фарғона таблиғи «ҷиҳод» сурат гирифта, отрядҳои босмачиён бо дуои шайхҳо амал мекарданд. Ҳамин тариқ, отрядҳои Ёрмат Махсум ва Нурмат Қурбошӣ дар мазори Ҳазрат-Алии водии Фарғона ҷойгир шуданд[1].

Бо ҳамин тартиб аз нигоҳи муносибати таърихӣ вобаста ба муайяннамоии пайдоиши ҳизбу ҳаракатҳои радикалӣ дар Тоҷикистон ва ҳудудҳои мутааллиқ ба он баъди шикасти низоми теократӣ ва шаклгирии низоми дунявӣ ва сотсиалистӣ ба назар мерасад.

Марҳалаи дигари пайдоиши ҳизбу ҳаракатҳои динӣ ва экстремизми динӣ замони буҳрони сиёсии низоми сотсиалистӣ буд, ки дар он Тоҷикистон ба ҳавзаи ягона ва умумии системаи сотсиалистии давлати Шуравӣ шомил мегардид. Заиф гаштани пояҳои давлатдорӣ ва марказгурезӣ, имконияти транзит шудани системаи сиёсӣ ва ҳокимияти давлатӣ аз як шакл ба шакли дигар таваҷҷуҳи диндорон ва руҳониёнро ба худ ҷалб кард. Ин дар мисоли

[1] Белоглазов, А.В. Влияние ислама на политические процессы в Центральной Азии [Текст] / А.В. Белоглазов. – Казань: Казан. ун-т, 2013. – С.106.

Тоҷикистони солҳои 90 – уми асри гузашта бештар намудор мегардад. Тағйирпазирии системаи сиёсӣ ва шаклгирии навъи ифодаёбии ҳокимияти давлатӣ дар шакли демократӣ даъвои ходимони динӣ ва диндоронро боло бурд. «Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 вобаста ба авзои нави сиёсии мамлакат ва олам ба Эъломияи истиқлолият тағйироту иловаҳо ворид намудааст, ки айнан ба таври зерин мебошад: 1. Қисми якуми моддаи 1 дар таҳрири зайл баён карда шавад: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати мустақили демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад»[1]. Қасди дар шакли теократӣ намудор кардани ҳокимияти давлатӣ дар зеҳни онҳо парвариш меёфт. Онҳо ба саҳнаи сиёсӣ ворид гардиданд ва ғасби ҳокимияти давлатӣ оварданд.

Масъалаи пайдоиши ҳизбу ҳаракатҳои динӣ ва экстремизми динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мураккаб ба назар мерасад. Дин ва унсури арзишҳои динӣ дар ҳаёти оммаи мардуми кишвари мо ҳамчун падидаи муҳим баромад намуда, маҷмӯи вазифаҳои мухталифро иҷро менамояд. Дар ин самт метавон чунин вазифаҳоро, ба монанди муттаҳид намудани худшиносии динӣ ва тамаддунӣ, ташаккули фарҳанги маънавӣ-ахлоқӣ, тарбияи эҳсосоти шомилият ба ин ё он ҷамоа ва ҷомеаи ҷаҳонӣ, иҷро намудани ӯҳдадориҳои иҷтимоӣ, ташаккули идеалҳои адолати иҷтимоӣ ва ҳиссиёти масъулиятшиносӣ, дарки муносибат ба ӯҳдадориҳои инсон дар назди давлат ва давлат дар назди инсонро махсусан қайд намуд.[2]

Воқеаҳои солҳои 90-уми асри гузашта ба пайдоиши ҳаракатҳо ва ҳизбҳои сиёсии динӣ ва экстремизми динӣ шароит фароҳам овард. Аз соли 1990 бархӯрд миёни мақомот ва мухолифини дингарову ҷонибдорони теократия оғоз шуд, аммо набуди раҳбари ягона ва зиддиятҳои байни конфессияҳо имкон надод, ки ҳарду ҷониб мардумро муттаҳид кунанд. Моҳи феврали соли 1990 бори нахуст сокинони баъзе минтақаҳо кӯшиш карданд, ки бо барканории котиби якуми КМ Ҳизби коммунисти Тоҷикистон Қаҳор

[1] Зокиров, Г.Н. Донишномаи сиёсӣ [Матн]. Иборат аз се ҷилд. Ҷ.3. – Душанбе, 2015. – С.506.
[2] Рахимов, Р. Своеобразие ислама в Центральной Азии [Текст] / Р. Рахимов // Россия и мусульманский мир. – 2011. – № 1. – С.97-114.

Маҳкамов ба нафъи худ қудратро ба даст оранд. 12 феврали соли 1990 бар асари ошӯб дар Душанбе 22 нафар кушта шуданд.[1]

29 ноябри соли 1990 дар Тоҷикистон бори нахуст мақоми президентӣ ҷорӣ шуд. 30 ноябри соли 1990 Қ.Маҳкамов аввалин президенти ҶШС Тоҷикистон интихоб шуд. Ин намояндаи номенклатураи ҳизбӣ, аъзои ҲКИШ аз соли 1960, дар вазифаҳои гуногуни масъулиятноки ҳизбии Тоҷикистон буд. Қ.Маҳкамов аз соли 1986 котиби якуми Ҳизби Коммунисти ҶШС Тоҷикистон ва аъзои КМ ҲКИШ буд. Бесабаб нест, ки дар гирдиҳамоиҳои сершумори аз тарафи мухолифин моҳи августи соли 1991 ташкилшуда истеъфои президент, барҳам додани ҳизби коммунист ва бознигарии қонун дар бораи манъи фаъолияти Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, ки соли 1990 қабул шуда буд, талаб карда мешуд.

Дар солҳои минбаъдаи инкишофи сиёсии Тоҷикистон Ҳизби наҳзати исломӣ, аниқтараш баъди воқеаҳои соли 2015 ташкилоти террористиву экстремистӣ эътироф карда шуд. Сарчашмаҳову мушоҳидаҳои раванди сиёсии кишвар инъикос мекунанд, ки фаъолияти радикалии онҳо аз ибтидои солҳои истиқлолияти Тоҷикистон шуруъ гардидааст. Ин ҳизб дар ибтидо ҳамчун як бахши тоҷикистонии Ҳизби наҳзати исломӣ аз нахустин созмони сиёсии мусулмонони ИҶШС, ки моҳи июли соли 1990 дар Астрахан таъсис ёфтааст, сарчашма мегирад[2]. Моҳи октябри соли 1990 бахши тоҷикистонии ин ҷунбиши динӣ ба Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИТ) табдил ёфт. Асоси ин ҳизбро намояндагони гурӯҳҳои «хурд» ташкил медоданд. Воқеан ин иттиҳоди ислоҳталабони эътирофнашуда буд, ки тарафдори таъсиси давлати исломӣ дар Тоҷикистон буданд. Дар баробари ин, бояд ёдовар шуд, ки дар ин гурӯҳҳои минтақавӣ нисбат ба дигар гурӯҳҳои субэтникӣ дар байни ҳукумати дунявӣ ва маънавӣ робитаи зичтар вуҷуд дошт. Ин пуштибонии кланҳои «хурд»-и исломи сиёсиро шарҳ медиҳад.

[1] Ниг.: Белоглазов А.В. Влияние ислама на политические процессы в Центральной Азии [Текст] / А.В. Белоглазов. – Казань: Казан. ун-т, 2013. – С.151.

[2] Ниг.: Роль исламского фактора в межтаджикском конфликте и в процессе его урегулирования [Электронный ресурс]. – URL: https://kpfu.ru/portal/docs/F427038158/Beloglazov.pdf (дата обращения: 10.11.2021 г.)

Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон замоне ба як нерӯи ҷиддие табдил ёфт, ки суфиёни Қаротегин бо муридҳои сершумори худ ба он пайвастанд.

Соли 1973 Саид Абдуллоҳи Нурии 26 - сола, ки аз падараш таҳсилоти динии пинҳонӣ гирифта буд, дар Душанбе бо диншиноси ӯзбек Мавлавӣ Ҳиндустонӣ вохӯрд, ки дар Қӯқанд, Бухоро ва Кашмир маълумоти динӣ гирифта, чанд сол дар лагерҳои советӣ нигоҳ дошта шуда буд. То он замон Мавлавии Ҳиндустонӣ дар Осиёи Марказӣ ҳамчун шахси маъруф буд, ки тариқи пинҳонӣ ба ҷавонони узбеку тоҷик исломро таълим медод ва садҳо шогирд дошт. Саид Абдуллоҳи Нурӣ аз таълимоти Мавлавии Ҳиндустонӣ илҳом гирифта, соли 1973 ба ноҳияи Вахш баргашт (соли 1953 бо оилааш аз зодгоҳаш ноҳияи Сангвор барои кор дар яке аз совхозҳо ба пахтакорӣ кӯчонида шуд) ва созмони пинҳонии исломии "Наҳзатӣ"-ро ташкил кард. Наҳзати исломӣ (Эҳёи исломӣ), ҷалби ҷавонони маҳаллиро, ки ба ислом таваҷҷӯҳ доштанд, оғоз намуд. Ташкилот дар зери пардаи вохӯриҳои оилавӣ ва дӯстона ҷамъомадҳо ташкил мекард, ки дар он мавзуъҳои марбут ба ислом баррасӣ мешуданд. Дар ҳамон соли 1973 Саид Абдуллоҳи Нурӣ бори нахуст бо ҷурми фаъолиятҳои динии пинҳонӣ боздошт шуда, таҳти назорати мақомоти амниятии маҳаллӣ қарор гирифт. Пас аз боздошти аввал Саид Абдуллоҳи Нурӣ андешаи худро дар бораи масоили исломӣ ошкортар баён кард ва бовар дошт, ки аллакай таҳти таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст. Ба гуфтаи худи Саид Абдуллоҳи Нурӣ, созмони пинҳонии ӯ ду ҳадафи аслӣ: таблиғи исломи «пок» ва тарбияи кӯдакону ҷавонон дар рӯҳияи диниро дошт. Дар байни аҳолии бисёр маҳалҳои аҳолинишини ҷумҳуриҳо овозаҳо дар бораи фаъолияти ташкилоти пинҳонии исломӣ паҳн шуда, соли 1977 шуъбаи асосии КГБ-и ҶШС Тоҷикистон ба КМ Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон аввалин хабари расмии худро фиристод, ки он дар бораи фаъолияти созмони муташаккили мазҳабӣ, ки дар «маърака» - ҷамъомадҳои суннатии сокинони маҳаллӣ таблиғи динӣ кардааст ва дар он дар баробари таблиғи дин, ҳукумати феълиро интиқод намудааст. Ба ғайр аз фиристодани ин огоҳнома ба КМ Ҳизби Коммунистии Точикистон, нусхаи огоҳинома ба шуъбаи

марказии Кумитаи амнияти давлатии ИҶШС дар шаҳри Москва фиристода мешавад. Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон фаъолияти ташкилоти пинҳониро маҳкум намуда, мақомоти бехатарии мамлакатро ба муборизаи фаъолона даъват кард[1].

Дар миёнаи солҳои 1980, бахусус пас аз оғози бозсозӣ созмони исломии пинҳонии Наҳзати исломӣ аз як ячейкаи махфии маҳаллӣ ба як шабакаи хеле васеи махфӣ дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт. Ин созмон аз соли 1984 ба таври пинҳонӣ рисолаи "Ҳақиқати Ислом"-ро таҳия ва паҳн мекунад. Дар давоми ду сол 17 нашри китобчаи «Ҳақиқати ислом» аз чоп мебарояд. 22 июни соли 1986 дар шаҳри Душанбе ва маҳалҳои аҳолинишини водии Вахш амалиёти бесобиқаи махсуси Кумитаи амнияти давлатӣ якҷоя бо мақомоти интизомӣ гузаронда мешавад. Дар пайи амалиёти вижа беш аз 40 фаъоли ин созмон боздошт шуданд, ки дар миёни онҳо раиси ин созмон Саид Абдуллоҳи Нурӣ, ки пинҳон шуда буд, пайдо намегардад. Каме дертар ӯро дар ноҳияи Ёвон ошкор ва дастгир карданд. Баъди боздошти раҳбари ин созмон ва эълони расмии боздошти ӯ 14 августи соли 1986 дар бинои кумитаи вилоятии Ҳизби коммунисти шаҳри Қӯрғонтеппа ҷонибдорони сершумори ин созмон, ки дар озодӣ қарор доштанд, ҷамъ омаданд. Эътирозгарон ба бинои кумитаи вилоятӣ зада даромада, идораҳоро ишғол карданд ва талаб карданд, ки раҳбари худ ва дигар фаъолон фавран озод карда шаванд. Роҳбарияти вилояти Қӯрғонтеппа маҷбур шуд, ки бо эътирозгарон музокира кунад ва тасмим гирифта шуд, ки тамоми эътирозгаронро ба назди Абдуллоҳи Нурии боздоштшуда бурда, ба ӯ нишон диҳанд. Пас аз он, ки эътирозгарон мутмаин шуданд, ки ӯ солим аст ва ҳеҷ чиз ба ҳаёти ӯ таҳдид намекунад, роҳбарияти вилоят тавонист онҳоро мутақоид кунад, ки ба маҳаллаҳо ва манзилҳои худ пароканда шаванд[2].

---

[1] Ниг.: Партия исламского возрождения Таджикистана [Электронный ресурс]. – URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Партия_исламского_возрождения_Таджикистана (дата обращения: 12.11.2021 г.)

[2] Ниг.: Партия исламского возрождения Таджикистана [Электронный ресурс]. – URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Партия_исламского_возрождения_Таджикистана (дата обращения: 12.11.2021 г.)

Чанде пас аз муҳосираи маъмурияти вилоят мавҷи нави ҳамлаҳо ва боздошти ҷонибдорон ва аъзои Наҳзати исломӣ оғоз шуд. Даҳҳо фаъоли ин созмон боздошт ва ба мӯҳлатҳои мухталифи зиндон маҳкум шуданд. Саид Абдуллоҳи Нурӣ ба 1,5 соли зиндон маҳкум шуд.

Моҳи марти соли 1990 моддаи шашуми Конститутсияи ИҶШС бекор карда шуд. «14 марти соли 1990 Қонун «Дар бораи таъсиси мансаби Президенти ИҶШС ва ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи ИҶШС» қабул шуд, ки баъд аз он муқаррарот дар бораи нақши роҳбарии ҲКИШ бекор карда шуд. Инчунин, ба ҷои «сардори коллегиалии давлат» – Президиуми Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС вазифаи президенти ИҶШС бо ваколатҳои калон муқаррар карда шуд»[1].

Тобистони соли 1990 дар Астрахан анҷумани муассисони Ҳизби наҳзати исломии ИҶШС баргузор шуд, ки дар он фаъолони исломӣ аз тамоми гӯшаву канори ИҶШС – аз Қафқозу Крим ва Поволже то Осиёи Марказӣ ширкат доштанд. Шуъбаи вилоятии Ҳизби наҳзати исломии ИҶШС дар қаламрави ҶШС Тоҷикистон Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон буд, ки аз он Давлат Усмон ва Саидиброҳим Гадозода дар ин анҷуман иштирок доштанд. Ҳизби наҳзати исломии Ӯзбекистон дар ҳудуди ҶШС Ӯзбекистон ба филиал табдил ёфт. Моҳи августи соли 1990 Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон баргузории Анҷумани нахустини муассисони ҲНИТ-ро иҷоза надод, вале бо вуҷуди мухолифатҳо 6 октябри соли 1990 дар масҷиди ҷумъаи деҳаи Чортути ноҳияи Ленин (ҳоло ноҳияи Рӯдакӣ) иҷлосияи ҳизбӣ гузаронида шуд, вале Шурои Олӣ боз ҳизби навро нашинохта, анҷумани якумро беэътибор эълон кард.

Пас аз эълони истиқлолияти давлатии Тоҷикистон 26 октябри соли 1991 дар кохи “Ваҳдат”-и шаҳри Душанбе бо ширкати беш аз ҳазор вакилон Анҷумани расмии муассисони ҳизб баргузор шуд, ки дар он Ҳизби наҳзати исломӣ расман ҳамчун ҳизби сиёсӣ таъсис ёфта, оинномa ва барномаи ҳизб ва роҳбарияти онро қабул кард. Муҳаммадшариф Ҳимматзода бо аксарияти

[1] Отмена 6-й статьи Конституции СССР о руководящей роли КПСС [Электронный ресурс]. – URL: https://eurasia.expert/otmena-6-stati-konstitutsii-sssr/ (дата обращения: 12.11.2021 г.)

кулли овози ширкаткунандагони анҷуман раиси ҳизб интихоб шуд. Асосгузори ҳизб Саид Абдуллоҳи Нурӣ низ узви Шӯрои олии ҳизб шуд. Ҳадафҳои асосии ҳизб идеяи бунёди давлати демократӣ бо озодии комили дин, вале бо таваҷҷуҳ ба ислом, аз ҷумла ворид намудани баъзе меъёрҳои шариат ба қонунҳо ва кодексҳои давлат ба миён гузошта шудаанд. Ҳамчун ҳимояи ақаллиятҳои динӣ ва миллӣ, барои ҳамкории ҳамаҷониба бо кишварҳои исломӣ ва ғайриисломӣ. Раҳбарияти ҳизб Ҷумҳурии Туркияро яке аз моделҳои эҳтимолии рушд медонист, ки як давлати дунявӣ бо аксарияти мусулмонон ва озодии динӣ мавҷудият дорад. Дар моҳи декабри соли 1991 Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ниҳоят дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуд.

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1997) Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди мухолифини тоҷик, ки дар муқобили Фронти халқӣ буд, амал мекард. Мушоҳидаҳо ва ҳаводиси сиёсии солҳои ҷанги шаҳрвандӣ инъикоси чеҳраи суботофари ин неруи сиёсиро пеш намеорад. Дар солҳои минбаъда фаъолияти канорӣ ва ифротии ин ҳизб онро ҳамчун ташкилоти террористӣ муаррифӣ кард.

Ба таври сартосарӣ сиёсикунонии дин яке аз масъалаҳои мураккаби ҳаёти сиёсии Тоҷикистон гардидааст. Сиёҳкунии давлатдории дунявию демократӣ аз нуқтаи назари динӣ қобили қабул нест. Аммо онро гурӯҳҳои муайян дар мубориҳаҳои сиёсии худ истифода мебаранд ва динро парчами худ намуда, дар давлатҳои мусулмоннишин оташи ҷангҳои иртиҷоӣ ва харобгароёнаро баланд мекунанд. Ба ақидаи донишманди тоҷик Зокиров Г.Н., “дунявият дар ҳеҷ ҳолат ифодаи зиддиятҳо бо таълимотҳои динӣ нест. Балки он аз дастурҳо ва қоидаҳои динӣ озод аст”[1].

Ҳизбу ҳаракатҳои дорои хусусияти динӣ одатан низоми давлатдории миллиро хилофи дини ислом ва омили асосии паст задани дин дар ҷомеа меҳисобанд. Хушбахтона имрӯз дар байни сокинони асосии кишвари мо ба

---

[1] Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ [Текст] / Г.Н. Зокиров. Иборат аз III Ҷилд. Ҷилди 1. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 305.

ин тамоюлҳо баҳои дурусти худро медиҳанд, зеро оиди давлату давлатдорӣ ва дин мардуми мо назари худро доранд ва чунин мешуморанд, ки фақат давлати дунявию демократӣ метавонад роҳҳои дурусти диндориро пешаи мардум гардонад. Дар баробари ҳамаи ин аққалиятҳое низ вуҷуд доранд, ки низоми давлатдории дунявию демократиро монеаи асосии пешрафти дину мазҳаб медонанд. Ин маънои онро дорад, ки то ҳанӯз доир ба фаҳмиш ва дарки дурусти моҳияти низоми давлати дунявию демократӣ мушкилиҳо ҷой доранд. Ба ин мисол шуда метавонад фаъолияти Ҳизби наҳзати исломӣ, ҳаракати мардумии «Растохез», ки баъди интишори Қонун «Дар бораи итиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҶШС Тоҷокистон» - 12 декабри соли 1990, ки аз тарафи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, ташкил ёфтан гирифтанд. ҲНИ 26 октябри соли 1991 ташкил ёфт. Мутаассифона, дар тасаввури баъзе афроди ҷомеа ақидаҳои нодурусти динӣ ҷой доранд, ки онҳоро ба гурӯҳҳои ифротгароӣ шомил мегардонад ва ақидаҳои носолими динии худро мехоҳанд, ки дар ҷомеаи демократии дунявӣ амалӣ созанд. Бештари ин гуна афроди ҷомеа дар дар гузашта ҷинояткор будаанд ё нашъамандӣ кардаанд. Қисми зиёди чунин шаҳрвандон ба фиребу найранги динӣ афтода, аз зиндагии мустақилонаи худ маҳрум шудаанд. Гурӯҳҳои террористӣ барои ноил шудан ба накшаҳои худ аз дин моҳирона истифода мебаранд. Дар шароити имрӯза авзои сиёсии ҷаҳон ва тағйироту таҳаввулоти он, вусъат ёфтани низоъҳои байнимазҳабӣ ва ҷиноятҳои мутташаккили фаромарзӣ зиракии сиёсии шаҳрвандон аҳамияти бағоят муҳимро касб менамояд. Бинобар ин, ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд бидонад, ки дар солҳои мудҳиши 1992-1997 миллати тоҷик дар марзҳои Афғонистон масъулияти мубориза зидди бедодгариҳои диниро ба дӯши худ гирифта, ба ивази қурбониҳои ҷонӣ ва хисороти бузурги иқтисодию молиявӣ нагузошт, ки дар Тоҷикистон нерӯҳои ифротгароии динӣ мавқеи роҳбарии худро дошта бошанд. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои камшуморест, ки муқобили ин қабил озмоишҳои рақобатпазирӣ истодагарӣ намуд.

Масъалаи таъмини амният, суботи сиёсӣ, истиқлолият, манфиатҳои миллӣ, тартиботи конститутсионию ҷамъиятӣ ва низоми мутаносиби муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодиву сиёсӣ ва маданӣ дар ташкил ва фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ба эътибор гирифта мешавад. Ҳалли масъалаҳои муҳими сиёсӣ ва мондани давлату миллат аз фаъолияти онҳо вобаста мебошанд. Ҳар навъ дахолат ва зиди чунин арзишҳо фаъолият кардани ҳизбу ҳаракатҳои диниву сиёсӣ фаъолияти расмиаш қатъ ва мавҷудяташ хотима дода мешавад. Чунин муносибат дар аксари давлатҳо ва кишварҳои дунявӣ ва ҳатто кишварҳои дорои низоми ҳокимияти теократӣ низ дида мешавад. Аз ҷумла давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон чунин меъёрро асоси конститутсионӣ ва расмӣ бахшидааст. Мувофиқи моддаи 8 – уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «…Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад. … Иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд. Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст»[1].

Масъалаи номуташаккилона шакл гирифтани фаъолият ва амалкарди ҳизби динӣ дар Тоҷикистон ва пайгириии амалҳои экстремистиву канора аз ҷониби пайравони он, мушкилоти дар оянда будани онро дар саҳнаи сиёсии кишвар душвор ва дар ниҳоят аз байн бурд. Рӯзи 4 сентябри соли 2015 дар ҳамла ба як анбори аслиҳа дар Душанбе 26 нафар, аз ҷумла 9 корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (милитсия) кушта шуданд. Ин ҳодиса як кӯшиши табаддулоти давлатӣ аз ҷониби муовини вазири мудофиа Абдуҳалим Назарзода, аз мухолифони собиқи солҳои ҷанги шаҳрвандӣ буд. Ин ҳодиса барои манъи фаъолияти Ҳизби наҳзати исломӣ ва эътирофу шиносонидани

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Моддаи 8. [Захираи электронӣ]. – URL: https://gst.tj/tj/konstitutsiyai-um-urii-to-ikiston (санаи мурочиат: 10.12.2021 с.)

он ҳамчун ташкилоти террористиву экстремистӣ бо амалҳои канораош сабаб гардид[1]. Додгоҳи олии Тоҷикистон 29 сентябри соли 2015 даъвои Додситонии кулли Тоҷикистонро дар бораи террористӣ эътироф кардани Ҳизби наҳзати исломӣ қонеъ карда, фаъолияти онро дар қаламрави ҷумҳурӣ мамнӯъ эълон кард. Тавре дар даъвои Додситонии кулл омадааст, «тибқи нақшаи табаддулоти аз ҷониби роҳбарияти ҲНИТ тарҳрезишуда бояд 40 нафари мусаллаҳ аз ду ҷониб ба Қасри Миллат, 25 нафар ба бинои Дастгоҳи иҷроияи Президент, 30 нафар ба бинои ВКД, 25 нафар ба бинои Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, 40 - то Фурудгоҳи байналмилалии Душанберо муҳосира мекарданд. Ҳамчунин, афроди мусаллаҳ мебоист биноҳои Вазорати дифоъ, Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи телевизион ва радио, ки дар он шабакаҳои телевизионии давлатӣ, раёсатҳо ва шӯъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд, тасарруф мекарданд. Корҳо дар минтақаҳои Душанбе ва Ваҳдат низ ҷой доранд. Илова бар ин, зикр гардид, ки зимни кофтуков дар дафтари ҳизб 30 брошюраи ҳизбӣ, ки ба хушунат ва ҳамлаҳои террористӣ даъват мекарданд, ёфт шудааст[2].

Рӯзи 17 сентябри соли 2015 13 узви Шӯрои сиёсии ҲНИТ, аз ҷумла ду муовини раиси ин ҳизб, ки яке аз онҳо вакили парлумон буд, боздошт шуданд. Дафтари Комиссари Олии СММ дар умури ҳуқуқи башар дар моҳи октябри соли 2015 гуфта буд, ки хатари нақзи ҳуқуқи башар дар Тоҷикистон дар пасманзари мамнӯъияти фаъолияти ягона нерӯи мухолифи ин кишвар, Ҳизби Наҳзати Исломӣ афзоиш ёфтааст[3]. Бехабар аз он, ки фаъолияти ифротӣ ва террористиву радикалӣ, ки тартиботи ҷамъиятӣ, бо зурӣ сарнагун кардани сохти конститутсионӣ, барҳам задани фаъолияти ҳокимияти давлатӣ,

---

[1] Ниг.: Партия исламского возраждения Таджикистана/Запрет [Электронный ресурс]. – URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Партия_исламского_возрождения_Таджикистана#cite_note-автоссылка1-1 (дата обращения: 10.12.2021 г.)

[2] Ниг.: В Таджикистане запретили деятельность ПИВТ [Электронный ресурс]. – URL: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/politics/20150929/215519 (дата обращения: 10.12.2021 г.)

[3] Ниг.: ООН раскритиковала Таджикистан за запрет Партии исламского возрождения [Электронный ресурс]. – URL: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/politics/20150929/215519 (дата обращения: 17.12.2021 г.)

хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва вайрон кардани низоми мутаносиби кишвар қатъиян манъ ва маҳкум карда мешавад. То тобистони соли 2018 беш аз 100 нафар бо иттиҳоми иртибот бо ҲНИТ боздошт шуданд. 27 нафари онҳо аз се то 25 сол аз озодӣ маҳрум шуданд.

Айни замон аз ҷониби Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои зерин экстремистию террористӣ дониста шуда, фаъолияти онҳо дар қаламрави мамлакат мамнуъ эълон гардидаанд: «Ҳизб-ут-таҳрир», «Ал-Қоида», «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ», «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон», «Ҳаракати Толибон», «Бародарони мусулмон», «Артиши Тайиба», «Ҷамъияти исломии Покистон», «Ҷамъияти таблиғ», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», «Тоҷикистони озод», «Созмони таблиғот», «Салафия», «Гурӯҳи 24», «Давлати исломӣ (ДИИШ)», «Ҷабҳат-ан-нусра»[1]. Инчунин, 29 сентябри соли 2015 «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон» аз ҷониби Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон террористӣ эълон гардида, фаъолияти он дар қаламрави мамлакат мамнуъ эълон мегардад[2]. Амалҳои ҷиноии ҳизби мамнуи наҳзати исломӣ намунаи равшани фаъолияти экстремистию террористии дорои характери динӣ мебошад. Зеро дар моҳи сентябри соли 2015 кӯшиши амалӣ намудани табаддулоти давлатӣ бо роҳбарии генерал Назарзода Абдуҳалим ва бо иштироки аъзоёни ҳизби мамнуи наҳзати исломӣ бори дигар гувоҳи он аст, ки экстремизми динию сиёсӣ хатаре мебошад, ки ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлату мамлакат таҳдид менамояд.

Бояд гуфт, ки экстремистони динию сиёсӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсии худ стратегияҳои гуногунро истифода менамоянд. Яке аз стратегияҳои мазкур, ки дар таҷрибаи ташкилотҳои экстремистию террористӣ хеле паҳншуда мебошад, ин бо роҳи табаддулоти давлатӣ ба сари қудрат омадан мебошад. Тактикаи стратегияи мазкурро муҳаққиқи рус Коровиков А.В. ба таври зерин тасвир намудааст: «Бо режими ҳукмрон

---

[1] Ниг.: Верховный суд: в Таджикистане запрещены еще 4 террористические организации [Электронный ресурс]. – URL: http://ru.sputnik-tj.com/defense_safety/20150713/1015985687.html (дата обращения: 21.12.2021 г.)

[2] Ниг.: Решение Верховного суда о прекращении деятельности ПИВТ [Электронный ресурс]. URL: http://ru.sputnik-tj.com/spravka/20150930/1016935817.html (дата обращения: 25.12.2021 г.)

рӯйирост бархӯрд накардан ва то лаҳзаи ҳалкунанда неруҳои заруриро омода намудан. Чунин тактика тақозои онро менамояд, ки дар миёни аҳолии мамлакат тарғибу ташвиқи ақидаҳои экстремистӣ ба таври фаъол ба роҳ монда шаванд, то ки дар лаҳзаи қиём онҳо ба инқилоби исломӣ ҳамроҳ шаванд. Инчунин, барои анҷом додани табаддулоти давлатӣ экстремистон кӯшиш менамоянд, ки дар артиши миллӣ, дастгоҳи давлатӣ, мақомоти қудратӣ ё ҳаммаслакони худро пайдо созанд ва ё аъзоёни худро ворид намоянд»[1]. Кӯшиши амалӣ намудани табаддулоти давлатие, ки моҳи сентябри соли 2015 бо иштироки пайравони ТЭТ ҲНИ анҷом дода шуд, маҳз дар заминаи стратегияи дар боло номбаргардида тарҳрезӣ гардида буд.

Тибқи маълумотҳои расмӣ, ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайравони созмону ташкилотҳои экстремистию террористӣ дастгир шуда, ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешаванд. Ба андешаи олими рус А.В. Коровиков, барои оне, ки мавҷудияти пайравони гурӯҳҳои экстремистӣ дар ин ё он мамлакат асоснок карда шавад, бояд ду сарчашмаи иттилоот ба инобат гирифта шавад:

- якум, миқдори нафароне, ки бо ҷурми фаъолияти экстремистию террористӣ ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд;

- дуюм, андешаи олимону муҳаққиқон ва коршиносон[2]. Масалан, танҳо дар соли 2011 зиёда аз 50 бунёдгарои исломӣ, ки дар лагерҳои таълимии Покистону Афғонистон омода гардидаанд, дастгир ва ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд. Дар аввали сол дар вилояти Суғд 11 нафар аъзоёни фаъоли ташкилоти экстремистии «Ҳизб-ут-таҳрир» дастгир гардидаанд, ки аз миёни онҳо ду нафарашон шаҳрвандони Ӯзбекистон мебошанд. Додгоҳ онҳоро барои барангехтани бадбинии динӣ, нажодӣ ва миллӣ, барои даъвати оммавӣ ба фаъолияти экстремистӣ, зӯроварона забт карда гирифтани ҳокимият, вайрон намудани сохтори конститутсионии давлат, барои ташкили гурӯҳи экстремистӣ, барои ҳамроҳ гардидан ба сафи созмону ташкилотҳое, ки

---

[1] Коровиков, А.В. Исламский экстремизм в арабских странах [Текст] / А.В. Коровиков. – М.: Наука, 1990. – С.110.

[2] Ҳамон ҷо. – С.89.

фаъолияти онҳоро додгоҳ манъ намудааст, гунаҳкор дониста, онҳо аз 3 то 20 сол аз озодӣ маҳрум гардонида шудаанд. Дар охири моҳи марти соли 2011 боз 11 шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пайвастан ба сафи ташкилоти экстремистии «Ҳизб-ут-таҳрир» ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шуда, аз 4 то 20 сол аз озодӣ маҳрум гардонида шудаанд. Тибқи маълумотҳои прокуратураи вилояти Суғд дар соли 2010 дар муносибат бо 90 нафар пайравони ташкилотҳои экстремистӣ парвандаи ҷиноӣ боз карда шудааст, ки дар миёни онҳо 42 нафарашон аъзои «Ҳизб-ут-таҳрир» мебошанд[1].

Бояд гуфт, ки экстремистони динию сиёсӣ барои анҷом додани муборизаи сиёсӣ ва амалӣ намудани мақсадҳои худ стратегияи ягона надоранд. Бинобар ин, бо дарназардошти идеологияи экстремистӣ ва фаъолияти амалии онҳо се стратегияи аз ҳамдигар фарққунандаро нишон медиҳанд.

Стратегияи якум одатан стратегияи таблиғоти фаъол номида мешавад, ки он, дар навбати худ, се марҳилаи рушду инкишофро дар бар мегирад:

1. Марҳилаи ташкилӣ ва марҳилаи оғоз намудани зӯроварӣ. Дар марҳилаи аввал фаъолияти маърифатӣ ва хайру эҳсон нисбат ба мусулмонон оғоз мегардад. Дар ин марҳила ба шуури оммаи мардум идеяҳои асосии исломӣ ворид карда мешаванд, ки мақсади онҳо даъват ба ислом мебошад;
2. Дар марҳилаи дуюм васеъ намудан ва афзун гардонидани сафи ҳаммаслакон анҷом дода мешавад. Дар ин марҳила экстремистони фаъол кӯшиш менамоянд, ки аъзоёни ташкилоти худро дар рӯҳияи ҷангӣ ва нигилизм тарбия намоянд. Дар ин марҳила мақсади асосӣ омода намудани муҷоҳидон мебошад;
3. Марҳилаи сеюм оғози зӯроварӣ мебошад, ки дар он даъвати аъзоён барои анҷом додани ҷиҳод, ғасби ҳокимият ва ҷорӣ намудани тартиботи исломӣ ба мушоҳида мерасад.

---

[1] Ниг.: Лаумулин М. Религиозная ситуация и угроза религиозного экстремизма в Центральной Азии [Текст] / М.Лаумулин // Центральная Азия и Кавказ. – 2012. – Т.15. –№1. – С.68.

Стратегияи дуюм даъват ба исломро инкор намуда, аксари аҳолии мамлакатро ҷоҳил мешуморад. Стратегияи мазкур дар зери таъсири ақидаҳои экстремистии Саиди Қутб ташаккул ёфтааст. Ба андешаи С.Қутб, ҷомеаи муосир ҷомеаи ҷоҳилон мебошад, бинобар ин тарбия намудани онҳо ва ё дастгирӣ ёфтан аз ҷониби онҳо имконнопазир аст. Бинобар ин, ӯ иғвоангезӣ намудану ба шӯр овардани оммаро инкор намуда, барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ ҷанги шаҳрвандиро ҷонибдорӣ менамояд. Ҷанги шаҳрвандӣ, ба андешаи пайравони ин навъи стратегияи экстремистӣ, бояд дар миёни диндорони асил ва бединон анҷом дода шавад.

Бояд ёдовар шуд, ки ҷанги шаҳрвандие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омад, аслан дар миёни неруҳои исломӣ ва пайравони ҳукумат сурат мегирифт. Шиорҳои намояндагони неруҳои исломӣ, ки дар он солҳо нисбат ба коммунистон садо медоданд ва ҷалби муҷоҳидони дохилию хориҷӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки неруҳои исломии мамлакат маҳз мақсадҳои стратегии худро аз рӯйи стратегияи Саиди Қутб амалӣ менамуданд.

Стратегияи сеюми экстремистӣ бо роҳи пинҳонӣ ташкил намудани ташкилоти экстремистӣ, зиёд намудани сафи пайравону ҷонибдорон, махсусан дар сафи артиш ва дастгоҳи идоракунии давлатӣ, омода намудани табаддулоти давлатӣ, ғасби ҳокимият ва ҷорӣ намудани меъёрҳои шариат дар ҷомеаро дар бар мегирад. Намояндагони ин стратегия тарғибу ташвиқи ақидаҳои экстремистиро дуюмдараҷа мешуморанд. Онҳо ба ташкили табаддулоти давлатӣ диққати аввалиндараҷа медиҳанд.

Бояд гуфт, ки стратегияҳои мазкур мақсади ягона доранд ‟ ташкил намудани давлати исломӣ ва ҷорӣ намудани меъёрҳои шариат дар ҷомеа. Аммо аз рӯйи як қатор хусусиятҳо онҳо аз ҳамдигар тафовут доранд: стратегияи якум шӯриши мардумиро воситаи асосии ба сари қудрат омадан медонанд; стратегияи дуюм дар байни ҷомеаи исломӣ ва ҷомеаи ба қавли онҳо ҷоҳилон ҷанги шаҳрвандӣ оғоз менамояд; стратегияи сеюм ҷонибдори табаддулоти давлатӣ мебошад. Стратегияи якум оммаи мардумро ҳамчун дӯстон ва ҳаммаслакон, стратегияи дуюм ҳамчун душманон ва стратегияи

сеюм ҳамчун қишри нофаъол ва корношоям муаррифӣ менамоянд. Тарғибу ташвиқи ақидаҳои ифротӣ дар стратегияи якум мавқеи муҳим дошта, дар стратегияи дуюм дар лаҳзаҳои зарурӣ истифода бурда мешавад ва барои стратегияи сеюм бошад, он ҳеҷ аҳаммият надорад.

Масъалаи ташкил ва фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мураккабтарин масъалаи рӯз ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон аз таъсири манфии ҳаракатҳо ва ҳизбҳои динӣ бархӯрдор аст. Онҳо дар солҳои истиқлолият аз худ симои сиёсии солим ва созанда нишон надодаанд ва фаъолияти худро дар шакли ташкилот ва ҳизбу ҳаракати террористиву экстремистӣ оғоз карданд. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ин чиз айён буд, аммо ба хотири муросои миллӣ, ягонагӣ ва устувории ҷомеа, тамомияти арзӣ, ваҳдати миллӣ, консенсус ва компромис ба амал омад. Бо назардошти сиёсати сулҳофару мардумпарваронаи давлату Ҳукумати Тоҷикистон пеши роҳи фаъолиляти сиёсиву радикалии ин гуна ташкилотҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои диниву экстремистӣ гирифта шудааст.

## 2.3. Сиёсишавии дин ҳамчун таҳдид ба суботи ҷомеаи Тоҷикистон

Таъмини амнияти миллӣ дар фаҳми сиёсӣ масъалаи калидӣ ва аввалиндараҷаи ҳар як давлату ҳукумат ба ҳисоб меравад. Дар шароити буҳронӣ ва инкишофи муносибатҳои моҷарогароёна вай бештару бештар аз аҳамияти худ дарак медиҳад. Сабабҳо ва омилҳои халалрасонандаи амният гуногунанд. Аксаран дар шароити инкишофи давлатдории дунявӣ раванди сиёсишавии дин ҳамчун омили таҳдидбарангез ва хатарзо ба амнияти миллӣ эътироф мегардад. Таҷрибаҳо низ ин фикрро тасдиқ намудаанд. Неруҳои радикалӣ бо истифода аз шиорҳои динӣ мехоҳанд маҳбубияти мардумро ба худ ҷалб намуда, ҳокимияти давлатиро ғасб намоянд. Дар чунин шароит амнияту ваҳдат ва оромии ҷомеаҳои миллӣ ва рӯ ба тараққӣ аз байн меравад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳолат рух додааст. Солҳои аввали

соҳибистиқлолӣ неруҳои оппозитсионӣ бо истифода аз ниқоби дин ба тавri радикалӣ ва террористиву экстремистӣ фаъолияти худро амалӣ намуданд ва кушиши ғасби ҳокимият ва қудрати сиёсиро ба амал баровարданд.

Масъалаи таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусияти мураккабу гуногунҷанба буда, ба зарурати ҳифзи шахсият, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт (сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, экологӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ, маънавӣ ва ғайра) алоқаманд аст.

Мутобиқи Консепсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2006, № 1717[1] тасдиқ шудааст, Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бо терроризм ва экстремизмро ҳамчун омили асосии таъмини амният медонад. Муҳимтарин вазифаи он таъмини амнияти миллӣ буда, ҷонибдори боз ҳам таҳкими ҳамкориҳо дар ин самт мебошад.

Дар шароити муосир асосан масъалаи сиёсишавии динро бо терроризму экстремизми динӣ баробар мекунанд. Дар адабиёти илмӣ оид ба намудҳо ва шаклҳои ифротгароӣ андешаи ягона вуҷуд надорад. Масалан, Б.К. Мартиненко[2] ва Р.Тамаев[3] нишон медиҳанд, ки се шакли асосии ифротгароӣ вуҷуд дорад: сиёсӣ, миллӣ, динӣ.

Раванди сиёсишавии дин бо ҳадафҳои идеологӣ таъсис додани давлати мустақили теократӣ ё худмухторияти ҳудудӣ дар асоси конфессиявӣ (масалан, ҳаракати исломии «Бародарони мусулмон» дар Шарқи Наздик, сектаи динии «Аум Синрикё» дар Ҷопон, Протестантии «Ултра» дар Ирландияи Шимолӣ ва ғайра) – ро дорад.

Солҳои охир мушкилоти сиёсишавии дин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳимтар шудааст. Ин ҳам ба омилҳои дохилие, ки боиси бесуботии

[1] Концепция РТ по борьбе с терроризмом и экстремизмом, утвержденной Указом Президента РТ от 28 марта 2006 г. N1717.
[2] Мартыненко, Б.К. Политический терроризм: понятие, признаки, классификация [Текст] / Б.К. Мартыненко // Северо-Кавказский юридический вестник. – 1999. –№ 7. – С.66-74.
[3] Тамаев, Р. Борьба с экстремизмом: необходимо международное сотрудничество [Текст] / Р. Тамаев // Законность. – 2007. –№ 6. – С.57.

сиёсӣ ва тамоюли ҷудоихоҳӣ дар минтақаҳои алоҳида гардидаанд ва ҳам ба таъсири берунии давлатҳо ва ташкилотҳое, ки ба ноором кардани вазъи сиёсӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатдоранд, алоқаманд аст.

Сиёсишавии дин дар шакли тозаи худ хеле кам зоҳир мешавад. Он одатан дар якҷоягӣ бо экстремизм, терроризм ва радикализми сиёсӣ амал карда, ҳамчун қувваи зӯроварии ҷанганда, ки қодир аст дар як платформаи умумӣ муттаҳид шавад, як кори ноодилонаро бо нуфузи дини бузург тақдис кунад, ба амал меояд. Бинобар ин арзиши махсуси он дар ниҳодина шакл гирифтан ва дар ноором кунии дохилӣ ва низоъҳои байналмилалӣ мебошад[1].

Дар марҳилаи кунунии рушди давлатдорӣ таҳдидҳо ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан хусусияти дохилӣ доранд. Аз ин рӯ, муҳимтарин самти таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бо ҷиноятҳои дохилӣ, таъмини амнияти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ мебошад. Аслан, таъмини амнияти ҷомеа, мубориза бар зидди чунин шаклҳои муташаккили ҷинояткорӣ, аз қабили радиклишавии раванди сиёсишавии дин, терроризм, экстремизм, бандитизм, гаравгонгирӣ ва ғайра, ки хосияти динӣ доранд ва ба амнияти ҷомеа ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллӣ таҳдиди воқеӣ зоҳир мекунанд, аз ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои миллӣ вобастагӣ доранд.

Сиёсишавии дин ҳамчун таҳдиди назаррас ба амнияти миллӣ шакли хатарноктарини фаъолияти муташаккили ҷиноӣ, аз ҷумла шакли шадиди он – ифротгароӣ ва терроризм мебошад. Аз ин рӯ, дар айни замон муқовимат ба ифротгароӣ, терроризму радикализм ҳамчун идеологияи таҳаммулнопазирӣ, барангехтани кина ё адоват, паст задани шаъну шарафи шахс ё гурӯҳи одамон аз рӯи нажод, миллат ва забон самти муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ мебошад. Сиёсишавии дин дар шароити муосир, ки унсурҳои таркибии онро таҳаммулнопазирӣ ва адоват, инкори гуногунии этникӣ ва мазҳабӣ, ки муҳимтарин омили рушди таърихии Тоҷикистон мебошад, ба

---

[1] Ниг.: Фридинский, С.Н. Религиозный экстремизм как идеология, используемая при совершении преступлений экстремистской направленности [Текст] / С.Н. Фридинский // Российский следователь. – 2008. – № 12. – С. 25.

амнияти миллӣ (ҳамзистии амни миллатҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ) ва давлатӣ таъсири манфӣ расонида, ба поймол кардани ризоияти шаҳрвандӣ халал мерасонад, асосҳои давлати демократию ҳуқуқиро вайрон мекунад.

Сарфи назар аз он, ки дар солҳои охир аз ҷониби мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ муқобили ифротгароӣ андешида шуданд (масалан, Қонуни ҶТ аз 8 декабри соли 2003 «Дар бораи мубориза бо ифротгароӣ»[1] қабул гардид, ба Кодекси ҷиноятии ҶТ тағйироту иловаҳои дахлдор ворид карда шуд), шумораи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистию радикалистӣ кам намешавад.

В.А. Бурковская сиёсишавии динро ҳамчун ҷузъи ифротгароӣ шуморида, онро падидаи иҷтимоие муайян мекунад, ки дар чунин шаклҳои ба ҳам алоқаманд ба монанди ғасби ҳокимият, шуури динӣ, идеологияи динӣ, фаъолият оид ба татбиқи таълимоти динӣ, шаклҳои ташкилии амалисозии таълимоти динӣ ба амал меояд[2]. Мо метавонем бо дарки сиёсишавии дин ҳамчун шуур ва идеологияи косташудаи иҷтимоӣ ва фардӣ масъалаҳои таҳдид ба амнияти миллиро мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор диҳем. Вале мо чунин мешуморем, ки фаъолият ва шакли амалӣ гардонидани онро ҳанӯз мустақилона дида баромадан лозим аст. Дар шароити муосир аз нигоҳи секюритологӣ он ҳамчун таҳдид ба амнияти миллии ҳар давлат (аз ҷумла барои Тоҷикистон) эътироф гардидааст.

Масъалаи таъмини амнияти миллӣ ва нигоҳдошти тартиботи сиёсӣ барои ҳама гуна кишвар яке аз масъалаҳои калидӣ маҳсуб меёбад, ки бидуни он ноил шудан ба муваффақиятҳои замони хеш ва баромадан аз ҳама гуна мушкилиҳо ғайриимкон мебошад. Расидан ба ваҳдат ва амнияти милливу оромиши сиёсӣ муҳимтарин дастоварди мардуми тоҷик дар таърихи тулонии худ буд. Дарк, ҳифз ва таҳкими он аз муҳимтарин масъулиятҳои давлат ва ҷомеа мебошад. Вале чизи муҳимро қайд кардан зарур аст, ки иҷрои ин вазифаи аввалиндараҷаи таърихӣ, яъне ҳифзи ваҳдати миллӣ ва дарки

---

[1] Закон РТ от 08.12. 2003 г. «О борьбе с экстремизмом» // Ахбори Маджлиси Оли РТ. – 2003. – №12. – С .691. .

[2] Ниг.: Этно-религиозный терроризм [Текст] / Под ред. Ю.М. Антоняна. – М., 2006. – С.57.

масъалаҳои дигари рушди сиёсии Тоҷикистон бе таъмини пурраи амнияти миллӣ ва ҳимояи ҳаматарафаи манфиатҳои миллӣ ва тартиб додану дар амал ба роҳ мондани “Консепсияи амнияти миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ” имконнопазир аст. Муҳимтарин амали сиёсӣ муқобил истодан ба равандҳои халалрасонанда ва азбайнбарандаи субот ва амнияти миллист. Дар ин росто дар шароити давлатдории миллӣ ва дунявии Тоҷикистон сиёсишавии дин, ки оқибат ба ташкили ҳизбу ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ оварда мерасонад, масъалаи мураккаб ва бухронӣ эътироф мешавад.

Ба бухрони даҳаи охири қарни гузашта дар кишвари мо, агар аз диди таҳлилӣ ва мушоҳидавӣ назар кунем, айён мешавад, ки дар заминаи кушишҳо бахри сиёсикунонии дин ва ташкили ҳизбу ҳаракатҳои динӣ дар ин раванд бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Аз ҳамин сабаб, барои комил гардонидани истиқлолияти сиёсӣ, ваҳдат ва ягонагии миллӣ, масъалаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти миллӣ дар мадди аввал бояд қарор гирад. Мазмуни амалҳо ва чорабиниҳои ҳифзи амнияти миллӣ дар шароити кунунӣ аз мазмуни равандҳои таҳдидоваранда ба амнияти миллӣ вобастагии калон дорад.

Аслан дар шароити давлатдории миллӣ зери мафҳуми таъмини амнияти миллӣ он омилҳоеро мефаҳманд, ки боиси таҳкиму такмили истиқлолият ва амалишавии ҳифзи манфиатҳои миллӣ магарданд. Масалан: ҳифз шудан ва дар ҳолати амн қарор гирифтани бошандагони кишвар, таъмини амнияти миллии давлати миллӣ ҳамчун воҳиди мустаъқили ҳудудию сиёсӣ, шинохт ва ҳифзи арзишҳои миллӣ, ҳимояи нишондиҳандаҳои микдориву сифатии миллат, дарк кардани таҳдиду хатарҳои дохилию хориҷӣ ва ҳимояи онҳо аз дахолат ба амнияти миллӣ, ҳифзи сиёсати давлатӣ ва ҳудуди давлати миллӣ ва ба монанди инҳо. Сиёсишавии дин чуноне, ки дар боло ишора намудем, ба ҳамаи ин арзишҳо ва ҳолатҳо таъсири манфии худро мерасонанд. Ин раванд бо такя ба арзишҳои динӣ радикализатсияро истифода мебарад, меъёрҳо ва асосҳои миллӣ ва бунёдии давлатдории миллиро ба эътибор намегирад. Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса кардан зарур аст, ки таъминии амнияти миллӣ,

таҳкими истиқлолият, ҳифзи ҳамаҷонибаи манфиатҳои миллӣ аз ҷониби давлату ҳукумат дар фаъолияти сиёсии дохилию хориҷӣ ва масъалаи ҳамаҷониба амалигардонии он муҳимтарин омили рушди сиёсӣ мегардад ва Тоҷикистонро ҳамчун давлати миллӣ ба масъалаҳои зерин пайваст менамояд: таъмини ваҳдати ягонаи миллӣ, оромии вазъияти сиёсӣ, таъмини тамомияти арзии Тоҷикистон, мубориза бар зидди маҳалгароӣ баҳри ташаккул ва инкишофи шуури ягонаи миллӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои тамоми бошандагони Тоқикистон, ва алоқаи босамар бо диаспораҳои миллӣ, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини риояи принсип ва меъёрҳои демократӣ, ба роҳ мондани дипломатияи солим танҳо ба хотири воридшавии Тоҷикистон ба иқтисодиёту сиёсати ҷаҳонӣ, таъмини амнияти давлатӣ ва бехатарии миллӣ, дарёфти роҳҳои баромадан аз хавфи дохилӣ ва берунӣ ва ба монанди инҳо.

Имрӯз давлатҳое, ки мехоҳанд аз мамлакатҳои заифу сатҳи инкишофашон нокифоя манфиат бигиранд, ё ҳадафҳои хешро пайдо созанд, метавонанд аз ҳар восита истифода баранд. Онҳо метавонанд ҳам дар шакли “таҳдиди озод” ва ҳам ба воситаи амалинамоии ягон барномае таъсири худро расонанд. Воқеияти имрӯзаи аксар кишварҳои мусулмоннишин ин аст, ки амният ва истиқлолияти онҳоро ба воситаи роҳандозӣ намудани раванди сиёсишавии дин ва созмон додани ташкилоту ҳаракатҳои динии террористиву экстремистӣ халалдор мекунанд. Дар ин самт омилҳои хориҷӣ бештар ҳадафмандона амал мекунанд. Онҳо ҳадафашон муваффақ кунонидани дин ва ҳукмрон гардонидани арзишҳои динӣ нест. Ҳадафи асосии онҳо ба воситаи чунин амал истифодаи арзон ва бе мамоният аз захираҳои табиӣ, идора кардани геополитикае, ки аҳамияти иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангиву тамаддунӣ ва таърихӣ дорад, ба шумор меравад.

Сиёсикунонии дин ва таъсиси созмонҳо, ҳаракатҳо ва ҳизбҳои динии террористиву экстремистӣ таҳдидҳои беруна ба амнияти миллӣ эътироф мешаванд. Аз ҳамин ҷост, ки таҳдидҳои берунаро монеаи рушди истиқлол гуфтан бамаврид аст. Тоҷикистонро зазур аст, ки барои ҳимоя намудани худ аз таҳдидҳои хориҷӣ амнияти сарҳадию ҳудудии кишварро мустаҳкам

гардонад. Муносибатҳои дипломатии худро ба он кишварҳое, ки ҳадафҳои ғаразнок доранд, бо роҳи осоишта мустаҳкам намояд.

Дар асоси гуфтаҳои боло саволе ба миён меояд, ки оё иҷозати озодона фаъолият намудани созмону ташкилотҳои динӣ аз ҷониби давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инкишофи истиқлол зарба намезананд? Албата таъсири манфии худро мерасонанд. Нуктаи муҳим ин аст, ки дар шароити давлатдории дунявӣ ва эътирофи арзишҳои демокративу либералии инкишофи давлатдорӣ хоҳу ноxоҳ раванди сиёсишавии дин ва ташкили ҳизбу ҳаракатҳои динӣ дар шакли радикалӣ намоён мешаванд. Пас чӣ бояд кард? Чи гуна муносибатро нисбат ба онҳо амалӣ гардонид? Инҳо саволҳоеанд, ки барои посух ҷустани онҳо оқибатҳои сиёсишавии дин бояд таҳқиқ гарданд.

Созмону ташкилотҳои минтақавию байналмилалие ҳастанд, ки худро ҳомии демократия ва либерализму ҷомеаи кушод муаррифӣ намуда, ба таври пинҳонӣ раванди сиёсишавии дин ва ташкили созмонҳо ва иттиҳодияҳову ҳизбҳои диниро дастгирӣ мекунанд. Айни замон дар ҳудуди Тоҷикистон як қатор созмону ташкилотҳо пинҳонӣ ё тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолият доранд, ки онҳо фаъолнокии худро тавасути сармоягузориҳои зиёд ва ҷалби аҳолии камбизоат ба роҳ мондаанд.

Ба монанди ин як қатор ҳизбу ташкилотҳои сиёсие вуҷуд доранд, ки метавонанд ҳар лаҳза монеаи инкишоф гарданд. Бештори ин қабил ба сифати ташкилотҳои динӣ шинохта шудаанд, ки ин боиси ҳам доғдор намудани номи дин ва ҳам барангехтани хусумат, бадбинӣ, аз байн бурдани ҳувияти миллӣ, тафриқаҳои динию мазҳабӣ ва миллию этникӣ мегарданд. Пеш аз ҳама барои рушди истиқлол ва аз байн бурдани монеаҳои инкишофи он корҳои бештареро бо нақша гирифта, иҷроиши онро дар амалияи ҷамъиятӣ ба роҳ монд. Ба монанди: баланд бардоштани донишҳои сиёсӣ, маданияти сиёсӣ, муайян намудани идеологияи миллӣ, ки он метавонад миллатро ба инкишофи босубот расонад, ҳисси миллӣ, муҳаббат ба ватан, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва зиёд намудани сатҳи миёнаи зисти аҳолӣ, ҳифзи марзу бум,

мустаҳкамнамоии амнияти миллӣ, дар доираи ҳадафҳои худ истифодаи фаъолияти  созмону ташкилотҳои хориҷӣ, ҳифзи захираҳои табиӣ ва ба монанди инҳо.

Раванди сиёсишавии дин бо таъсис ва шаклгирии ҳаракатҳо, ҳизбҳо ва гурӯҳҳои сиёсие, ки бо идеологияи динӣ асос ёфтаанд пайваст аст. Таҷрибаи бисёре аз давлатҳое, ки дар ҳудуди онҳо аҳзоби сиёсии исломгаро бо номҳои мухталиф фаъолият мекунанд, рӯшан нишон медиҳад, ки дар ин кишварҳо ба шарофати чунин ҳаракатҳо ва ҳизбҳо ҳеҷ пешравӣ мушоҳида нашудааст ва мушоҳида намешавад. Баръакс, дар миёни худи онҳо низ ихтилофу баҳсҳо дар мавриди ғасби қудрати сиёсӣ ба таври мунтазам авҷ гирифта, ба буҳрони муносибатҳои сиёсии ҷомеаи демократӣ ва мутамаддин мерасад, ки дар ниҳоят садди роҳи расидан ба ҳадафи ниҳоӣ ва барномаи рушд мешавад.

Мисоли равшани ин таҷрибаи Афғонистон аст, ки аҳолии он 40 сол боз дар зери ҳукмронии сиёсатмадорони минбарҳои гуногуни мазҳабӣ дарду ранҷи сахтеро аз сар мегузаронад. Судон, Ироқ, Сурия, Филиппин, Тунис ва бисёре аз кишварҳои Африқои Шимолӣ солҳои тӯлонӣ замонҳои нооромиро паси сар кардаанд ва раванди гузаштаи рушди мӯътадил, устувор ва пешрафтаи худро аз даст додаанд. Омили аслии чунин бесуботӣ дар шиддати муборизаи аҳзоби мазҳабӣ ба он маъност, ки як идда мутаассибон мехоҳанд идеологияи динии худро сиёсӣ гардонида, ба сари аксарият таҳмил кунанд. Чун дар як муборизаи табиӣ тавассути интихобот ин корро карда наметавонанд, роҳи муборизаи ғайриқонуниро пеш мегиранд, яъне ошӯб ва нооромиро ташкил мекунанд ва бо ҳамин мехоҳанд ба сари қудрати сиёсӣ расанд.

Дар боло ишора гардид, ки “мисоли равшани ин таҷрибаи Тоҷикистон аст, ки созмони ифротӣ-террористии ҲНИ 40 сол боз дар саҳнаи сиёсӣ қарор дорад. Ба гуфтаи раҳбарияти ин ҳизб, фаъолони он ҳанӯз дар солҳои 70-уми қарни гузашта масоили ба қудрат расидан ва ба як кишвари сирф мазҳабӣ табдил додани давлати дунявиро баррасӣ кардаанд. Пас аз анҷоми низоъҳои дохилӣ ин ҳизб ба ҳизби порлумонӣ табдил ёфт. Аммо дар сурати набудани

имкони ба тариқи демократӣ ба қудрат омадан вай дар ниҳоят ҳадаф ва ниятҳои аслии худро ошкор кард. Охирин имконияти ҲНИ табаддулоти давлатӣ буд, вале бо назардошти он ноком шуданд. Гуфтан мумкин аст, ки сенарияи бархе аз кишварҳои хориҷӣ дар бораи ташкили табаддулот тавассути нерӯҳои тундрав дар Тоҷикистон барои амалӣ шудан замина пайдо накард”[1]. Дар чунин шакл фаъолият ва амал кардани ин неруи сиёсӣ бе шубҳо хатар ба амният ва суботи ҷомеа ва давлати Тоҷикистон дорад.

Айни замон яке аз самтҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллии Тоҷикистон таблиғу ташвиқи идеологияи ифротгароёна ва тундгароёнаи динӣ дар фазои иттилоотӣ мебошад, ки аз ҷониби ташкилоти террористиву экстремистии ҲНИ роҳандозӣ гардидааст. Чунин ба назар мерасад, ки ташкилоти экстремистиву террористии ҲНИ дар ҷанги иттилоотии худ бо мардуми Тоҷикистон танҳо нестанд. Созмонҳои экстремистию террористии “Гурӯҳи 24”, “Ҳизб-ут-Таҳрир”, “Ваҳҳобия”, “Салафия” ва амсоли инҳо бо тамоми қудрат талош доранд, ки инкишофи Тоҷикистони азизро нодида гиранд ва дурнамои рушди онро зери савол баранд ва ба сари аҳолии кишвар фарҳанги бегонаро таҳмил намоянд. Ба хотири муваффақ гардидани худ ва амалӣ намудани сиёсишавии дин аз номи ислом ва арзишҳои муқаддаси он чунин шиорҳое ба миён мегузоранд, ки ба дин ҳеҷ иртиботе надоранд. Танҳо онҳое, ки худ намунаи некиву номусанд, фикру кирдорашон як аст, ҳақ доранд дар бораи ҳуқуқи инсон, шаъну шарафи инсон ва манфиатҳои ҷомеа ҳарф зананд.

Мураккабии таъмини амнияти миллӣ аз таҳдиду хатарҳои сиёсишавии дин ва фишорҳову таблиғоти иттилоотии гурӯҳҳои динии тундрав дар он аст, ки онҳо аз ҷониби аксар кишварҳои бо ном “демократӣ” эътироф ва ҳимоя мешаванд. Ин ҷо парадокс аст. Давлатҳои аврупоӣ аз як тараф худро дар муқобили сиёсишавии дин ва ҳокимияти давлатҳои теократӣ мегузоранд, аз тарафи дигар, онҳо гурӯҳҳо ва ҳаракатҳои динии террористиву

---

[1] В чем угроза религиозных партий? [Электронный ресурс]. – URL: https://www.vkd.tj/index.php/ru/informatsiya/ugrozy-sovremennogo-mira/17243-khatari-izb-oi-din-ba-davlatdorii-mill-2 (дата обращения: 10.01.2022 г.)

экстремистиро ҷонибдорӣ намуда, ҳамчун воситаи таъсиррасон ба сиёсати дохилии ин ва ё он кишвари рӯ ба инкишоф истфиода мебаранд. Аҷиб аст, ки дар бархе аз кишварҳои ғарбӣ ба ғавғои наздикони роҳбарони ҳизбӣ ва "Гурӯҳи 24" гӯш медиҳанд, онҳоро ба чанд ҳамоишҳои шубҳанок даъват мекунанд ва минбарҳо тақдим мекунанд. Умуман, созмонҳои дифоъ аз ҳуқуқи башар бояд вазъи худи кишварро омӯзанд, дар асоси далелҳо маълумоти воқеӣ дошта бошанд, аммо мутаассифона, баъзан баръакс мушоҳида мешавад. Намояндагони ин созмонҳо ба ҳарфҳои роҳбарон ва пайравони ин зумра ҳизбҳо гӯш медиҳанд. Ба андешаи онҳо, ки дар асоси иттилооти тундгаройӣ таҳия гардидаанд, дин дар Тоҷикистон дар ҳолати вазнин қарор дорад ва ҳеҷ озодии динӣ риоят намешавад, ки иштибоҳан ғалат аст. Масалан, дар моддаи 26 – уми Конститутсияи Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои динӣ кафолат дода шудааст: "Ҳар кас ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд"[1]. Аммо воқеият ин аст, ки ҳар касе, ки худро пайрави ислом ва мазҳабҳои он медонад, комилан озод аст ва озодона аз озодиҳои динии худ амал мекунад.

Фаъолони ташкилоти террористиву экстремистии ҲНИ аз ҳар роҳ мехостанд, ки динро дар мубориза барои қудрат ба унвони абзори худ истифода баранд, ва суботу анияти миллии кишварро халалдор кунанд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ замоне дар ҳоли изтироб буд, ки баъди дар Тоҷикистон созмони ифротӣ-террористӣ эълон шудани ҲНИ намояндагони онро дар кишварҳои аврупоӣ бо эҳтиром истиқбол гирифтанд ва аз онҳо як идда мансабдорони баландпоя пуштибонӣ карданд.

Воқеан, аз ибтидои пайдо шудани ин ҳизб дар арсаи сиёсӣ мардуми Тоҷикистон аз он истиқбол намекарданд, зеро аз таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ маълум буд, ки дар ҷое, ки дин сиёсӣ мешавад, ҳатман таҳдид ба амният ва суботи ҷомеа вуҷуд дорад. Барои сулҳу амонӣ хатар эҷод мегардад.

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Моддаи 26. – Душанбе, 2016. – С. 8.

Таъкидҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи таҳдид ба амният ва суботи давлату миллат будани раванди сиёсишавии дин, ки ба ташкили гурӯҳҳо, ҳаракатҳо, созмонҳо ва ҷараёнҳои террористиву экстремистӣ оварда мерасонад, сариваҷтист. "... сиёсисозии дини ислом ҳамчун бузургтарин хатар ба таъмини амният, сохти конститутсионӣ, дунявият, сулҳу субот ва рушди иқтисодиву иҷтимоии давлатҳо арзёбӣ мегардад"[1].

Чунонки мушоҳида мекунем, вазъи ҷаҳони муосир бар асари кӯшишҳои азнавтақсимкунии дунё ва дар ин замина шиддат гирифтани бархӯрдҳои геополитикиву геоиқтисодӣ ва мусаллаҳшавии бошитоб рӯз то рӯз печидаву пешгӯинашаванда гардида истодааст.

Бо вуҷуди чораҳои аз ҷониби давлатҳо дар самти мубориза бо терроризму экстремизм андешидашаванда фаъол гардидани гурӯҳҳои ҷинояткор ва созмонҳои террористӣ гувоҳи равшани вазъи мураккаби сайёра мебошад.

Тайи солҳои охир зиёда аз 100 давлати дунё ҳадафи ҳамлаҳои террористӣ ва амалҳои экстремистӣ қарор гирифта, шумораи ҳалокшудагон бар асари чунин аъмоли харобиовар ба садҳо ҳазор нафар ва зарари моддии он ба садҳо миллиард доллар расидааст.

Равандҳои муосири ҳарбиву сиёсии минтақа ва ҷаҳон собит месозанд, ки сӯиистифода аз терроризм ва идеологияи хушунатомези ифротгароӣ, кӯшишҳои сиёсисозии дини ислом ҳамчун бузургтарин хатар ба таъмини амният, сохти конститутсионӣ, дунявият, сулҳу субот ва рушди иқтисодиву иҷтимоии давлатҳо арзёбӣ мегарданд.

Ба ҳайати гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ шомил гардидани баъзе шаҳрвандони Тоҷикистон ва ба задухӯрдҳои хунин дар минтақаҳои даргир ҷалб гардидани онҳо боиси нигаронии ҷиддӣ ва як навъ хатар ва таҳдиди

[1] Суханронӣ дар чорабинии тантанавӣ ба ифтихори 26-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ [Захираи электронӣ]. – URL: http://prezident.tj/node/19456 (санаи муроҷиат: 02.02.2022 с.)

воқеӣ ба амнияти миллӣ мебошад. Аслан, тавре ки борҳо ишора карда шуд, кӯшиши сиёсӣ кардани ислом кори бисёр хатарнок мебошад.

Мо даҳшати чунин вазъро солҳои 90-уми асри гузашта дар кишвари худамон, ки нав ба истиқлолият расида буд, дидем ва онро ҳаргиз фаромӯш набояд кунем.

Лекин дар миқёси ҷаҳон, мутаассифона, доираҳои муайян тайи даҳсолаҳои охир тавассути сиёсӣ сохтани дини сулҳхоҳи ислом лоиҳаву нақшаҳои ғаразноки худро амалӣ гардонида, чандин кишварҳои дунё, аз ҷумла мамлакатҳои дар гузашта оромро ба вартаи ҷангу хунрезиҳои даҳшатнок ва ҳатто нобудии низоми давлатдорӣ расонида истодаанд.

Дар ин раванд, мафҳумҳои «радикализми исломӣ» ва «экстремизму терроризми динӣ»-ро танҳо ба номи дини мусулмонон мансуб медонанд[1]. Ин дар ҳолест, ки ислом табиатан ва моҳиятан ҷаҳонбинии сулҳу салоҳ мебошад ва бо хушунату зӯроварӣ, ҷангу хунрезӣ ва терроризму экстремизм умумияте надорад. Марказҳои таҳлилӣ ва мақомоти давлативу ташкилотҳои оммавӣ ба мардум, хусусан, ба наврасону ҷавонон бояд дақиқ фаҳмонанд, ки бозичаи дасти дигарон ва иҷрокунанди иродаи доираҳои ғаразнок нашаванд.

Он чиз зарур аст, ки дини ислом ҳама гуна зуҳуроти экстремизм, терроризм, душманӣ, адоват, ҷанг ё задухӯрдҳоеро, ки нерӯҳои экстремистӣ ва террористӣ ба он даъват мекунанд, қатъиян маҳкум менамояд. Аммо дар тафаккури доираи муайяни муҳаққиқони кишварҳои Ғарб андешаи ботиле ҷой дорад, ки гӯё дини ислом сарчашмаи ҳама гуна «ифротгароии динӣ», экстремизм ва терроризм аст. Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон дар асарҳо, мақолаҳо ва Паёмҳои таърихии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон беасос будани ин андешаҳоро қатъиян маҳкум намудааст. – «Гузашта аз ин, имрӯз дар миёни ҷаҳони ислом ва Ғарб нофаҳмӣ ба вуҷуд омадааст, ки он торафт азиму хатарнок мегардад. Мутаассифона, дар тафаккури доираи муайяни Ғарб чунин ақида ҷой гирифтааст, ки гӯё

[1] Ниг.: Суханронӣ дар чорабинии тантанавӣ ба ифтихори 26-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ [Захираи электронӣ]. – URL: http://prezident.tj/node/19456 (санаи муроҷиат: 02.02.2022 с.)

ифротгароӣ хоси табиати ислом – яке аз динҳои ҷаҳонӣ бошад. Чунин муносибат ба мардуми мусулмон, ки аз уқёнуси Ҳинд ва Ором то уқёнуси Атлантик маскунанд ва панҷяки аҳолии сайёраро ташкил медиҳанд, аз рӯи адолат нест. Дини ислом чун ҳама динҳои дигар инсониятро ба таҳаммул, тараҳҳум ва тавозӯъ ҳидоят намуда, ҳама гуна зӯроварӣ ва кушторро маҳкум месозад. Бинобар ин, терроризм ва ифротгароиро бо ислом пайванд додан хатои маҳз аст. Терроризм ба ягон дин, мазҳаб ё миллат хос нест. Барои он, ки дини ислом минбаъд ҳамчун манбаи зӯроварию фишор қаламдод карда нашавад, мо бояд ба ҷаҳолат маърифатро муқобил гузорем, ва ба ҷои муқовимати тамаддунҳо гуфтугӯи тамаддунҳоро ба роҳ монем. То замоне инсоният ба ин ҳамкорӣ ва гуфтугӯи судманд муваффақ нагардад, хатари терроризм ва ифротгароӣ боқӣ мемонад».

Ба ҳамагон маълум аст, ки имрӯз олами ислом ҷараёнҳои мураккаби иҷтимоиву сиёсиро аз сар мегузаронад. Хосатан дар Шарқи Наздик ва дар дигар манотиқи дунё беқарорӣ, ихтилофу низоъ ҳукмфармост.

Тибқи маълумотҳо имрӯз дар чаҳон беш аз 500 созмонҳои террористӣ амал мекунанд, ки 80% онҳо зери ниқоби дини ислом фаъолият мебаранд. Ба қатори ташкилотҳои террористӣ «ал-Қоида», «Бародарони Мусулмон», «Ҳизбут-таҳрир», «ал-Ҷиҳод ал-Исломӣ», «ат-Такфир вал-Ҳиҷра» (Миср), «Абу Сайёф» (Филиппин), «Озод Ачех», «Лашкари ҷиҳод» (Индонезия), «Ҳаракати яроқноки исломӣ» (Ҷазоир), ваҳҳобия, гурӯҳи Абу Нидал, Ал-Ҷамоа ал-исломия, ҲАМАС, Ҳаракат ал-муҷоҳиддин, Ҳизбуллоҳ, «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» ва ғайра дохил мешаванд[1].

Аз расонаҳои хабарӣ огоҳ хастем, ки имрӯзҳо созмони ба ном «Давлати исломӣ» (аз соли 2013- Давлати исломии Ироқу Шом) ба яке аз бузургтарин гурӯҳҳои террористии ҷаҳон, хосатан олами ислом табдил ёфтааст. Чи тавре, ки маълум, аст «Давлати исломӣ» дар Ироқу Сурия ва дигар давлатхои араб зӯроварӣ, қатлу ғорат, кушторҳои бераҳмонаро ба роҳ мондаанд. Роҳбарон ва

---

[1] Ниг.: Ифротгароии динӣ - таҳдид ба манфиатҳои миллӣ [Захираи электронӣ]. – URL: https://www.hgu.tj/news/post/ifrotgaroii-dini-tadid-ba-manfiatoi-milli.html (санаи муроҷиат: 02.02.2022 с.)

пешвоёни ғоявии «Давлати исломӣ» ин ташкилотро ба сифати бузургтарин созмонии исломӣ муаррифӣ мекунанд. Аммо аз рӯи амалаш ин ташкилот имрӯз ба созмони ҷиноятпешаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Созмони мазкур дар давраи аввал бо номи «Ҷамоат ал-Тавҳид в -ал - Ҷиҳод» маълум гашт, сониян якчанд бор номи худро иваз намуда, аз январи соли 2006 дар натиҷаи муттаҳидшавии гурӯҳҳои террористӣ ба як ташкилоти воҳид бо номи «Ал – Қоидаи Ироқ» машҳур гашт. Сониян «Шурои муҷоҳид» ном гирифтааст. Аз октябри соли 2006 бо номи «Давлати исломии Ироқ» ба ҳайати ибтидоии он шохаи Байнаннаҳрайнии «Ал-қоида» таҳти роҳбарии Абу Мусаб –ал Зарқавӣ, муҷоҳидони Шурои болоии Миср ва аъзои гурӯҳи ҳарбии ироқи ҷанубии Ҷунд ас- Самой, ки дар расонаҳои хабарии Ғарб бо номи «Аскарони осмонӣ» маълум буд, шомил гашта буданд.

